ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ
ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 891.550 (83.3 (2Т))

**РАҲИМӢ МИҶГОНА РАҲИМ**

# ТАҲАВВУЛИ ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**(дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор
Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода

ДУШАНБЕ – 2024

## МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА…………………………………………………………......……..3-5

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ………………………………………….....…6-11

БОБИ I. САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР
ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ……………………….……….....12-69

1.1. Тасвири симои зан дар устураҳои эронӣ ва адабиёти аҳди бостон.........13-30

1.2. Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ....31-37

1.3. Занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он
дар адабиёти ин давра...........................................................................................38-69

БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР
ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ……………………….................70-147

2.1. Тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони
муосири тоҷик……………………………………………....................76-94

2.2. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли
аввали замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ)……….95-114

2.3. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли
дувуми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Фарзона)…..............115-140

2.4. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли
сеюми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Озар Салим)………..141-147

БОБИ III. ҶАНБАҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ
ДАР ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР…………………………148-163

ХУЛОСА…………………………………………………………......164-166

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....167

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ………………………………………………….168-183

НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ……..184-185

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**: Дар ҷаҳони муосир масъалаи зан яке аз масоили муҳими ҷомеа ба шумор рафта, на танҳо диққати суханварону донишмандон, балки ҳамчун як проблемаи бузурги гендерӣ шинохта шуда, таваҷҷуҳи созмонҳои бонуфузи байналмилалиро низ ба худ ҷалб намудааст. Занон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ анқариб нисфи сокинони сайёраи моро ташкил медиҳанд ва таърихи башарият собит карда, ки саодату хушбахтии инсоният ба мақоми баланд доштани зан-модар дар ҷомеа ва арҷ гузоштан ба ӯ вобаста аст.

Тасвир ва тавсифу ситоиши зан-модар аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт буда, аз ибтидои тамаддуни башарӣ оғоз меёбад. Дар адабиёти оламшумули форсӣ- тоҷикӣ тасвири зан-модар собиқаи дерина дошта, аз адабиёти даврони бостон сарчашма мегирад. Дар тули таърихи беш аз 3000 солаи адабиёти мо образи зан-модар тасвирҳои гуногун дорад. Дар адабиёти асримиёнагии мо бештар маврид зан  ба сифати маҳбубаю маъшуқа ва намоду рамзи зебоию дилрабоӣ ба тасвир омадааст. Дар осори баъзе нависандагони асримиёнагӣ, аз ҷумла дар бархе асарҳои насри ривоятӣ занро аз дидгоҳи инсонӣ нигариста, ӯро ба ҳайси соқӣ, мутрибу хунёгар, раққос ва маъшуқаву канизе ба тасвир овардаанд, ки ниёзҳои онҳоро бароварда мегардонад. Ҳамчунин, занситезӣ ва пасту заиф шумоaридани зан, ки дар ҷомеаи асримиёнагӣ вуҷуд дошт, то андозае дар адабиёти он давр бозтоб ёфтааст. Аммо аз устод Рӯдакӣ то ба  имрӯз шоирони мо занро бештар ба ҳайси олиҳаи зебоӣ ва модарро  сумбули отифаву меҳрубонӣ  ба тасвир кашидаанд. Дар адабиёти муосири тоҷик, алалхусус, дар замони Шуравӣ, ки озодии зан ҷузви идеологияи давлатӣ буд, ин мавзуъ бештар густариш ёфта, вале танҳо ҷанбаҳои  мусбати он ба тасвир кашида шуда, ранҷу заҳмати зан-модар аз назари шоирон дур мондааст. Дар адабиёти замони Истиқлол зан-модари тоҷик бо такя ба сунатҳои  миллӣ  ҳаматарафа, бо шодию нишот ва дарду ранҷаш таҷассум ёфта, ки мавзуи баҳси диссертатсияи мост. Таҳқиқи мавзуи диссертатсия мо, агар аз як сӯ, татбиқи сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, алалхусус таъкиду дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар мавриди нақши зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт равшан гардонад, аз сӯи дигар, мақоми зан-модари тоҷикро дар ҷомеа таъйин намуда, таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри замони Истиқлол мушаххас менамояд. Таҳқиқи мавзуи мазкур аҳаммияти илмию адабӣ ва эстетикию тарбиявӣ дошта, дар шинохти дурусти адабиёти замони Истиқлол ва арҷ гузоштану ҳифз намудани суннатҳои миллӣ дар мавриди зан-модар замина муҳайё мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Дар адабиётшиносии собиқ Ҷамоҳири Шуравӣ, Аврупо, Русия, Эрон, Афғонистон, Тоҷикистон ва кишварҳои дигар перомуни нақши зан дар ҷомеа ва тасвири он дар адабиёт китобу мақолоти зиёде ба нашр расидаанд. Аз ҷумла Ҷамолзода Сайидмуҳаммадалӣ «Тасвири зан дар фарҳанги эронӣ» [157], Борталома, А. Кристенсен «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» [93], Ҷалол Сатторӣ «Симои зан дар фарҳанги Эрон [126], Бостонии Порезӣ, Муҳаммадиброҳим «Кӯчаи ҳафтпеч» [95], Ширин Баёнӣ «Зан дар Эрони асри муғул [91], И.С. Брагинский «Вассофи зани мубориз [188], Ҷ. Бобокалонова «Нақши зан дар номаи шоҳон» [96], «Образи занони советӣ дар адабиёти тоҷик [97], «Васфи зани озод [185], А.С. Гинуавашвили «Заметки о женских образах в «Шахномаме» [189], Фарҳат Қоиммақомӣ «Озодӣ ё асорати зан» [113], Қуббонӣ Н. «Шеър, зан ва инқилоб» [114], Аминова С. «Женские образы в творчестве С. Айни» [158], Қурбонов М. «Консепсияи бадеии образи модар дар шеъри муосири тоҷик» [116], Зулайхо Сақафӣ «Таҷаллии зан дар осори Мавлавӣ» [125], Муҳандис Аббоси Тайло ««Зан дар оинаи таърих [134], Шаҳло Лоҳиҷии Меҳрангезкор «Шинохти ҳуввияти зани эронӣ дар устураи пеши таърих» [117], Уитмен Уолт «Женшина в мифах и легендах» [135], Г. Шарофова «Женские образы в персидско-таджикской народных дастанах [176], М.Яукачева «Тема освобождения женщины в современной персидской художественной прозы» [179], «Проблема освобождения иранской женщины в соременной персидской прозы» [207], «Образы женщин в произведениях Бозорга Аляви [208], Абулқосими Ҳолат «Зандорӣ ва гирифторӣ» [149],

Бунафша Ҳиҷозӣ  «Зан ба танзи таърих [148], Исмаилова Ф.Е. «Типология женских образов в казахской прозе 20х-30х годов» [163], Шоева Н. А. «Ҷойгоҳи зан дар қиссаҳои нависандагони муосири тоҷик(проблема эмансипатсия)» [177], Шофақирова Р.М. «Образ жещины-матеры в «Шахноме» Фирдоуси» [178], Гончикова Н.Д. «Образ женщины в культуре бурят» [161], Ашурова Н.Д. «Эволюция  художесвенного видения образа женщин в персдско-таджикской классической литературе (на примере творчества Фирдоуси и Низами)» [160], Бобоева Т.Н. «Система образов в современной таджикской поэзии (на примере творчества Фарзоны) [161], Азизова А. «Симои зан дар эҷодиёти Бозор Собир» [182] ва ғайра. Ҳамчунин, дар китобу мақолаҳои донишмандони тоҷик М. Шакурӣ [152], А. Сатторзода [189], Ю. Акбаров [87], Х. Шарифов [192], А. Сайфуллоев [188], Х. Асозода [88;89], А. Ҳаким [140], М. Мирзоюнус [119], А. Абдусатторов [85], С. Ҳакимова [142], Т. Келдиёров [184], М. Нарзиқул [121] ва шоироне, монанди Гулназар Келдӣ [182], М. Аҷамӣ [90] ва дигарон ҳангоми баррасии масъалаҳои шеъри муосир ба мавзуи мавриди назар ишораҳо ба назар мерасад.

Дар китобу мақолаҳои донишмандони зикршуда, ки ҳар як масъалаи мушаххас доранд, масъалаҳои мухталифи адабиёти муосир, аз ҷумла ҷойгоҳи зан дар ҷомеа ва образи зан-модар дар осори ин ё он адиб ва ғайра баррасӣ шудааст. Мавзуи тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол чун як мавзуи ҷудогона таҳқиқ нашудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи пажӯҳиш бо барномаҳои таълимӣ ва мавзуъҳои таҳқиқоти илмии самти суханшиносӣ робитаи бевосита дошта, таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ дар доираи корҳои илмӣ-татқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, мувофиқ ба самти «Таҳқиқи осори адабиии шоирони муосири тоҷик» анҷом ёфтааст. Натоиҷ ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ метавонад нақши муҳим бозад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи рисола таҳқиқи монографии тасвири симои зан-модар  дар шеъри замони Истиқлоли адабиёти тоҷик аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ҳалли пурраи мавзуъ, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад, ба таҳқиқу  баррасӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои мушаххаси зер кӯшиш шудааст:

– таъини мақоми зан-модар дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ ва бозтоби он дар устураҳои эронӣ ва осори бозмондаи адабиёти аҳди бостон;
– муайян кардани сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ;
– муайян намудани сабабҳои занситезӣ ва пасту заиф шуморидани зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра;
– муайян намудани арзишҳои адабиии  тасвир ва тавсифи зани озод дар адабиёти муосири тоҷик;
– муайян намудани таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол;
– мушаххас намудани мақоми зан дар ҷомеаи кунуни тоҷик ва бозтоби он дар шеъри замони Истиқлол;
– таъини мушаххасоти симои зан ва модари тоҷик дар шеъри замони Истиқлол;
– таъини арзишҳои адабию ҳунарӣ ва зебоишиносии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар.

**Объекти таҳқиқ.** Объекти асосии таҳқиқи диссертатсия ашъори шоирони замони Истиқлол, алулхусус, шеърҳои Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ  ва Озар Салим мебошад.

**Предмети таҳқиқ**. Предмети таҳқиқи диссертатсия таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Асосҳои назарии диссертатсия ба асарҳои татқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ, амсоли В.Г. Белинский, Э.Е. Шаталов, М.Ю. Лотман, Д.С. Лихачёв, М. Шакурӣ, Ш. Кадканӣ, С. Табаров, А. Сатторзода, Р. Мусулмониён, Х. Асозода, Ю. Акбаров, А. Ҳакимов, А. Абдусатторов, М. Футуҳӣ, Ф. Абдуллоҳ, А. Қазва, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, У. Сафаров, М. Нарзиқул, Ш.Р. Исрофилниё ва дигарон бунёд ёфтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавию таърихӣ, матншиносӣ, қиёсию татбиқӣ ва оморӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ашъори шоирони даврони Истиқлол, хусусан, Раҳмат Назрӣ, Фарзона, Озар ва дигарон ба сифати маводи асосӣ хидмат кардаанд. Ҳамчунин, барои таъини сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ осори бозмондаи адабиёти аҳди бостон, осори назмию насрии суханварони асрҳои миёна, ашъори шоирони муосири тоҷик мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгонии илмии дисертатсия.** Навгонии илмии диссертатсия дар нукоти зер таҷассум ёфтаанд:

– дар диссертатсия бори нахуст таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба таври монографӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, заминаҳои ташаккулу таҳаввули мавзуъ муайян гардидааст;

– бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик мавқеъи зан-модар дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо муайян гардида, бозтоби он дар осори адабии аҳди бостон нишон дода шудааст;

– мақому манзаллати зан дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ таъин шуда, сабабҳои занситезию пасту заиф шуморидани зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра бо далоили илмию шавоҳиди шеърӣ собит гардидааст;

– таъини орояҳои ҳунарӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар аз навгонии муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар ҷаҳони муосир масъалаи зан ва арҷ гузоштан ба мақому манзалати ӯ дар ҷомеа аз масоили асосӣ буда, диққати на танҳо суханварон, балки равшанфикрони соҳаи мухталифи илму фарҳангро ба худ ҷалб намудааст. Маҳз дар замони Истиқлол зан-модари тоҷик мақоми арҷманд ёфт ва бозтоби сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиболи зан-модар дар шеъри ин давра тасвири густарда ёфтааст.

2. Мавзуи зан-модар аз мавзуъҳои ҷовидона буда, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ собиқаи куҳан дорад. Сарчашмаҳои таърихию динӣ ва осори бозмонда аз адабиёти аҳди бостон гувоҳи онанд, ки зан-модар дар ҷомеа ақвоми ориёӣ мақоми махсус дошта, на танҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, балки дар умури динию давлатдорӣ иштироки фаъол доштаанд. Таҳқиқи ин масъала имкон медиҳад, ки мақоми зан-модарро дар ҷомеаи аҳди бостонии ниёгон равшан гардад ва тасвири симои онҳо дар осори бадеӣ ба дурустӣ шинохта шавад.

3. Дар баробари тавсифу ситоиши зан-модар дар адабиёти асрҳои миёнаи форсӣ-тоҷикӣ, хусусан дар адабиёти аҳди классикӣ, занситезию пасту заиф шумоnatural ридани зан, ки дар ҷомеаи он даврон мавҷуд буд, бозтоби он дар осори адабӣ ба мушоҳида мерасад. Пажӯҳишу баррасии ин масъала шароит фароҳам меоварад, ки сабабҳои мавҷудияти андешаҳои занситезӣ дар он даврон ба дурустӣ шинохта шавад ва афкори суханварон дар ин масъала мушаххас гардад.

4. Тавсиф ва тасвири симои зани озод дар дабиёти муосири тоҷик ба таври густарда ба мушоҳида мерасад ва маҳз дар ҳамин давра шеъру достонҳо дар васфи зани озод ва «Модарнома»-ҳо ба вуҷуд омаданд. Таҳқиқи ин масъала имкон медиҳад, ки арзиши адабӣ ва эстетикии ашъори ба зан-модар бахшидаи шоирони ин давра муайян гардад ва озодии нисбии зани тоҷик, хосса занони деҳот, ки гоҳ-гоҳе дар шеъри баъзе шоирон ба тасвир кашида шудааст, ба дурустӣ шинохта шавад.

5. Шароити мусоиди замони Истиқлол имкон дод, ки таҳаввули назаррасе ҳангоми тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар адабиёти тоҷик ба вуҷуд ояд. Симои зан-модари тоҷик дар шеъри замони Истиқлол бо такя ба суннатҳои миллӣ, бо дарду ранҷ ва нишоту шодмонияш ба риштаи тасвири бадеӣ кашида шуда, ки ҳуввияти миллии тоҷиконаи ӯ ҳувайдост. Таҳқиқи мавзуи мазкур имкон медиҳад, ки идомаи суннатҳои адабии адабиёти гузашта ва навоварии шоирони тоҷик дар тасвири симои зан-модар мушаххас гарданд.

6. Ошноии шоирони замони Истиқлол аз адабиёти ҷаҳон ва алалхусус аз адабиёти ҳамзабонони хориҷӣ, таъсири назаррасе ҳам дар тарзи тасвир ва ҳам дар шаклҳои шеърии ашъори шоирони тоҷик гузоштааст.

7. Орояҳо адабӣ дар тасвирҳои шоирона, ки бино ба таъкиди шеършиносон, ҷавҳари зотии шеър ба ҳисоб меравад, дар тасвири зан-модар аз муҳимтарин дастовардҳои шеъри замони Истиқлол буда, таҳқиқи ин масъала дар шинохти завқу салиқаи суханварӣ, ҳунари шоирӣ ва диди зебоишинохтии ҳар як суханвар нақши муҳим мебозад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи зан-модар дар ҷаҳони муосир на танҳо баҳси илми адабиётшиносӣ, балки баҳси илмҳои мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърихшиносӣ,фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар низ мебошад. Аз сӯйи дигар, шеъри тоҷикӣ дар замони Истиқлол ҳам аз ҷиҳати мавзую муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шакл хеле густариш ёфт ва дар баробари он масъалаҳои зиёде ба миён омаданд, ки ҳалли ногузири худро талаб доранд ва яке аз ин масъалаҳо таъини мақоми зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт мебошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар навиштани таърихи адабиёти тоҷик, алалхусус, адабиёти замони Истиқлол, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳои ихтисос доир ба тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин, дастовардҳои диссертатсияро ҳангоми

навиштани китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик» барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  метавон истифода бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми фардии диссертант дар омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввули тасвири симои зан- модар дар шеъри тоҷики замони Истиқлол, таъини заминаҳои  пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти беш аз 3000-солаи форсӣ-тоҷикӣ, ҷамъоварии маводи фаровон сарчашмаҳои дараҷаи аввал ва коркарди онҳо, муайян намудани мушаххасоти шеъри замони Истиқлол ва вижагиҳои сабкии шоирони ҷудогона дар тасвири мавзуи мавриди таҳқиқ, таъини ҷанбаҳои ҳунарӣ ва завқи зебоишинохтии онҳо дар тасвирҳои шоирона, омода намудани мақолаву маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мундариҷаи асосии диссертатсия дар маърузаҳои  довталаби илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла конференсия ҷумҳуриявӣ дар  мавзуъҳои «Лоиқ Шералӣ ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик»,  «Солномаи Айнӣ», «Муносибати босалоҳият ба таълим ва мушкилоти татбиқи он дар МТМУ»(Душанбе, 2021), «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим (Душанбе, 2022) ва конференсияҳои донишгоҳии ҳайати устодону кормандони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикситон ба номи С. Улуғзода(ҳоло ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода) ва ДДОТ ба номи С, Айнӣ (солҳои 2012-2022), автореферат ва мақолаҳои муаллиф, ки дар маҷмуа ва маҷаллаҳои гуногун ба нашр расидаанд, мунъакис гардидаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи  кафедари назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳии байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон  ба номи Сотим

Улуғзода аз 16.03.2024 (суратҷаласаи №8) муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълимфоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Хулосаҳои асосии диссертатсия дар 12 мақола, аз ҷумла 5 мақолаи илмие, ки дар феҳристи маҷаллаҳои шомилбудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷалла ва маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп гардидаанд, ифода ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 185 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I

# САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Барои таҳқиқи дақиқу ҳамаҷонибаи тасвири зан, хусусан образи модари тоҷик дар шеъри замони Истиқлол бояд сараввал, заминаҳои пайдоиши ин образ ва ташаккулу такомули онро дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ баррасӣ намуд. Образи зан-модар ба сифати рамзи пойдории ҳаёт, идомадиҳандаи насли башар ва отифаи ҳусну зебоӣ дар тули таърихи беш аз 3000-солаи ин адабиёти оламшумул ба ҳеч ваҷҳ манзалату мақоми худро аз даст надода, бо вуҷуди ҳақиру заиф шумоpидани зан дар ҷомеаҳои муайяни таърихӣ, ҳамвора мавриди таваҷҷуҳи суханварон қарор доштааст.

Новобаста аз мавқеи бузург доштани мавзуи зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва ба майдон омадани корҳои зиёди таҳқиқотӣ мафҳуми зан-модар ба ҳайси категорияи адабӣ ва консепсияи бадеӣ чунонки шоиста аст, дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.Мафҳуми зан-модар ва мақоми бузург доштани ӯ дар зиндагии инсон боис шуда, ки тамоми расму русум, дини оин, ҷашнҳо, эътиқоду боварҳо ва умуман тамоми суннатҳои миллии мардуми тоҷик тавъам бо исми ин отифаи ҳусну зебоӣ ва ишқ ва намоди меҳрубонию ҷонфидоӣ рақам хурад. Суннатҳое, ки имрӯз дар шеъри муосири тоҷик ҳангоми тасвиру тавсифи симои зан-модар ба назар мерасанд, реша дар қаъри асрҳо доранд.

Аз ин рӯ, як назари иҷмолӣ ба сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули ин образ ба дурустӣ муайян гардад. Ин амал шароит фароҳам меоварад, ки симои мавриди таҳқиқ ҳаматарафа ва дуруст шинохта шавад ва раванди таҳаввули он дар ҳар давраи адабиёт мушаххасу муайян гардад.

### 1.1. Тасвири симои зан-модар дар устураҳои эронӣ ва адабиёти аҳди бостон

Чуноне қаблан зикр намудем, тасвири симои зан дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ собиқаи куҳан дорад. Дар осори бозмонда аз аҳди бостон, хусусан дар матнҳои асотирӣ зан аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст ва ин ҳама далолат бар он доранд, ки дар ҷомеаи дунёи қадими мардуми ориёӣ зан-модар мақоми волое доштааст. Хусрави Қулизода менависад: «Дар таърихи асотирии Эрон метавон ба занони бисёре ишора кард. Тақрибан ҳар шахсияте дар канори худ аз кӯмаки унсури зан баҳра мебарад. Монанди Аҳриман, ки Ҷиҳӣ (дар «Авесто «Ҷиҳика»)-ро дар канор дорад ва Урмузд Сипандормазро. Дар миёни Амшоспандон се тан, яъне Баҳман, Урдубиҳишт ва Шаҳревар музаккаранд ва се тани дигар, яъне Спандормаз, Хурдод ва Амрдод муаннасанд. Се эзади мард аз сӯйи рости Урмузд ва се эзади муаннас дар самти чапи ӯ қарор мегиранд. Фараҳи Зардушт аз тариқи модараш Дуғду ба ӯ мунтақил шуд. Дар банди 139 то 141 аз Яшти 13 аз чандин зани ҷомеаи зардуштӣ бо тавзеҳоте роҷеъ ба шавҳарони онҳо ва чанд дӯшиза ва даҳ зан (ки роҷеъ ба онҳо тавзеҳоте дар ҷои дигар нест) сухан меравад. Инон заноне будаанд, ки насаб ва хонадонашон комилан маъруф ва шинохташуда буд. Нахустини онон Ҳувӣ- зани Зардушт аст ва се зани дигар Фарин, Сарит ва Пуручисто духтарони Зардуштанд, ки аз севумин дар «Гоҳон» сухан рафтааст» [115, 246]. Бояд зикр кард, ки асотири эронӣ бозгӯи ҷаҳонбинӣ ва тарзи нигариши ақвоми ориёӣ ба ҳастӣ мебошад. Аз ин рӯ, метавон бо баррасии устураҳои эронӣ мавқеи зан-модарро дар дунёи бостон то андозае муайян кард. Чунончи ишора шуд, ҳеҷ як шахсияти бузурги асотирӣ бидуни зан ҳузур надорад. Занҳо, агар аз як тараф, такягоҳи асосии қаҳрамонҳо бошанд, аз сӯи дигар, нуқтаи заъфи онҳо низ буда метавонанд. Аз ин дидгоҳ дар асотири эронӣ занҳои бузурге ҳастанд, ки аз онҳо ҳам дар «Авесто» ва ҳам дар дигар осори паҳлавӣ, монанди «Бундаҳишн»-у «Динкард» ва осори бозмондаи суғдӣ ёд шудаанд. Ҳамчунин занҳои патёрае, монанди Ҷиҳӣ – ҳамсари Аҳриман ҳастанд, ки шавҳарҳояшонро ба анҷоми корҳои бад

вомедоранд ва боиси шикасту таҳқири шавҳарҳояшон мешаванд. Намунаи дигар, зани Таҳмурас мебошад, ки аз боиси ӯ шавҳараш аз Аҳриман шикаст хурд ва ё Судоба, ки боиси таҳқири Ковус гардид. Аммо дар асотири эронӣ бештар занҳои қаҳрамон ва эзадбонуҳое ҳастанд, ки симои воқеии зани ориёӣ ва мақоми баланди зан-модарро дар дунёи қадим нишон медиҳанд.

Занҳо дар дунёи маънавӣ ва руҳонии мардуми ориёӣ низ мақоми баланд доранд. Дар Яшти 13 банди 141 аз чанд духтари бокираи муқаддас сухан меравад. Тибқи ин устураҳо пас аз марг инсони парҳезкору порсоро бар сари пули Чинвад (дар дини ислом – пули Сирот) дӯшизаи понздаҳсолаи зебоӯй ба истиқболи ӯ меояд. Ӯ ба равон мегӯяд, ки дин равони парҳезкор аст ва ӯро ба саломат аз пул мегузаронад. Бино ба ақидаи зардуштиён, дар поёни ҳар ҳазор сол пас аз марги Зардушт дӯшизаи понздаҳсола дар оби дарёчаи Каёнса (ки нутфаи Зардушт дар он аст) оббозӣ мекунад ва аз нутфаи Зардушт мавҷуд дар он об бордор мешавад. Аз ин нутфаи Зардушт мубаллиғони дини зардуштӣ ба дунё хоҳанд омад. Бино ба таҳқиқи маздошиносон, дар суннати зардуштӣ дар умури издивоҷ аз панҷ зан ном бурда мешавад, ки вобаста ба мақому дараҷаашон чунин табақабандӣ шудаанд: Якум: «Подшоҳзан- ба духтаре гуфта мешавад, ки бо ризояти худ ва падару модараш издивоҷ кунад ва мард ҳақ надорад бидуни ризоияти ӯ зани дигар гирад, магар дар мавориди хосе. Чунин зан аз куллияи ҳуқуқ қонунӣ бархурдор аст ва дар ҳар сурат таҳти такаффули шавҳар аст» [115, 147]. Дувум: «Чакарзан - ҳар гоҳ зани бева баъд аз даргузашти шавҳари аввали худ, ба никоҳи дигаре дармеояд, ин издивоҷ таҳти унвони «чакар» сурат мегирад. Ин зан дар хонаи шавҳар мақоми кадбонуиро дорад ва аз тамоми ҳуқуке, ки подшоҳзан дорад бархурдор аст, вале пас аз марг ойини хоксупорию маросими мазҳабии марбута то сирӯза бар уҳдаи шавҳари дувум аст ва тамоми ҳазинаҳои пас аз он ба дӯши бастагони шавҳари аввалаш мебошад» [115, 182]. Бино ба андешаи ориёиҳои аҳди бостон, ин зан дар зиндагии пас аз марг азони шавҳари нахустини худ мебошад ва ба ҳамин сабаб пайванди заношӯии ӯ бо шавҳари дувум зери номи чакарзан баста мешавад. Ин нуктаро ҳам бояд зикр кард, ки дар Эрони бостон издивоҷ ба сурати як ҳамсарӣ

буд. Бино ба гуфтаи муҳаққиқони дини зардуштӣ, ин расм то кунун дар байни зардуштиён риоят мешавад [115, 182]. Сеюм: «Евакзан - вақте мард дорои фарзанди писар набошад ва танҳо як духтар дорад, издивоҷи ин духтар ва агар чанд духтар дорад, издивоҷи духтари аз ҳама хурдии ӯ зери номи «евакзан» сабт мешавад. Нахустин писаре, ки аз ин заношӯӣ ба вуҷуд меояд, ба фарзандии бобои модарии худ дармеояд. Дар воқеъ, фарзанди бобои модарии худ маҳсуб мешавад ва бо ин кор номи хонаводагии бобои модарии худро зинда медорад» [115, 116]. Чаҳорум: Сатарзан- дар ҷомеаи аҳди қадими мардуми ориёӣ «чун писари болиғ ё марди бе зану фарзанд мемурд, пайвандони вай мебоист духтари бокираеро аз хонаводаи фақир бо харҷи худ ба номи он писар ё марди мурда таҳти номи «сатарзан» дар ақди ҷавоне дармеоварданд ва маблағеро ҳам барои рӯзгузаронӣ ба онҳо медоданд. Танҳо шарти ин заношӯӣ он буд, ки ин зану шавҳари ҷавон уҳдадор буданд яке аз писарони худро ба фарзандхондагӣ ба хонаводаи шахси даргузашта бидиҳанд» [115, 265]. Панҷум: «Худсарзан- дар Эрони бостон писару духтаре, ки ба синни издивоҷ расида буданд, ба ҳам алоқаманд мешуданд ва бархилофи майли падару модари духтар бо ҳам издивоҷ мекарданд. Ин издивоҷ бо номи «худсарзан» сабт мешуд. Чунин духтар аз ирс маҳрум мешуд» [115, 194]. Бояд зикр кард, ки чунин қонунгузорӣ нисбат ба зан марбут ба даврони охири салтанати Сосониён аст, ки руҳониён таъсири бештаре ҳам дар ҳукумат ва ҳам дар ҷомеа касб карда буданд. Баррасии осори пештар, хусусан асотири ориёӣ нишон медиҳанд, ки зан-модар ҳуқуқи бештарро молик будааст, алалхусус дар интихоби шавҳар духтарҳо озодии бештаре доштаанд.

Баррасии асотири эронӣ дар масъалаи зан-модар нишон медиҳад, ки дар устураҳои эронӣ зан- модар ҳатто мақоми эзадӣ дорад, аз ҷумлаи бузургтарин эзадбонуҳои асотири эронӣ Ардависур Аноҳид аст, ки мазҳари обҳо буда, дар назди ақвоми ориёӣ муқаддас ба ҳисоб мерафтааст. Бино ба таҳқиқи донишмандон, ин ном аз ду ҷузъ: Ардависур ва Аноҳид иборат аст. «Ардавӣ» - дар «Авесто» номи рӯди афсонавст, ки аз қуллаи баланд сарчашма мегирад ва ба бузургии ҳама обҳои рӯи замин аст. «Сура» ба маънии неруманд аст, ки

сифати Ардавӣ мебошад. Анохид низ сифати Ардавӣ буда, ба маънии покиза аст, ки дар забони форсӣ Ноҳид мегӯянд. Ардавиро ба маънии пурбаракат ва ҳосилхез низ маънӣ кардаанд. Баъзе аз муҳаққиқон онро ба маънии азим ва бузург медонанд: «Ин эзадбону бо сифати нерумандию зебоӣ ва хирадмандӣ ба сурати илоҳаи ишқ ва борварӣ низ дармеояд, зеро чашмаи ҳаёт аз вуҷуди ӯ меҷӯшад ва бад-ин гуна «Модар-Худо» низ мешавад. Тандисҳои борвариро, ки ба Илоҳа-Модар мавсуманд ва намунаҳое аз он дар тепаи Сароби Кирмоншоҳ (бо қидмати дар ҳудуди 9000 сол қабл аз мелод) ва дар ковишҳои ноҳияи Шуш ба даст омадааст, таҷассуме аз он Эзадбону медонанд. Ӯ ҳамтои эронии Афредит, Илоҳаи ишқу зебоӣ дар юнонӣ ва Иштар-Илоҳаи бобилӣ ба шумор меравад. Аноҳид ё Ардависура Аноҳито гардунае дорад бо чаҳор аспи сафед. Аспҳои гардунаи ӯ абру борон, барф ва тагарк (жола-М.Р.) ҳастанд. Ӯ дар баландтарин табақаи осмон ҷой гирифтааст ва бар каронаи ҳар дарёчае хонаи ороста бо сад панҷара (тиреза)-и дурахшон ва ҳазор сутуни хуштарош дорад. Ӯ аз фарози осмон ба фармони Урмузд борону барф ва тагаркро фурӯ мебоdoes…, нутфаи мардонро пок мекунад ва заҳдони занонро барои зоиш омода месозад. Ӯ неруманду дурахшон, баландболову зебо ва поку озода аст. Тоҷи зарини ҳаштпари ҳазорситора бар сар дорад. Ҷомаи заррин бар тан ва гарданбанди заррин бар гардани зебои худ ва барсам дар даст дорад. Ӯ дар миёни ситорагон ба сар мебарад. Дар бархурд бо Вистуру (он ки бо бутпарастон меҷангид ва аз Аноҳид ёрӣ хост- М.Р.) Аноҳид ба сурати духтари зебои бисёр неруманд, хушандом, камарбанд дар миён баста, ростболо, озоданажоду шариф, кафшҳои зарин дар по намуда, бо зиннатҳои бисёр ороста равон гашт. Ин тавсифҳои равшан ҳикоят аз он дорад, ки аз замонҳои қадим тандисҳои ин Эзадбону дар оинҳои парастиши ӯ вуҷуд дошт. Ӯ худои маҳбубе аст ва ҳамеша мавриди алоқа ва эҳтироми амиқ будааст» [115, 92-93]. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки образи Эзадбону Аноҳита чун намоди обу рӯшноӣ ва файзу баракат ҳамеша дар фарҳангу адабиёт ва суннатҳои миллии мардуми тоҷик ҳузур дошта ва бовуҷуди қабули дини ислом, ки мубаллиғони он бо расму суннатҳои аҳди бостон, алалхусус боварҳои зардуштӣ душмании ошкор

доштанд, аз байн нарафтааast. Имрӯз ҳам падару модарони тоҷик исми духтарони худро бо такя ба боварҳои аҳди бостонии ниёгон Аноҳид ва Ноҳид мемонанд, ки ёде аз ин Эзадбону аст.

Аз миёни занҳои асотири ориёӣ Дуғду - модари Зардушт мақоми баланд доранд, зеро маҳз тавассути ӯ паёмбари ориёӣ ба дунё омада ва оини зардуштиро бунёд гузоштааст. Бино ба гуфтаи муаллифи «Фарҳанги асотири эронӣ», дар лаҳзаи таваллуди Дуғду фараҳи Зардушт аз равшании бекарон вориди бадани ӯ мешавад ва дурахшандагии хосе ба ӯ мебахшад. Ин нур то замони таваллуди Зардушт бо Дуғду ҳамроҳ аст. Ба сабаби ин фараҳи тобнок, ки аз Дуғду медурахшид, аҳолии деҳа аз нодонӣ ба хонадони ӯ душманӣ мекунанд ва ӯ маҷбур мешавад, ки он деҳаро тарк кунад ва ба деҳаи Роғ ё Рок равад. Дар деҳаи Роғ Патиритарасп-сарвари дудмони Сипитамон (ки хонадони падарию модарии Зардушт ба он тааллуқ доранд) зиндагӣ мекард. Дар он ҷо ӯ бо Пурушасп издивоҷ мекунад ва аз ин издивоҷ панҷ писар ба дунё меояд, ки Зардушт фарзанди миёнии онҳо буд. Падари Зардушт шаш гови зардгӯшро ба сӯйи гиёҳони муқаддас равона мекунад. Ду гови назоянда аз баракати ин гиёҳон ширдор мешаванд ва Дуғду он говонро медӯшад. Пурушасб соқаи Ҳумеро, ки фаруҳари Зардушт дар он аст, месояд ва бо он шир меомезанд ва бо ин тартиб тавасуди модару падари Зардушт фарӯҳар ва ҷавҳари тани Зардушт бо ҳам яке мешаванд [115, 208]. Зани Зардушт-Ҳувӣ низ аз шахсиятҳои асотирӣ буда, дар оини зардуштӣ мақоми хос дорад, зеро маҳз бо воситаи ӯ насли паёмбари ориёӣ идома меёбад. Дар ривоятҳо омадааст, ки «Зардушт се бор бо ҳамсари худ Ҳувӣ наздикӣ мекунад ва Ҳувӣ ҳар бор худро дар оби Киёнса (Ҳомун) мешӯяд. Бо воситаи Ҳувӣ нутфаҳои Зардушт вориди ин об мешаванд. Эзад Наривсанг он нутфаҳоро дар ихтиёр мегирад ва барои нигаҳдорӣ ба Эзадбону Аноҳид месупорад, то дар замони муносиб бо нутфаи модарони фарзандони мавъуди Зардушт биомезанд» [115, 457].

Бояд зикр кард, ки дар байни қавмҳои ориёӣ низ мисли дигар қавмҳои башарият замоне занон садри аввали ҷомеа будаанд. Яъне давраи модаршоҳиро аз сар гузаронидаанд ва дар он даврон ҳарфи зан барои ҷомеа қонун буд. Шояд

эзадбонуҳо монанди Аноҳида марбут  ба даврони модаршоҳӣ бошанд ва тавсифу тамҷиди зан-модар аз он даврон сарчашма мегирад. Донишмандон собит кардаанд, ки дар асарҳои ҳамосӣ, ки симоҳои асотирӣ ба тасвир омадаанд, монанди Пешдодиён дар «Шоҳнома»  «дар асл ашхоси воқеӣ-таърихӣ  будаанд ва бо гузашти солҳо дар адабиёти бадеӣ бо тасвири устуравӣ омезиш ёфта, хусусияти асотирӣ касб кардаанд» [98, 15]. Аз ин рӯ, бо баррасии образи занони асотирӣ, ки дар осори аҳди бостон ва асарҳои ҳамосии бахшида ба он даврон эҷод шудаанд, метавон нақши зан-модарро дар дунёи қадим муайян намуд. Масалан, дар осори паҳлавӣ хусусиятҳои як зани хуб чунин тавсиф шудааст: «Беҳтар он ки зан боандеша ва марддӯст бошад. Ӯро афзунии вазн набошад. Ӯро болои мутавассит, синаи паҳн, сару гардани мавзун, поиши кӯтоҳу миёни борик ва зери пой гудидор, ангушти баланд, андомаш нарму тупар ва беҳпистону нохунаш барфин, гунааш аноргун, чашмаш бодомин ва лаби бусдин ва абрӯ тоқдис, дандон сапеди латиф ва хушоб ва гесу сиёҳу барроқ ва дароз бошад ва ба бистари мардон сухани бешармона  нагӯяд. Занони хуб онон ҳастанд, ки илова бар гуфтор, кирдор андешаи нек, хубомӯхташуда тавассути  пешвоёни динанд ва шавҳари худро чун солор доранд. Тамоми офаридагони Ҳурмуздиро хушнуд медоранд… Хушнудию ягонагӣ ва тарсогаҳӣ (эҳтиром) ва фармонбардории шавҳару солори хешро анҷом медиҳанд. Ба дини маздоясно бегумон ҳастанд, ба савоб кардан ва парҳез кардан аз гуноҳ кушо мебошанд» [115, 248]. Тибқи гуфтаи маздошиносон, дар матнҳои паҳлавӣ баҷо овардани оини ҳамсардорӣ барои занон навъи ибодат  ба ҳисоб омадааст. Ҳамчунин дар матнҳои паҳлавӣ зан ба бӯйи гулҳо, монанди гули хайрии зард, сумани зард, бунафша, настаран ва ғайра монанд шудааст. Дар бораи таҳсили занону духтарон дар осори паҳлавӣ тавсияҳои зиёде шудааст. Дар «Ардавирофнома» омада, ки хоҳарони Ардавироф ҳамаашон «Авесто» ва шарҳи он «Занд»-ро аз ёд медонистаанд. Яъне савод омӯхтани духтарон ва босавод будани зан-модар дар ҷомеаи дунёи қадими ақвоми ориёӣ- ниёгони мо, мардуми форсизабон муҳим буд ва ибодат маҳсуб мешуд.

Баррасии осори бозмондаи адабию динӣ ва таърихии адабиёти суғдӣ собит менамояд, ки зан-модар дар ҷомеаи суғдиёни бостон, ки аз ақвоми ориёӣ буда, ниёгони бевоситаи мо - тоҷиконанд, мақоми баланд доштаанд. Муҳаққиқони забону адабиёт ва фарҳанги суғдӣ, монанди Бадруззамони Қариб ва Зуҳраи Заршинос бо такя ба осори динию адабии бозмондаи ба забони суғдӣ собит намудаанд, ки занони суғдӣ на танҳо дар умури динию мазҳабӣ, балки дар корҳои давлатдорӣ низ иштироки фаъол дошта, ворисони тоҷу тахт буданд. Масалан, Зуҳраи Заршинос дар мақолаи «Алқоби шоҳдухт ва шоҳбонувони Суғд» шоҳдухтарҳои суғд, ки мартаба ва манзалатҳои мухталиф доштанд, аз нақши малика- ҳамсари шоҳ дар сиккаҳои суғдӣ ва аз хотуни Бухоро, ки понздаҳ сол дар сарзамини Суғд ҳукмронӣ кардааст, сухан мекунад [103, 90]. Дар мақолаи дигари пурарзиши худ «Дини занони суғд» суғдшиноси номбурда дар бораи бонувони суғдӣ маълумот медиҳад, ки дар баробари мардон ба болотарин мартабаи динӣ расидаанд. Зуҳраи Заршинос барои нишон додани нақши занони суғдӣ аз се гурӯҳи матнҳои суғдӣ, яъне матнҳои суғдии будоӣ, суғдии масеҳӣ ва суғдии монавӣ, бо баррасии калимаву ибораҳои марбут ба занон далел меоварад [103, 90]. Дар мақолаи севум, ки «Даъино (дин) дар навиштаҳои суғдӣ» унвон дорад, аз хусуси даъиноии зардуштӣ, дӯшизаи минуӣ дар навиштаҳои суғдӣ, ки мавзуи хеле ҷаззоб ва дорои аҳаммият аст, сухан меравад. Бино ба гузориши ин бонуи донишманд, аз хилоли порaи навиштаҳоим суғдӣ, ба мақоми зан дар Эрони бостон ва диди ниёгони мо ба занон таваҷҷуҳ нишон дода шудааст, ки занон дар таърихи фарҳанги ин марзу бум аз ҳурмат ва эътибори волое бархурдор будаанд ва ин маънӣ дар баъзе аз матнҳои суғдӣ бозтоб шудааст.Масалан, лақаби занонаи «Шоҳдухт вориси салтанат» дар матнҳои суғдӣ «ҳикоят аз иқтидори сиёсии бонувон дорад, ки вуҷуди алқобу унвонҳои занонаи онҳо дар забони суғдӣ бозтоби манзалат ва ҷойгоҳи волои онон аст. Дар деворнигораҳои Панҷакант занони ҷангҷӯе дида мешавад, ки дар ҳоли набард бо мардони ҳамовардашон барои дифоъ аз ҳайсият, хонаводаву сарзаминашон ва дорои ҳайати паҳлавонона, заноне ҳамчун хотуни Бухоро, ки бо иқтидор шоҳӣ мекарданд, тоҷу тахтро ба

фарзандони худ месупурданд. Бағбонувоне ҳамчу «Бону Нана», ки тайи қарнҳо мавриди парастишу ситоиш буданд. Ин эздбону дар Суғд ва Осиёи Макизӣ дар даврони пеш аз ислом аз арзишу эътибори хосе бархурдор буда ва бо ҳак кардани номашон бар сиккаҳои суғдӣ ва кушонӣ мондагор шудааст. Заноне, ки ҳузурашон дар забону ҳунар ва фарҳанги ҷомеаи он рӯзгори Суғд ҳурмату арҷмандӣ ва волоии мақоми занро дар таърихи фарҳанги эрониён бозтоб менамоянд» [103, 23-24].

Аз таҳқиқоти донишмандони забон ва фарҳанги суғдӣ бармеояд, ки дар се гурӯҳи осори бозмонда аз забони суғдӣ калимаҳои хоси динҳои будоӣ, монавӣ ва масеҳӣ мушоҳида мешавад, ки дорои ду сурат: мардона ва занонаанд ва ба мардону занони динӣ ихтисос доранд. Аз баррасии ин калимоти хоси мазҳабӣ-динӣ муҳаққиқон ба хулоса омадаанд, ки гарчанде дар тули таърих роҳбарии корҳои динию мазҳабӣ бар уҳдаи мардон буда, аммо «бетардид бонувон дар маҷомеи мазҳабии ин марзу бум ҳузури фаъол дошта ва дӯшодӯши мардон ба ифои нақшҳои хатир, судманд ва пураҳаммияте пардохтаанд ва бозтоби ин воқеиятро ба сурати вожаҳои хоси занони динӣ дар матнҳои мавҷуди забони суғдӣ метавон мушоҳида кард» [103, 27]. Муҳаққиқ бо баррасии калимоте, монанди «šamananc»- ба маънии шаманбону, роҳбари будоӣ, раҳравбону, «δenaβarane»- ба маънии диноварбону, зани гузидаи монавӣ, «tarsakanc» - ба маънои зани масеҳӣ, тарсобону, «širekc «- ба маънои қадисбону, қадиса, яъне зани муқаддас, зани порсо, бонуи парҳезкор мақоми занҳои суғдиро дар динҳои буддоӣ, масеҳӣ ва монавӣ таъйин намудааст. Воқеан, мавҷудияти калимаҳои хоси занони динӣ дар матнҳои суғдӣ гувоҳи фаъолиятҳои динию иҷтимоии бонувони суғдӣ дар ҳаёти динию зиндагонии он даврон аст, ки ҳам дар забон ва ҳам дар осори динию адабӣ бозтоб ёфтааст. Зуҳраи Заршинос баъд аз баррасии ин гуна вожаҳои хоси марбут занони мазҳабӣ ба чунин хулоса меояд: «Вуҷуди вожаҳои хоси дин-бонувон дар баробари вожаҳои марбут ба дин-мардон дар осори барҷомонда аз забони суғдӣ ҳикоят аз нақши муассири ин бонувон дар ҷавомеъи динии он рӯзгор дорад» [103, 38].

Таҳлилу таҳқиқ ва муқоиса нишон медиҳад, ки алорағми занҳои даврони ҷоҳилияти араб, ки аз ҳеч ҳуқуқе бархурдор набуданд, занҳои суғдӣ на танҳо дар умури динӣ, балки дар корҳои давлатдорӣ низ нақши фаъол доштанд. Намунаи боризи ин гуна занҳои суғдӣ зани Бедуни Бухорохудот аст, ки баъд аз марги шавҳараш ба тахт нишаст ва то тавонист бо арабҳои истилогар мубориза бурд. Ин Хотуни Бухоро яке аз занони сарвар ва шуҷои Суғд аст, ки 15 сол дар Бухоро фармонравоӣ дошта, дар айёми ҳуҷуми арабҳо ба Бухоро бо раъю тадбири оқилона сарзаминашро аз ғорату куштор наҷот додааст. Дар бораи ӯ ва корномааш муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ маълумот додаанд. Чунончи, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» фасли махсусе бо унвони «Зикри Хотуне, ки подшоҳ буд ба Бухоро ва фарзандони ӯ, ки подшоҳ буданд баъд аз вай» ба корномаи ин бону ихтисос дода, дар бораи тарзи давлатдории ӯ маълумот медиҳад, аз ҷумла менависад: «Чун Бедун бухорхудот бимурд, аз вай писаре шуд, ширхора монд, номи ӯ Туғшода. Ин Хотун, ки модари ин писар буд, ба мулк бинишаст ва понздаҳ сол мулк дошт. Ва ба рӯзгори ӯ араб ба Бухоро омаданд гирифтанд ва ҳар боре Хотун сулҳ кардӣ ва мол додӣ» [30, 32]. Номи ин шоҳбонуи суғдиро баъзе аз сарчашмаҳо Хутак-хотун зикр кардаанд, аммо муҳаққиқон собит намудаанд, ки хутак ва хотун ҳар ду калимаи суғдӣ буда, муродифи ҳамдигаранд. Бино ба гуфтаи Наршахӣ, Хотун зани оқила ба фармонравои моҳир буд. Дар замони ҳукмронии ӯ арабҳо чандин бор ба Бухоро ҳуҷум мекунанд ва Хотун ҳар дафъа ба онҳо сулҳ баста, маблағе медоду шарри онҳоро аз ватанаш дафъ мекард.

Дар мавриди тарзи давлатдории ин шоҳбонуи Суғд Наршахӣ чунин маълумот додааст: «Ва чунин гуфтаанд, ки ба рӯзгори вай аз вай касе соҳираъйтар набуд ва ба исобати раъй ҳукм медошт ва мардум ӯро мунқод (фармонбардор-М.Р.) гашта буданд. Ва одати ӯ чунон будӣ, ки ҳар рӯз аз дари ҳисори Бухоро берун омадӣ, бар асб нишаста, ба дари Регистон... Ва бар тахт нишастӣ ва пеши вай ғуломон ва хиссиён ва хоҷагон истодандӣ. Ва вай зариба ниҳода буд бар аҳли русто, ки ҳар рӯзе аз деҳқонон ва маликзодагон дувист барно камари зарин барбаста ва шамшер ҳамоил карда ба хидмат омадандӣ ва

аз дур биистодандӣ ва чун Хотун берун омадӣ, ҳама хидмат кардандӣ ва ба ду саф истодандӣ. Ва Хотун ба кори мулк нигариш ва амру наҳй мерондӣ...» [30, 33]. Муҳаммади Наршахӣ дар фаслҳои дигари китоби худ вақте дар бораи ҳуҷуми арабҳо ба Бухоро ва тарвиҷи ислом дар сарзамини Суғд сухан мекунад, аз ин зан ёд мекунад ва чанд ҳикоят оварда, ки шуҷоат ва далерии ин хотуни Суғдро нишон медиҳад. Хусусан ҳуҷуми Саид ибни Усмон - писари халифаи севум ба Бухоро  ва муомилаи ӯ бо Хотун ибратомӯз аст. Ҳарчанд Наршахӣ, бино ба таассуби мусулмонӣ, Саид ибни Усмонро аз Хотуни Бухоро арҷмандтар нишон доданӣ мешавад, аммо аз ҳақиқати таърихӣ чашм напӯшидааст. Аз маълумоти додаи  муаллифи  «Таърихи Бухоро» баръало равшан мешавад, ки Саид ибни Усмон аҳдшиканӣ  мекунад, 80 нафар наҷибзодагони Бухороро, ки аз тарси худ (ҳангоми ба Самарқанд лашкар кашидан)  гаравгон гирифта буд, бозпас ба Хотун намедиҳад ва онҳоро чун ғулом дар хурмозори худ кор мефармояд ва оқибат аз дасти ҳамин ашрофзодагони Бухоро кушта мешавад. Ин Хотун то зинда буд, нагузошт, ки пои арабҳои истилогар  ба Бухоро расад. Бухоро баъд аз марги ӯ аз тарафи Қутайба ибни Муслим забту ғорат гардид.

Симоҳое  аз занони ориёӣ,  монанди Томирис, заринайна, Удотис ва чандин тани дигар, ки дар осори бозмондаи аҳди бостон таҷассум ёфтаанд, мақоми баланди занро дар он даврон нишон медиҳанд. Чунончи, дар осори бозмондаи даврони модҳо - нахустдавлати мардуми ориёӣ, зан нақши босазо дорад. Муаррихони юнонӣ аз достону қиссаҳо ва ашъори модҳо  хабар додаанд ва донишмандоне монанди Ҷалолуддин Ҳумоӣ [151], Аҳмади Тафаззулӣ [133]  ва Ш.Р. Исрофилниё [107] бо такя ба ин ахбор чанд достонҳои ҳамосию ишқии даврони  модҳоро дар навиштаҳои худ овардаанд, ки дар ин онҳо зан мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Баррасии ин достонҳо нишон медиҳад, ки зан дар ҷомеаи ориёнҳои қадим озодии мутлақ доштааст ва аз ҷумла ҳангоми издивоҷ занҳо худ ҷуфтиояндаашонро интихоб мекардаанд. Масалан, дар достони ошиқонаи даврони модҳо достони «Зариёдрис (Zariadres) ва Удотис (Odatis)» алорағми мухолифати падараш Удотис Зариёдрисро, ки марди бегона буд, ба

худ шавҳар интихоб мекунад. Дар даврони қадим ақвоми ориёӣ, хусусан ашрофзодагон расме доштаанд, ки вақте духтар ба балоғат мерасид, ҷашни издивоҷ барпо мекарданд. Дар ин ҷашн ҷавонмардони муҷарради зиёде ҷамъ меомаданд ва духтар касеро, ки меписандид, ба ҷоми ӯ шароб мерехт ва нобобаста аз зиддияти падару модар ба он ҷавони интихобкардааш ба шавҳар мебаромад: «Овардаанд, ки Ҳистоспис (Гуштосб) ва бародари хурдиаш Зариёдрис аз издивоҷи Офрудит ва Одунис ба дунё омаданд. Ҳистоспис фармонравои Мод буд ва Зариёдрис бар навоҳии улёи дарвозаҳои Хазар то Танаис (Tanais) ҳукмронӣ дошт. Дар он сӯйи Танаис маросиҳо (Marathi) мезистанд, ки фармонравои онҳо Умуртис (Omortes) буд. Вай духтаре дошт ба номи Удотис, ки зеботарин зани Осиё ба шумор мерафт. Удотис Зариёдрисро дар хоб диду дил бад-ӯ баст ва Зариёдрис низ дар хоб мафтуни он духтар шуд. Зариёдрис кӯшид, то Удотисро ба даст оварад, аммо тавфиқ наёфт, зеро падари духтар намехост ӯро ба марди бегона шавҳар диҳад.

Дере нагузашт, ки Умуртис ҷашни издивоҷе баргузор кард, ки дар он хешону наздикон ва ашрофи дарбори ӯ ҳузур доштанд ва аз Удотис хост, ки ҷоми шароб ба касе бидиҳад, ки моил ба издивоҷ бо ӯст. Зариёдрис, ки Удотис ӯро пеш аз он аз моҷаро огоҳ карда буд, ба шитоб ба ҳамроҳии гардунарони худ аз Танаис гузашт ва бо либоси сакоӣ, ношинос вориди ҷашн шуд ва Удотис ҷоми ӯро пур кард» [107, 18].

Тасвири чунин издивоҷ, ки духтарон ҳуқуқи интихоб доранд, дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, ки марбут ба воқеаҳои даврони бостон аст, мушоҳида мекунем. Чунончи, бовуҷуди мухолифати шадиди волидайн ва ҳатто шоҳаншоҳ Манучеҳр, ки омилҳои эътиқодӣ ва сиёсӣ доштанд, Рудоба - духтари Меҳрони Заҳҳокнажод ба писари Соми Наримон - Золи Зар ба шавҳар мебарояд. Манижа - духтари шоҳи Турон, Афросиёб, ки душмани қаттоли Эрон аст, ба Бежан - паҳлавони эронӣ ба шавҳар мебарояд. Намунаи боризи тасвири чунин ойин, ки озодии мутлақи духтаронро дар интихоби шавҳар дар ҷомеаи ориёӣ ба намоиш мегузорад, интихоби Катоюн - духтари қайсари Рум

Гуштосб- шоҳзодаи эрониро, ки ба ғурбат афтода буду касе намедонист, ки ӯ шоҳзода аст.

Нуктаи ҷолиб дар ин издивоҷҳо ин аст, ки волидайн қатъиян аз интихоби духтарашон норозияну ӯро накӯҳиш мекунанд, аммо коре карда наметавонанд, зеро расму суннат ихтиёрро ба духтар додааст ва ӯ дар интихоби шавҳар озод аст. Бидуни шак, Ҳаким Фирдавсӣ «Шоҳнома»-и худро дар асоси достонҳои мансуру манзуми қадим ба назм даровардааст ва албатта, тағйироте дар онҳо ворид кардааст. Аксари муҳаққиқон дар он андешаанд, ки сарчашмаи достон Гуштосб ва Катоюни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ достони «Зариёдрис (Zariadres) ва Удотис (Odatis)» аҳди модӣ мебошад. Дар «Шоҳнома» ин расму оин ба таври возеҳ тасвир ёфтааст. Чунончӣ, дар достон «Достони Катоюн- духтари қайсар» Абулқосим Фирдавсӣ ин расмуро батафсил тасвир намудааст:

Чунон буд Қайсар бад-он гаҳ ба рой,
Ки чун духтари ӯ расидӣ ба ҷой,
Чу гаштӣ баландахтару ҷуфтҷӯй,
Бидидӣ, ки омад-ш ҳангоми шӯй,
Яке гирд кардӣ ба кох анҷуман,
Бузургони фарзонаву ройзан.
Ҳар он кас, ки будӣ мар ӯро ҳамол
В-аз он номдорон баровардa ёл,
Ба кохи падар духтари моҳрӯй
Бигаштӣ бар он анҷуман ҷуфтҷӯй...[68, 23]

Қайсари Рум се духтар дошт, ки аз ҳама бузург ва зебои онҳо Катоюн буд:

Паси пардаи Қайсар он рӯзгор
Се духтар будаш чун гул андар баҳор.
Ба болову дидору оҳистагӣ,
Ба рою ба шарму ба шоистагӣ.
Яке буд меҳтар, Катоюн ба ном,
Хирадманду равшандилу шодком [68, 23].

Катоюн шабе  хоб мебинад ва дар хоб ба ҷавони ғарибе ошиқ мешавад:

Катоюн чунон дид як шаб ба хоб,
Ки равшан шудӣ кишвар аз офтоб.
Яке анҷуман мард пайдо шудӣ,
Ба анбуҳи мардум сурайё шудӣ.
Дар он анҷуман буд бегонае,
Ғарибе, дилозурда фарзонае.
Ба болой сарву ба дидор моҳ,
Нишастан-ш чун бар сари гоҳ шоҳ.
Яке даста додӣ Катоюн бад-ӯй,
Аз ӯ бистадӣ дастаи рангу бӯй. [68, 24].

Қайсар рӯзи дигар ҷашни бузурге барпо кард ва тамоми сарону ашрофонро ба кохи худ даъват намуд, то духтараш Катоюн аз байни онҳо ба худ ҳамсар интихоб кунад:

Яке анҷуман кард Қайсар бузург,
Ҳар он кас, ки буд аз бузургу сутург.
Бар он анҷуман шод биншонданд,
В-аз он пас паричеҳраро хонданд…[68, 24].

Катоюн байни анҷуман гашт, аммо касе писандаш наомад, дил ба ҷавони ғарибе дар хоб дидааш дода буду ӯро меҷуст:

Катоюн бишуд бо парастор шаст,
Яке дастаи тозанаргис ба даст.
Ҳаме гашт чандон ки омад сутӯҳ,
Писандаш наёмад яке  з-он гӯрӯҳ…[68, 24].

Катоюн чун он ҷавони дар хоб дидаашро дар байн ҷамъомадагон надид, каси дигарро интихоб накарду хиромону гирён ба хона баргашт:

Аз айвон паси парда бинҳод рӯй,
Хиромону гирёну дил ҷуфтҷӯй [68, 24].

Қайсар ба тамоми меҳтарони кишвар паём фиристод, то фардо ҳама ба кохии ӯ ҷамъ оянд. Рӯзи дигар ҷашн идома ёфт ва аз тамоми гӯшаву канори мамлакат бузургон ба кохии қайсар гирд омаданд. Меҳтаре, ки Гуштосб ба хонаи ӯ паноҳ

оварда буд, баъд аз шунидани паёми қайсар шоҳзодаи эрониро ба кохии ӯ меоварад:

Чу огоҳӣ омад ба ҳар меҳтаре,
Ба ҳар номдореву ҳар кеҳтаре.
Ҳамон марди некӯ ба Гуштосп гуфт,
Ки «То чанд дар хона бошӣ нуҳуфт?
Биё, то магар коху гоҳи меҳӣ
Бубинӣ, дилат гардад аз ғам тиҳӣ».
Чу Гуштосп бишнид, бо ӯ бирафт,
Ба айвони Қайсар хиромид тафт…[68, 25].

Катоюн бо дидани Гуштосп ӯро интихоб мекунад ва ҳамагонро дар ҳайрат меафканад:

Бирафтанд бедордил бандагон,
Катоюну гулрух парастандагон.
Ҳаме гашт бар гирди айвони хеш
Парастор дар пас, парастор пеш.
Чу аз дур Гуштоспро дид, гуфт,
Ки он хоб сар баркашид аз нуҳуфт,
Бад-он моявар номдор афсараш
Ҳамон гаҳ биёрост фаррух сараш…[68, 25].

Ба қайсар хабар мебаранд, ки духтараш ҷавони зебою паҳлавон, аммо ғариберо интихоб кард, ки касе намедонад, ки ӯ кист:

Чу дастури омӯзгораш бидид,
Ҳам андар замон пеши Қайсар давид,
Ки марде гузин кард аз он анҷуман,
Ба боло чу сарви саҳӣ дар чаман.
Ба рух чун гулистону боёлу кифт,
Ки ҳар к-аш бубинад, бимонад шигифт.
Ту гӯӣ магар фарраи эзадист,
Валекин надонем ӯро, ки кист…[68, 26].

Қайсар аз он ки духтараш марди ғариби беному нишон ва ноошноро баргузид, сахт дар ғазаб мешавад ва мехоҳад ҳар дуро сар бибуррад:

Чунин дод посух, ки «Духтар мабод,
Ки аз парда айб оварад бар нажод.
Агар ман супорам бад-ӯ духтарам,
Ба нанг-андарун паст гардад сарам.
Ҳам инрову онро, ки ӯ баргузид,
Ба кох-андарун сар бибояд бурид»…[68, 26].

Аммо сукуф ӯро огоҳ мекунад, ки расму оини ниёкони ту чунин асту бояд онро эҳтиром дошт ва аз роҳи эзадӣ набояд сар кашид:

Суқуф гуфт, к-»Ин нест кори гарон,
Ки пеш аз ту буданд чандин сарон.
Ту бо духтарат гуфтӣ: «Анбоз ҷӯй,
Нагуфтӣ, ки шоҳи сарафроз ҷӯй.
Кунун ҷуст ҳар кас, ки омад-ш х(в)аш,
Ту аз роҳи Яздон саратро макаш.
Чунин буд расми ниёкони ту,
Сарафрозу диндор покони ту…[68, 26].

Қайсар маслиҳати суқуфро гӯш мекунад ва духтарашро ба Гуштосб медиҳад, аммо ӯ ва шавҳари интихобкардаашро бе чизу чораи шоҳона аз кох меронад:

Чу бишнид Қайсар, бар он барниҳод,
Ки духти гиромӣ ба Гуштосп дод.
Бад-ӯ гуфт: «Бо ӯ бирав ҳамчунин,
Наёбӣ зи ман ганҷу тоҷу нигин»…[68, 56].

Озодии духтарон дар интихоби шавҳар ва болотар аз ин, боло будани хоҳиши духтарон аз ройдиди волидайн озодии комили онҳоро ҳангоми издивоҷ дар дунёи қадим нишон медиҳад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар аксари ин издивоҷҳо падару модарон норизиянд, аммо тибқи расму оин ба интихоби духтарашон тан медиҳанд. Вале ин расму оин дар ҷомеаи падарсолорӣ оҳиста-

оҳиста аз байн меравад ва дини зардуштӣ, ки дар ибтидои зуҳури худ ба занмодар арзиши баланд қоил буд, бо таҳрифи мубадон занонро аз тамоми ҳаққу ҳуқуқашон маҳрум кард.

Дар матнҳои паҳлавӣ, ки дар давраҳои охири салтанати Сосониён ва ибтидои ислом эҷод шудаанд, ба назар мерасад, ки ҳуқуқи мард нисбат ба зан ба маротиб бештар аст ва «баҷо овардани оини ҳамсардорӣ барои занон навъи ибодат» ба ҳисоб омадааст. Аз маълумоти «Ардавирофнома» бармеояд, ки анҷом додани баъзе аз корҳо, монанди хӯрдани гӯшт дар ғоиби шавҳар, пухту паз ва ба моҳу офтобу осмон нигаристан ҳангоми одати моҳона, ранг кардани мӯйи сар, адами тамоил ба ҳамбистарӣ бо шавҳар, ороиш барои дигарон, ҷодугарӣ, афсунгарӣ, бадзабонӣ, хиёнат, таҳқир, шир надодан ба кӯдаки худ гуноҳ ҳисобида мешаванд. Воқеан, яке аз сабабҳои шикасти Сосониёнро аз арабҳои мусулмон донишмандон дар «инҳитоти динию ахлоқии мубадони зардуштӣ, ки дар давраи Сосонӣ, ба хусус дар давраҳои охири ин силсила таълимоти воқеии зардуштиро, ки дар «Готҳо» мунъакис аст, ба куллӣ зери по гузоштанд» [122, 656] медонанд. Масалан, ахбори «Авесто» дар мавриди офариниши зан аз маълумоти дар «Бундаҳишн» дар ин масъала омада комилан фарқ мекунад ва пайдост, ки мубадони зардуштӣ бо пуштибонӣ аз шоҳу давлат ва ҷомеаи мардсолорӣ матни китоби муқаддасти зардуштиро таҳриф кардаанд. Дар «Бундаҳишн» дар мавриди офариниши зан чунин матлаби таҳқиромезе нисбат ба зан омадааст, ки марбут ба давраҳои охири салтанати Сосониён аст: «Ҳурмузд ҳангоме, ки занро офарид, гуфт: Туро офаридам дар ҳоле ки туро сарда (навъ)-и патёра аз Ҷиҳӣ (зани Аҳриман) аст ва аз ман туро ёрӣ аст, зеро мард аз ту зода шавад. Бо вуҷуди ин маро низ, ки Ҳурмуздам, биёзорӣ, аммо агар махлуқеро меёфтам, ки мардро аз ӯ биофаринам, ҳаргиз туро намеофаридам» [115, 248]. Дар дини зардуштии охири даврони Сосонӣ занон ҳато дар иҷрои баъзе оинҳои динӣ, монанди иҷрои ниёишҳои ҷашни гоҳанбор (аз ҷашнҳои шашгонаи фаслии дини зардуштист) иҷозат надоштанд. Ҳамчунин рафтани зан ба даруни гунбади оташ ё берун аз хонаи худ ё оташкада мамнуъ буд. Мубадони зардуштӣ ба фоидаи худ ва майли шоҳони замон дини

зардуштиро таҳриф намуданд. Аз ҷумла дар мавриди  зан, ки дар ин дин мақоми баланд дошт ва якҳамсарӣ  аз ҷумлаи шартҳои муҳим ба ҳисоб мерафт, танҳо дар байни мардуми авом боқӣ монд.

Аз нақли сарчашмаҳо бармеояд, ки муғони зардуштӣ дар оташкадаҳо бо баҳонаи нигаҳдоранда ва фурӯзонандаи оташи муқаддас дӯшизаҳои зебои зиёдеро ба хидмат гирифта буданд ва бо онҳо айшу ишрат менамуданд. Шоҳони Сосонӣ, ки ҳамагӣ зардуштӣ буданд, дар ҳарами худ занҳои зиёдеро нигоҳ медоштанд. Аз ҷумла Бахром  шоҳаншоҳи панҷуми Сосонӣ, ки бо номи Баҳроми Гӯр шуҳрат дорад, дар ҳарами худ зиёда аз 900 душизаҳои зебо дошт, ки баъзе ба сифати ҳамсар ва аксар ба ҳайси каниз дар хидмати ӯ буданд. Хусрави Парвиз, ки ибтидои заволи давлати Сосониён аз даврони ӯ оғоз мешавад, дар ҳарими худ беш аз 1000 зан нигоҳ медошт.

Яке аз сабабҳои заволи давлати Сосониёнро муҳаққиқон пур аз хурофот шудани дини зардуштӣ аз дасти мубадон ва посухгӯ набудани он ба ниёзҳои мардум медонанд. Бе шак, яке аз сабабҳои инқирози дини зардуштӣ нодида гирифтани мақоми зан дар умури иҷтимоию руҳонӣ, ки дар бештари даврон нисфи ҷамъиятро ташкил медоданд ва  дур  нигоҳ доштани  занҳо дар корҳои ҷамъиятӣ буд.

Хулоса, баррасии сарчашмаҳои таърихию динӣ, устураҳо ва осори бозмонда аз адабиёти аҳди бостон собит менамоянд, ки зан-модар дар ҷомеа ақвоми ориёӣ мақоми махсус дошта, на танҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, балки дар умури динию мазҳабӣ низ иштироки фаъол доштаанд. Дар матнҳои паҳлавӣ ва суғдии бозмонда аз аҳди бостон дар бораи зан-модар сухан рафта, пеш аз ҳама, зебоӣ ва хислати неки онҳо мавриди тасифу ситоиш қарор гирифта, ҳамчун вазифаҳои онҳо дар назди оила таъин шудааст. Симоҳое аз занони ориёӣ, монанди Томирис, Заринайна, Удотис ва чандин тани дигар, ки дар достонҳои бозмондаи аҳди бостон таҷассум ёфтаанд, мақоми баланди занро дар он даврон нишон медиҳанд.

Расму оини арҷ ниҳодан ба ҳуқуқи зан, ки дар байни ақвоми ориёӣ роиҷ буд, дар ҷомеаи падарсолорӣ охири аҳди Сосонӣ оҳиста-оҳиста аз байн

меравад. Дини зардуштӣ, ки дар ибтидои зуҳури худ ба зан-модар арзиши баланд қоил буд, дар давраҳои охири Сосониён бо таҳрифи мубадон занонро аз тамоми ҳаққу ҳуқуқашон маҳрум кард. Дар воқеъ, яке аз сабабҳои инқирози дини зардуштӣ ва заволи давлати Сосониро дар нодида гирифтани мақоми зан-модар дар умури иҷтимоию руҳонӣ ва дур нигоҳ доштани онҳо дар корҳо ҷамъиятӣ мебошад.

## 1.2. Тасвири симои зан-модар дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ

Дар адабиёти баъдиисиломии форсӣ-тоҷикӣ симои зан нақши густарда дорад ва бо чеҳраҳои мухталиф ба тасвир омадааст. Мусаллам аст, ки паёми аслии шеъри форсӣ-тоҷикӣ ишқ аст ва мабдау силсилаҷунбони ишқ ҳамоно ҳусну ҷамоли зан мебошад. Аз ин рӯ, аз дидгоҳи бештари шоирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ зан меъёри ҳусну зебоӣ ва нозу ишвагарист. Ростӣ, ангуштшуморанд шоироне, ки занро аз дидгоҳи инсонӣ ба тавсвир кашида бошанд. Аз дидгоҳи баъзе шоирон, хусусан шоирони дарбор зан бештар ба ҳайси мутрибу овозхон, соқӣ ва ё маъшуқаву каниз ба тасвир омадааст. Аз он ҷо, ки адабиёти баъдиисломии форсӣ-тоҷикӣ дар асоси меъёру боварҳои исломӣ ташаккулу таҳаввул ёфтааст, бояд, пеш аз ҳама, ҷойгоҳи зан-модарро дар Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ баррасӣ намоем.

Перомуни нақши зан дар Қуръону суннат ва ба таври умум мақоми зан дар ислом китобу мақолоти зиёде аз ҷониби донишмандони улуми исломӣ ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ки бархе аз онҳо ғайримусулмонанд, рӯйи кор омадааст. Аммо бо вуҷуди ин ҳама назари ягона дар ин масъала вуҷуд надорад. Баъзе, аз ҷумла муҳаққиқони даврони Шуравӣ ва бархе аврупоиён бар он назаранд, ки гӯё ислом занро ҳақир шуморида, мақоми ӯро паст дониста бошад. Баъзе аз муҳаққиқони даврони Шуравии тоҷик, ки худ мусулмонанд, бар ин назаранд. Бояд ин нуктаро зикр кард, ки рафтору кирдори худи мусулмонон нисбат ба зан, ки бардошти нодуруст аз ислому Қуръон ва аҳодиси набавӣ доранд, ин андешаро ба вуҷуд овардааст. Доктор Шариатӣ, ки мавқеи занро дар динҳои ҷаҳонӣ ва ҷомеаи мухталиф баррасӣ кардааст, дар ин масъала менависад: «Аз миёни муслеҳон ва андешамандони бузурги торих, ки ғолибан ё занро надидаанд ва ё ба хорӣ дар ӯ нигаристаанд, Муҳаммад (с) танҳо касест, ки ҷиддан ба сарнавишти зан пардохта ва ҳайсияти инсонию ҳуқуқи иҷтимоиро ба вай боз додааст» [155, 513].Исломшиносону қуръонпажӯҳон собит намудаанд, ки аз нигоҳи дини ислом марду зан сарнавишт ва ҳуқуқи яксон

доранд, аммо ҳар як бо махсусиятҳои фитрату сиришти хеш офарида шудаанд. Аз ин рӯ, зану мард ҳар як вазифаҳои хоссе ба душ доранд, ки бояд дар зиндагӣ онро иҷро кунанд. Ҷалоли Сатторӣ дар китоби худ «Симои зан дар фарҳанги Эрон» дар ин масъала менависад: «Шариати ислом бузургтарин динест, ки дар якояки қавоиду муқаррароташ риояти навомис ва усули тағйирнопазирири офаринишро карда ва ҳама ҷои қавонин вазъи худро бо сунани табиию фитрии хилқат ҳам инону ҳам дӯш сохтааст. Бинобар ин тасови (баробари-М.Р.) -и марду зан дар ислом аз ҳайси тавоноию такаллуф нест ва ба қавле зану мард ду ситораанд, ки дар ду мадори мухталиф мечарханд. Ва агар дар сайри минал халқи илал-ҳақ ислом тафовуте миёни зану мард қоил нест, дар сайри миналҳаққи иллалхалқ муътақид аст, ки он ду ҳампояю ҳамсанг нестанд, зеро ба таври куллӣ мардонро аз лиҳози сохтмони димоғию баданӣ ва ахлоқӣ нисбат ба зан қавитару фаъолтар ва матинтар медонад ва бар ин бовар аст, ки руҳи отифа ва эҳсос дар зан бар руҳи таъаққули вай ғолиб аст» [126, 40-41]. Донишмандон бар он назаранд, ки «ҳама инсонҳо дорои фитрати башарӣ ҳастанд, бояд ҳуқуқу вазоифашон мусовӣ бошад» ва исломшиносон андеша доранд «ин ислом буд, ки баён намуд: зан монанди мард инсон аст ва дар модаву унсури ҳар инсоне, чи зан ва чи мард, ҳар дуи онҳо муассиранд ва ҳеч кадом бар дигаре бартарӣ надорад ва танҳо securities вазнае, ки арзиши онҳо воло медорад, тақво мебошад» [125, 13]. Ин андеша бо такя ба ояти 13 Сураи «Ҳуҷурот» баён шудааст: «Эй мардум, ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду як зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед! Ҳароина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумо аст; Худо Донои Хабардор аст» [21, 517]. Воқеан, дар Қуръони маҷид на танҳо оятҳои алоҳида, балки Сураи махсусе бо номи «Сураи Нисо» (Занон) мавҷуд аст, ки аз 176 оят иборат буда, бевосита дар бораи занон, ҳуқуқу вазоиф ва дигар масоили марбут ба онҳо баҳс мекунад. Худованд дар китоби худ ҳуқуқи марду занро баробар дониста, яксон мавриди хитоб қарор додааст. Ҳангоми арзишдоварии корҳои неку бад низ ҳеҷ фарқе байни зану мард қоил нашудааст. Мизон ва меъёри арзёбӣ низ ягона асту гуноҳу савоб ҳам барои зан ва ҳам

барои мард як хел санҷида мешавад ва дар ин амр ҳеч бартарие мард бар зан надорад. Чунончи, дар Сураи Аҳзоб, ояти 35-и Қуръон омадааст: «Ба ростӣ ки Худо барои мардони мусулмон ва занони мусулмон; ва мардони бовардоранда ва занони бовардоранда; ва мардони тоаткунанда ва занони тоаткунанда; ва мардони ростгӯянда ва занони ростгӯянда; ва мардони шикебоикунанда ва занони шикебоикунанда; ва мардони фурӯтанинамоянда ва занони фурӯтанинамоянда; ва мардони садақадиҳанда ва занони садақадиҳанда; ва мардони рӯзадоранда ва занони рӯзадоранда; ва мардони муҳофизаткунандаи шармгоҳи худ ва занони муҳофизаткунандаи шармгоҳи худ; ва мардону занони Худоро бисёр ёдкунанда – омӯрзиш ва музди бузург муҳайё кардааст» [21, 422]. Аббоси Тайло дар китоби худ «Зан дар оинаи таърих» бо такя ба ояти боло чунин менависад: «Ин оя он қадар гӯё, равшан, балеғ ва муттақӣ бар асли яксон нигаристан ва мусовот байни марду зан аст, ки барои ради ҳар гуна таъне ба имони зан ва ноқисимон қаламдод намуданаш кофист ва ниёзе ба тафсиру асбобтарошӣ надорад» [134, 109].

Дар аҳодиси набавӣ (с) ва рафтори паёмбар нисбат ба занон низ ҳуқуқи занон ва шаъну шарафи онон тибқи фармудаи Қуръони азимушшаън аст, ки бояд манбаи илҳом ва пайравии умматон гардад. Аз қавли занони паёмбар(с) ва саҳобаю асҳоби эшон ривоятҳои зиёде нақл шуда, ки муносибати паёмбарро нисбат ба занон ва эътирофи ҳуқуқу манзалати онҳоро нишон медиҳад. Чунончи, ривоят шуда, ки Паёмбар гуфтаанд: «Се чизро дар ин дунё дӯсти ман сохтаанд: бӯи хуш ва занону намоз». Имом Муҳаммади Ғазолӣ дар тавзеҳи ин ҳадис мегӯяд: «Валекин тахсиси намозро фурӯ намуд, ки мақсуд он аст, ки гуфт: «Рӯшноии чашми ман дар намоз аст». Ва бӯи хушу занон осоиши тан аст, то қуввати он бояд ки ба намоз расад ва қурратулъайн (равшании чашм), ки дар вай аст, ҳосил кунад. Ва барои ин буд, ки расул алайҳиссалом аз ҷамъи моли дунё манъ мекард, Умар гуфт разийаллоҳу анҳу: «Пас, аз ин ҷо чӣ чиз гирем?» Гуфт: «Ли йаттахиза аҳадукум лисонан зокиран ва қалбан шокиран ва завҷатан мӯъминатан». Гуфт: «Забони зокир ва дили шокир ва зани порсо»; занро қарини шукру зикр кард» [14, 231]. Танҳо худи ин ривоят гувоҳи он аст, ки Паёмбари

ислом(с) мақоми баланду волое барои занон қоил будаанд. Ривояти машҳури дигаре, ки аз ҳазрати Муҳаммад(с) нақл мекунанд («ҷаннат зери қадамҳои модарон аст») ва дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ инъикоси густарда ёфтааст, далолат бар мақоми волои зан-модар аз назари Паёмбари ислом (с) аст.Чунончи, Ҳаким Низомӣ ин ҳадисро чунин зебо ба риштаи назм кашидааст:

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Дар зери қудуми модарон аст [6, 32].

Озори беузри зан аз гуноҳҳои кабира ба ҳисоб мерафтааст ва ин амр аз суханони зери Паёмбари ислом сарчашма мегирад: «Ҳар кӣ занеро аз худ биёзорад, даричае аз ҷаҳаннам бар рӯйи худ мекушояд» [125, 16]. Ва ё дар ҳадисе омадааст, ки «ҳар кӣ дар дилаш муҳаббати занон фузунӣ гирад, фазилату имони вай бештар шавад» [76, 173 ]. Ҳамчунин аз эшон ривоят шуда, ки гуфтаанд: «Гиромӣ надошт занонро магар он ки худ бузургвор аст, бар эшон иҳонат раво надошт магар пасту фурӯмоя» [76, 39 ]. Аз ривоятҳо ва ахбори сарчашмаҳо бармеояд, ки Паёмбари акрам(с) ба занони худ эҳтироми хосса зоҳир мекарданд. Муаллифи китоби «Симои зан дар фарҳанги Эрон» дар ин масъала менависад: «Паёмбари ислом(с) аз назари таъзими зан барои ҳамсарони хеш рикоб мегирифт ва ағлаб зону бар замин мегузошт, то занон пой бар зонуяш ниҳода, савор шаванд. Ва низ дасти духтараш Фотимаи Заҳроро мебӯсид ва Урва аз Оиша ривоят мекунад, ки Паёмбар ҳаргиз касеро, на зане ва на ходимеро кӯтак назад. Бинобар ин шигифт нест он чунон ки ривоят шуда охирин суханаш дар остонаи реҳлат тавсия дар бораи зан бошад: «Намоз ба пой доред ва бандагонро некӯ доред ва Аллоҳ-Аллоҳ дар ҳадиси занон, ки эшон асиронанд дар дасти шумо, бо эшон зиндагонӣ некӯ кунед» [125, 99]. Аз ин кирдору рафтор ва супоришу таъкидҳои ҳазрати Муҳаммад (с) бармеояд, ки вай мехост мусулмонон, чунонки аз суннатҳои ӯ пайравӣ мекунанд, дар рафтор бо занон низ пайравӣ ӯ бошанд.Имом Муҳаммади Ғазолӣ дар «Кимиёи саодат» чунин ривояте овардааст: «Ва ҳеч кас бо аҳл чандон тибат (шӯхиву ширинзабонӣ) накардӣ, ки расул алайҳиссалом, то он ҷо, ки бо Оиша ба ҳам бидавид, то кӣ дар пеш шавад; расул алайҳиссалом дар пеш шуд; як бори дигар

боз давид, Оиша дар пеш шуд; расул алайҳиссалом гуфт: «яке ба яке, ин бад-он бишавад», яъне: акнун баробарем. Ва як рӯз овози зангиён шунид, ки бозӣ мекарданд ва пой мекӯфтанд, Оишаро гуфт: «Хоҳӣ, ки бибинӣ?» Гуфт: «Хоҳам». Бархост ва наздиктар даромад ва даст пеш дошт, то Оиша занахдон бар соиди расул алайҳиссалом ниҳод ва назора кард соате дар он, гуфт: «Ё Оиша, бас набошад?» Гуфт: «Хомӯш». То се бор бигуфт, он гоҳ басанда кард» [14, 239].

Мулоҳиза ба рафтор ва баррасии гуфтору фармудаҳои Паёмбари ислом (с) нисбат ба занон нишон медиҳад, ки исломи ростин ба ҳеч ваҷҳ ҳуқуқи занро ҳазф накарда ва ӯро аз мард паст нашумурдааст. Аз нигоҳи Қуръону ҳадисҳои набавӣ манзалати чи марду чи зан назди Офаридгор вобаста ба имон ва амали солеҳи онон аст, на ба ҷинсияташон. Дар Қуръони карим аз занони зиёде, амсоли Марям, модари Исо(а), Билқис- маликаи шаҳри Сабо, Соро-ҳамсари Иброҳим (а), Осия-ҳамсари Фиръавн, модари Мӯсо ситоиш шуда, ки имони комил доштанд ва дар душвортарин шароит Парвардигори худро мепаристиданд. Аз сӯйи дигар, дар ин китоби азимушшаън занони паёмбароне, монанди Нӯҳу Лут мазамат шудаанд, ки бо вуҷуди ҳамсари паёмбар будан аз роҳи рост мунҳариф шудаанд.

Ривояти дигаре аз ҳазрати Муҳаммад (с) нақл шуда, ки имрӯз башарият, хосса ҷомеаи исломӣ беш аз ҳар вақт ниёз ба он дорад: «Талабул илми фаризата ало кулла муслима ва муслимата». Яъне талаби илм барои ҳам марди мусулмон ва ҳам зани мусулмон фарз аст. Дар ин ҳадиси Паёмбари ислом(с) сареҳан ба дониш андӯхтани марду зан яксон таъкид мешавад. Имрӯз касоне монанди толибон, ки сари қудрат омадаанду аз номи ислому Паёмбари он ҳарф мезананд, занону духтаронро аз кору хондан маҳрум кардаанд, магар аз ин ҳадис бехабаранд? Дар пайравӣ аз Қуръону суннат ҳакимони бузурге монанди Ибни Рушд аз зан ва ҳуқуқи вай дар ҷомеа дифоъ кардаанд. Бино ба таъкиди Аббоси Тайло, «Ибни Рушдро занро бо назари фалсафӣ аз ҳайси офариниши ӯ менигарад. Зан аз ин ҳайс дар табиат ихтилофе бо мард надорад. Ибни Рушд муътақид аст, ки ҷомеаи исломӣ ҳангоме ба тараққӣ хоҳад расид, ки болҳои

занро бикшояд ва қуюдеро, ки монеи озодии ӯст, бибарад» [134, 99]. Бархилофи ин андеша дар асрҳои миёна ҳокимоне будаанд, ки ҳатто занро аз хона бурун омадан манъ намудаанд. Муҳаммадиброҳими Бостонии Поризӣ бо такя ба сарчашмаҳо меоварад, ки «Ал-Ҳоким Биамруллаҳ, халифаи фотимии Миср дастур дода буд, то аскофон мӯзаи занон надӯзанд ва занон қатъан аз хона бурун наоянд ва ҳафт сол бар-ин минвол буд. Ҳамчунин малик Фахруддини Карт низ дар соли 700  ҳиҷрӣ-қамарӣ дар Ҳирот фармуд, ки аврот ба рӯз аз хона дар наоянд ва ҳар аврате, ки ба рӯз берун ояд, Шамсуддини Қодисӣ, ки муҳтасиб  аст, чодари ӯро сиёҳ кунад ва ӯро сарбараҳна бар маҳаллатҳо ва кӯйҳо барорад, то таҷрибаи дигарон бошад» [95, 55]. Чунин андешаҳои занбадбинӣ то кунун дар байни мусулмонон вуҷуд дорад, ки занро омили гуноҳу боиси фитна ва ҳамдасти шайтон медонанд ва намунаи боризи он толибонанд, ки дар Афғонистон бо занону духтарон чунин муомила мекунанд.

Баррасии Қуръону аҳодиси набавӣ (с) ва таҳқиқоти донишмандон дар ин мавзуъ равшан нишон медиҳанд, ки «аз нигоҳи ислом зану мард барои ҳам аз биёбони адам ба бозори вуҷуд омадаанд ва завҷайни мукаммали якдигаранд» Ҳақ бар ҷониби донишманди эронӣ Ҷалоли Сатторӣ, ки менависад: «Бидуни иғроқ бояд гуфт, ки ислом ҳуқуқе барои зан муқаррар кард, ки то як қарну ним пеш зани ғарбӣ онро доро набуд» [126, 39]. Мутаассифона, «ҳуқуқе, ки ислом барои занон шинохт, ба тадриҷ аз онон салб шуд ва ихтиёроташон рафта-рафта беш аз пеш тангу маҳдуд гардид, то он ҷо ки ҳар чи аз оғози неҳзати исломӣ дур меафтем, муваффақияти иҷтимоии занон бадтару вазъашон асафбортар мешавад» [125, 15].

Хулоса, зан аз нигоҳи ислом дар ҳама муомилоти ҳуқуқӣ озодии мутлақ  ва сарнавишти яксон бо мард дорад. Бархилофи динҳои дигар, ки занро барои зан буданаш аз мард паст шумуридаанд, ҳамеша аз инсонияти ӯ яксон  бо мард ба назар мегирад ва ҳама он муқаррароте, ки дар амалҳои неку бад барои мард дар назар гирифтааст, барои зан низ ҳамон аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи мардсолорӣ, алалхусус дар ҳукуматҳои исломӣ дар мавриди ҳуқуқи занон аз фармудаҳои Қуръону суннат сарфи назар намуда, ҳуқуқи занро поймол

намудаанд. Аз ин рӯст, ки занон дар чанд қарни охир барои ҳуқуқи худ мубориза бурда, озодии худро ба даст овардаанд.

Новобаста ба ин, имрӯз ҳам дар баъзе кишварҳои олам, алалхусус кишварҳои исломӣ ҳуқуқи зан поймол мегардад.Ҳол он ки Паёмбари ислом дар дами вопасин мардонро насиҳат карда, ки «Намоз ба пой доред ва бандагонро некӯ доред ва боэшон (занон-М.Р.) зиндагонӣ некӯ кунед». Ба таври умум дар Қуръону суннати Паёмбари ислом ҳеч ишорае ба паст будани зан-модар аз мард нарафтааст, балки ин мардони мусулмонанд, ки дар рафтор бо занон аз фармудаҳои Қуръону таъкидҳои паёмбари ислом кор намегиранд. Мутассифона, имрӯз ҳам дар баъзе кишварҳои исломӣ ба зан ба чашми таҳқир менигаранд ва нақши созандаи онҳоро дар ҷомеа нодида мегиранд.

## 1.3. Занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра

Адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, хусусан, каломи манзуми он, ки баёнгари андеша ва орзуву омоли мардуми форсизабон ва ҳувияти онон аст, дар тасвири симои зан-модар нақши босазо дорад. Ин нукта мусаллам аст, ки дар шеъри ошиқонаи форсӣ-тоҷикӣ қаҳрамони асосӣ зан аст, ки ба ҳайси маҳбубаву маъшуқа арзи ҳастӣ кардаву пеш аз ҳама, ҳусни беҳамтои ӯ ҳамроҳ бо нозу карашма, мӯю рӯю қомат, миёну чашму абрӯ, турраву мичгон, ғабғабу бозу, ҳатто шеваи нигоҳу тарзи хиромидан ва дигар хислату рафтори ӯ нисбат ба ошиқ бо ҳазорон ранг ба тасвир омадааст. Он масъала, ки дар баъзе ашъори шоирон, хусусан шоирони суфимашраб ҷинсияти маҳбубаву маъшуқа мушаххас нест ва гоҳе писарбачагон ба сифати шоҳиду маъшуқ ба тасвир омадаанд, мавзуи дигар асту марбут ба андешаҳои ирфонии шоирони ориф мебошад. Аммо дар умум аз ғазали «Зиҳӣ фузуда ҷамоли ту зебу ороро»-и устод Рудакӣ (ҳатто пештар аз он, дар шеъри шурои моқабли Одамушшуаро) сар карда, то ашъори ошиқонаи шоирони ҷавони муосир маҳбубаву маъшуқа ҷинси латиф, духтар, зан асту бас.

Дар мавриди тасвири зебоӣ ва ҳусну ҷамоли зан ва мақоми волои модар дар зиндагӣ ва тарбияти фарзанд муҳаққиқони зиёде изҳори назар кардаанд, аммо дар бораи занбадбинӣ ё худ занситезӣ дар адабиёт камтар сухан рафтааст. Дар ин масъала муҳаққиқон ё ба таври умумӣ сухан кардаанд, ки зан дар гузашта ҳуқуқ надошту танҳо дар даврони Шуравӣ озодияшро ба даст овард ва ё бо ишораи ду-се нукта ба ин масъала аз ин мавзуъ сарфи назар кардаанд. Чунон ки зикраш рафт, дар китобу мақолаҳои таҳқиқотие, монанди «Симои зан дар фарҳанги Эрон»-и Ҷалоли Сатторӣ, «Кӯчаи ҳафтпеч»-и Муҳаммадиброҳим Бостонии Порезӣ, «Таҷаллии зан дар осори Мавлавӣ»-и Зулайхо Сақафӣ, «Фирдавсӣ, зан ва трождӣ»-и Носири Ҳарирӣ, «Зан, адабиёт ва ҷомеа» (маҷмуаи мақолаҳо ва эссеҳои донишмандони тоҷик) ва ғайра дар мавриди масъалаҳои мавқеи зан дар ҷомеа, нақши зан дар оила, ҳуқуқи зану мард, зан аз нигоҳи ислом, симои зан дар фарҳангу адабиёт ва ғайра изҳори назар шудааст.

Дар аксари ин тадқиқотҳо нақши зан бештар аз назари иҷтимоӣ баррасӣ шуда, муҳаққиқон ба таври умумӣ сухан кардаанд ва назари шоирони ҷудогона дар ин масъала ба таври мушаххас баён нашудааст.Дар китоби зикршудаи Зулайхо Сақафӣ нақши зан дар осори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ба таври мухтасар баррасӣ шудаасту бас.

Дар баробари тавсифу ситоиши зан дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ як ҷараёни занситезию занбадбинӣ ба назар мерасад, ки бархоста аз боварҳои мардумӣ, бардошти нодуруст аз оятҳои Қуръону ҳадисҳои ҷаълӣ ва фарҳангу эътиқодоти берунӣ мебошад. Муҳаққиқон сарчашмаи занситезиро дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз манбаъҳои гуногун донистаанд. Масалан, муҳаққиқи тоҷик Абдушукури Абдусаттор дар мақолаи худ чунин менависад: «Ҷомеаҳо ва дину миллатҳои қадими қабл аз исломӣ нисбат ба зан ва шахсияти ӯ назари хуб надоштанд ва ӯро аз маҷмуи ҳуқуқи башарӣ маҳрум намуда, аз лиҳози ҳуқуқӣ дар як саф бо кӯдакон гузоштаанд. Юнониёни қадим занро умуман махлуқи ночизе медонистанд, ки ҷуз давоми насл ва корҳои рӯзгору хона вазифаи ҷамъиятие дигаре надошт. Дар ҷомеаи қадими юнонӣ агар зан тифли ноқис ва заифҷуссае таваллуд мекард, он занро ба қатл мерасонданд… Дар Эрони қадим низ зан аз тамоми ҳуқуқи инсонӣ маҳрум буда, имтиёзе барои ӯ пешбинӣ нашуда буд. Доштани занҳои бисёр дар байни мардони доро маъмул буда, шавҳар ҳуқуқ дошт зани худро ва ё яке аз занонашро ба марди дигаре, ки бебизоат ё муҳтоҷ бошад, супорад…Дар байни арабҳои қабл аз ислом низ зан дар мавқеи нанговар қарор дошт. Мардони араб дар он замон занро махлуқе байни инсон ва ҳайвон ҳисоб мекарданд ва ӯро чун воситаи пайдоиши наслҳо ва хизматгорӣ медонистанд. Дар миёни қабилаҳои саҳрониши қадими араб одати зиште маъмул буд, ки тибқи он духтар таваллуд кардани зан чун бадбахтӣ ва мусибат дониста мешуд. Дар чунин ҳол падарони золим ва сангдил духтарони бегуноҳи худро зинда мегӯронданд…» [85, 74].Зулайхо Сақафӣ сабаби занситезиро дар адабиёт мардсолорӣ будани ҷомеа медонад: «Аз ғалатҳои умумии занситезӣ дар адабиёт мардона будани ҷомеа, ривоҷи ақоиди нодуруст ва доштани боварҳои ғалат дар бораи зан мебошад. Барои мисол, дар

адабиёти Эрон аз бисёре матолиб дар бораи зан анбошта аст, ки ё мубтанӣ бар сунани хории зан дар ҷомеаи мо қабл аз ислом аст ва ё мубтанӣ бар дарки хос аз бархе оёт ва бархе аз аҳодиси ҷаълии алайҳи зан аст» [125, 74].

Аз баррасиии андешаҳои муҳаққиқон дар мавриди занситезӣ дар ҷомеаи асримиёнагӣ бармеояд, ки аксари онҳо ҷомеаи мардсолорӣ ва бардошти нодуруст аз Қуръону суннатро сабаби пайдоиши занбадбинию занситезӣ дар ҷомеаи мусулмонии асримиёнагӣ медонанд. Гурӯҳи дигар аз донишмандон бидуни таҳқиқи дурусти илмӣ, бо такя ба чанд далел занони даврони бостонро аз тамоми ҳуқуқ маҳрум донистаанд. Барои таҳқиқи илмии ин масъала як назари гузаро ба адабиёти асримиёнагӣ, хусусан адабиёти аҳди классикии форсӣ-тоҷикӣ метавонад ба ин масъала равшанӣ андозад. Баррасии мавзуи занситезӣ дар осори ҳама суханварони ин аҳд суханро ба дарозо мекашад, аммо имкон дорад бо таҳқиқи мавзуи мазкур дар осори намояндагони бузурги ҳар давраи адабиёт ба он равшанӣ андохт.

Шеъри замони Сомониён, бино ба гуфти муҳаққиқон «шеъри миллати ғолиб аст». Аз ин рӯ, дар шеъри ин аҳд мо бештар шодиву шодихориро мебинем. Воқеан, Сомониён баъд аз Тоҳириёну Саффориён тавонистанд давлати миллие бунёд ниҳанд, ки гарчанд дар зоҳир тобеи хилофат буд, аммо истиқлоли фикрӣ доштанду руҳияи озодманишӣ ва истиқлолхоҳиро тарғиб менамуданд. Дар ин давра китобҳои зиёде аз арабӣ ба форсии дарӣ тарҷума шуданд ва ба ин васила боварҳову эътиқоди мардуми ғайр вориди фарҳанги форсизабонон гардид. Гумон меравад, яке аз василаи занситезию занбадбинӣ дар байни мардуми форсизабон роҳ ёфтани чунин боварҳо бо воситаи тарҷумаи китобҳои миллатҳои дигар бошад. Масалан, китобҳое монанди «Синбоднома», «Тӯтинома»-ҳо, ки бештар дар бораи ҳиллаву найранги занҳост, асли ҳиндӣ доранд. Мардуми ғайриараби мусулмон, аз ҷумла форсизабонон на танҳо исломро тавассути футуҳоти арабҳо қабул карданд, балки имкон дорад занситезию ҳақир шумо□ридани зан, ки дар даврони ҷоҳилияти араб буду то кунун ба куллӣ аз байн нарафтааст, ба ин восита вориди фарҳангу боварҳои мардуми мо гашта бошад. Дар шеъри замони Сомониён дар баробари васфу

ситоиши зан андешаҳои занситезию хор доштани вай низ ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар ашъори бозмонда ва мансуб ба устод Рӯдакӣ чунин андеша ба назар мерасад:

Надорад майл фарзона ба фарзанду ба зан ҳаргиз,
Бибуррад насли ин ҳар ду, набуррад насли фарзона [46, 316].

Дар қасидаи машҳури устод Рӯдакӣ «Шикоят аз пирӣ» ба байте вомехурем, ки шоир аз даврони «осудаву осон»-и зиндагиаш, ки зану фарзанд надошт, бо ҳасрат ёд мекунад:

Аёл не, зану фарзанд не, маъунат не,
Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд [46, 78].

Бояд зикр кард, ки афкори занбадбинӣ бештар дар абёти бозмонда аз маснавиҳое ба назар мерасанд, ки асли ғайриэронӣ доранду Одамушшуаро онҳоро ба назм даровардааст, монанди «Калилаву Димна», «Синбоднома» ва ғайра.Чунончи:

Он гурунҷу он шакар бардошт пок
В-андар он дастор он зан баст хок.
Он зан аз дуккон фуруд омад чу бод,
Пас фаларзангаш ба даст - андар ниҳод.
Мард бикшод он фаларзаш, хок дид,
Кард занро бонгу гуфташ: – Ай палид! [46, 338]

Ва:

Зан, чу ин бишнида шуд, хомӯш буд,
Кафшгар конову марде лӯш буд [46, 331].

* * *

Боз кард аз хоб занро нарму х(в) аш,
Гуфт: – Дуздонанду омад пойпаш [46, 331].

Калимаи «зан» дар танҳоӣ дар ашъори ғиноии бозмонда аз устод Рӯдакӣ ба назар намерасад, зеро дар ин гуна ашъор танҳо сифату ситоиши зебоӣ ва нозу карашмаи занро мебинем, ки ба ҳайси маҳбубаю маъшуқа ба тасвир

омадааast. Дар байте аз гиёҳе бо номи сус сухан меравад, ки агар бо май гудохта шавад, занонро дармон мебахшад:

Суси парварда ба май бигдохта,

Нек дармоне занонро сохта [46, 342].

Аз ҷиҳати ҷисмонӣ заифу нотавон донистани зан муҷиб шуда, ки шоирон вақте аз шуҷоату тавоноии мамдуҳ сухан кунанд, душмани ӯро ба зан ташбеҳ медиҳанд. Чунончи, дар байти зери Шокири Бухороӣ мардонагии мамдуҳ дар муқоиса бо мардон пои зан ба миён кашида шудааст. Яъне мамдуҳи шоир чунон тавоност, ки мардони дигар дар назди ӯ ба зан монананд:

Ба родии ӯ род монад ба зафт,

Ба мардии ӯ мард монад ба зан [3.82].

Дар байти зери Абулмайиди Балхӣ паҳлавоне, ки аз ҷанг бо шер ҳарос дорад, ба «зани зоҷ» монанд шудааст:

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,

Зани зоҷ хонаш, махонаш далер [3, 96].

Абушакури Балхӣ марди паймоншиканро ба «зани ҷоф-ҷоф» ташбеҳ кардааст:

Зи доно шунидам, ки паймоншикан

Зани ҷоф-ҷоф аст, осонфикан [3, 95].

Шаҳиди Балхӣ зани бадро «палишту талотуфу аҳреманкирдор» медонад ва маслиҳат медиҳад, ки мард набояд ба ӯ наздикӣ ҷӯяд:

Зане палишту талотуфу аҳриманкирдор,

Нигар, нагардӣ аз гирди ӯ, ки гарм ойӣ [3, 62].

Бино ба таъкди муҳаққиқон, дар шеъри асри X роиҷтарин санъат санъати ташбеҳ аст ва нуктаи ҷолиб он аст, ки хӯю хислат, амалу рафтору кирдор ва дар умум ҳастии зан дар адабиёти ин аҳд ба ҳайси манбаи ташбеҳ ба кор рафтааст. Чунончи, дар абёти зери Абушакури Балхӣ хислати бади мард ба зани бадхӯ ва хислати неки ӯ ба зани хуби дӯшиза ташбеҳ шудааст:

Батар душмане мардро хӯи бад,

К-аз ӯ ҷон ба ранҷ ояду колбад.

Батар мард он, к-ӯ ба хӯи занон

Барояд, пас он гаҳ бимонад чунон.

Бас аст ин шараф хӯи покизаро,

Ки монад зани хуб дӯшизаро [3, 153].

Породокс ё худ танокузи фикр дар он аст, ки шоир зани бо хӯю хислати мардонаро ҳам қабул надорад:

Хирадманд гӯяд, ки зан он батар,

Ки ӯ мардхӯ бошаду мардфар [3, 160].

Шоир бар ин андеша аст, ки мард набояд рози худро ба касе, ҳатто бо дӯсташ ба миён ниҳад ва агар сирри дӯсте назди мардест, набояд ошкор кунад ва ошкоркунандаи рози дӯстро сазовор аст, ки пӯсташро бидаранд, зеро оқибати вай расвоӣ аст. Бадтар аз он аст, ки марде рози худро ба зан гӯяд, зеро занон роз нигаҳ надоранд ва расвоӣ насиби мардон бувад:

Касе, ки бараҳна кунад рози дӯст,

Раво бошад, ар бардарониш пӯст.

Кушояндаи розҳои ниҳон

Саранҷом расво шавад дар ҷаҳон…

Мабод эч кас, к-ӯ бигӯяд ниҳон

Або зан, ки расво шавад дар ҷаҳон [3, 160].

Ҷалоли Сатторӣ дар ин масъала менависад: «Дар адабиёти ҳамаи ҷавомеъи мардсолорӣ зан ғолибан бархурдор аз ҳуши саршор барои вайронгарии андешаидаи низоми иҷтимоӣ, бо камоли хунсардӣ ва ҳиллагарию найрангсозӣ аст ва ин тазвиру макри ҳушмандона кайд ном гирифтааст. Бад-ин ҷиҳат мард бо вай ситез дорад ва ситези ӯ овезиш бар ҳақ менамояд ва қазоро ҳамин хислати зан муҷиби хавфу ваҳшати нуҳуфтаи мардон аз ҳамсарашон аст, ки дар бисёре аз қиссаҳову достонҳо (макри зан) инъикос ёфтааст» [126, 100].

Дар «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, ки ҳамосаи бузурги миллисту баёнгари фикру андеша ва равиши зиндагии ниёгони мост, зан-модар мақоми шоиста дорад. Ҳаким Фирдавсӣ симоҳое аз образи занон офарида, ки дар зебоӣ беназиранду дар разм аз мардон камӣ надоранд. Масалан, дар разм Гурдофарид

ва Гурдия паҳлавононро дар ҳайрат меоваранд. Фаронак-модари Фаридун, Рудоба-модари Рустам, Фарангис- модари Кайхусрав, Ҷарира - модари Фуруд, Катоюн - модари Исфандиёр илова бар он, ки паҳлавонони бузургеро ба дунё овардаанд, маслиҳатчию насиҳатгари фарзандони бузургашон ҳастанд. Тасвирҳое, ки Фирдавсӣ дар зебоӣ ва ҳусну ҷамоли занон дорад, ҳатто дар ғазалҳои шоирон назирашро камтар мушоҳида мекунем. Чунончи, ҷамоли Таҳминаро чунин устодона ба тасвир кашидааст:

Паси парда-андар яке моҳрӯй,
Чу хуршеди тобон пур аз рангу бӯй.
Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори сарви баланд.
Ду рух чун ақиқи ямонӣ ба ранг,
Даҳон чун дили ошиқон гашта танг.
Равонаш хирад буду тан ҷони пок,
Ту гуфтӣ, ки баҳра надорад зи хок…[64, 196].

Дар тавсифи шуҷоату далерии Гурдофарид мегӯяд:

Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг-андарун номдор.
Кучо номи ӯ буд Гурдофарид,
Ки чун ӯ ба ҷанг-андарун кас надид [64, 213].

Зебоии Гурофаридро чунин ба риштаи тасвир овардааст:

Чу рухсор бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушшоб бикшуд уннобро.
Яке бустон буд андар биҳишт,
Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон…[64, 217].

Новобаста ба ин, ҳамон духтарбадбинии даврони ҷоҳилияти қавми араб, ки баъд аз ислом низ ба пуррагӣ аз байн нарафта буд, дар «Шоҳнома» инъикос ёфтааст. Масалан, Меҳроб-падари Рӯдоба, ки арабнажоду аз тухмаи Заҳҳок

аст, вақте мефаҳмад духтараш бо Золи Зар аҳду паймон кардааст, ба хашм меояду ба занаш- Синдухт мегӯяд:

Ҳаме гуфт: «Чун духтар омад падид,
Бибоистамаш дарзамон сар бурид.
Накуштам, нарафтам ба роҳи ниё,
Кунун сохт бар ман чунин кимиё… [63, 298].

Ва ё Афросиёб вақте хабар меёбад, ки духтараш Манижа ба паҳлавони эронӣ - Бежан дил бастааст, ба хашм меояду мегӯяд:

Киро аз паси парда духтар бувад,
Агар тоҷ дорад, бадахтар бувад» [68, 311].

Илова бар ин, ин андеша, ки ақли зан монанди ҷисмаш заиф асту «зи кори зан ояд ҳама костӣ», аз забони баъзе қаҳрамонони «Шоҳнома» садо медиҳад. Масалан, вақте аз насли шоҳон марде боқӣ намемонад ва аз ночорӣ духтари Хусрави Парвиз Пуронро шоҳ интихоб мекунанд, шоир мегӯяд:

Яке духтаре буд Пӯрон ба ном,
Чу зан шоҳ шуд, корҳо гашт хом [71, 386].

Паст шумоについては зан ва сабаби бадбахтиҳо будани ӯ ҳатто аз забони қаҳрамони асосии «Шоҳнома» Рустами Дастон садо медиҳад:

Касе, к-ӯ бувад меҳтари анҷуман,
Кафан беҳтар ӯро, ки фармони зан.
Сиёвуш зи гуфтори зан шуд ба бод,
Хуҷаста зане, к-ӯ зи модар назод [65, 249].

Воқеан, зане, ки сабаби бадномии занон дар ин асари оламшумул гаштааст, Судоба мебошад, ки бо ишқи номашрӯи худ Сиёвуши бегуноҳро маҷбур кард, ки барои исботи бегуноҳии худ аз кӯҳи оташ бигзарад ва дар ғарибӣ аз дасти душман кушта шавад. Абёти зер дар шаъни Судоба барин занҳои нопок гуфта шудааст:

Зану аждаҳо ҳар ду дар хок беҳ,
Ҷаҳон пок з-ин ҳар ду нопок беҳ! [65, 497].

Бино ба таъкиди шоир, ки такя бар боварҳои мардумӣ дорад, набояд дар пеши зан аз марде сифат кард, зеро «дили зан ҷойгоҳи дев» асту зуд фирефта мешавад:

Чи некӯ сухан гуфт он ройзан:
Зи мардон макун ёд дар пеши зан.
Дили зан ҳамон девро ҳаст ҷой,
Зи гуфтор бошанд ҷӯяндарой…[63, 256].

Андешаи дигар, ки дар «Шоҳнома» аз номи қаҳрамонони асар талқин шудааст, иллати номи баланд наёфтани занҳо дар «хӯрдану хуфтан»-и онҳост:

Занонро аз он ном н-ояд баланд,
Ки пайваста дар хӯрдану хуфтананд» [65, 189].

Сабаби дигари ҳақир донистани зан бедонишу фарҳанг будани онҳост. Чунончи, вақте бо хоҳиши Судоба Ковус мехоҳад Сиёвушро ба шабистон роӣ кунад, ҷавонмард чунин посух медиҳад:

Чӣ омӯзам андар шабистони моҳ?
Ба дониш занон кай намоянд роҳ? [65, 21]

Хислати дигар, ки сабаби накӯҳиши занон дар «Шоҳнома» шудааст, пинҳон надоштани рози мардон аз ҷониби занон аст, зеро ба қавли қаҳрамонони ин асари базавол, «занонро агар лаб бидӯзӣ» ҳам забонашон ба банд намемонад. Чунончи, Бежан вақте аз омадани Рустам ба Турон тавассути ангуштарии фиристодаи ӯ хабар меёбад, ба Манижа, ки бовуҷуди худфидоии ӯ ба ин паҳлавон, мегӯяд:

Бад-ӯ гуфт Бежан, ки «Ин кори сахт
Ба уммеди онам, ки букшод бахт.
Кунун гар вафои маро нашканӣ,
Ба савганд бо ман ту паймон кунӣ,
Бигӯям туро сар ба сар достон,
Чу бошӣ ба савганд ҳамдостон,
Ки гар лаб бидӯзӣ зи баҳри газанд,
Занонро забон ҳам намонад ба банд» [66, 378].

Ҳамчунин вақте паҳлавонон пеш аз ҷанги тан ба тан ҷанги лафзӣ мекунанд, барои таҳқири рақиб ӯро зан меноманд:

Бирав чун занон панбаву дук гир!

Паси парда бо духтарон сӯк гир [68, 319]!

Чунончи, Гев- паҳлавони эронӣ дар набарди лафзӣ ба Пирон-сипаҳсолори Турон мегӯяд:

Намудӣ ба ман пушт ҳамчун занон,

Бирафтӣ ғиревону мӯякунон.

Туро худ ҳаме мурд бояд чу зан,

Миёни ялон лофи мардӣ мазан…

Ба сони занон мурд бояд туро,

Куҷо марди доно ситояд туро?...

Ҳаме лоба созӣ ба сони занон,

Пур аз нанг бо шоҳ лобакунон…[68, 321].

Аммо набояд ин хама занбадбиниро назари Фирдавсии бузург донист. Ҳакими бузург дар баробари накӯҳиши занони бадхӯ чун Судоба занони нексиришти порсоро меситояд:

Чу ин достон сар ба сар бишнавӣ,

Беҳ ояд туро, гар ба зан награвӣ.

Ба гетӣ ба ҷуз порсозан маҷӯй,

Зани бадкуниш хорӣ орад ба рӯй [65, 251].

Ҷалоли Сатторӣ бархилофи он муҳаққиқоне, ки мегӯянд: «Занҳо дар «Шоҳнома» мақоми муҳимеро ҳоиз нестанд ва вуҷуди онҳо дар манзума бештар аз роҳи ҳавас ва ишқ аст» менависад: «Занон дар ҳамосаи миллӣ (ба ҷуз як ду маврид) ба рағми ситираи нақши падарсоларӣ бар аксари достонҳои ҳамосӣ ва таъсири сунани падарсоларӣ дар зеҳнияти мард, хосса дар нақши модар мақоми арҷманду воло ва симои дилписанду зебо доранд» [126, 12]. Воқеан, алорағми занситезии ҷомеаи мардсоларӣ шоири бузург дар «Шоҳнома» аз заноне сухан ба миён оварда, ки корҳоеро анҷом медиҳанд, ки мардон аз иҷрояш оҷизанд. Масалан, Синдухт зани Меҳроби Заҳҳокнажоди араб аст, ки

«зан дар назди ин қавм махлуқе байни инсону ҳайвон аст ва ҳеч ҳуқуқеро соҳиб нест», аммо дар тасвири Фирдавсӣ ин зан ҳамчун расул назди Соми Наремон мераваду оташи ҷангро ба сулҳи оштӣ ва мотамро ба тӯю сур бадал месозад. Ҷаҳонпаҳлавон нахуст дар ҳайрат мефтад, ки дар ҳеч ойину расму русуме зан фиристода - сафир набуд, дар ин амал чӣ мақсаде ниҳон аст:

Зи ҷое куҷо моя чандин бувад,
Фиристодани зан чӣ оин бувад? [63, 327]

Вақте занро қабул мекунаду суҳбат меорояд, аз донишу маниш ва ҳусну ҷамоли вай дар ҳайрат меафтад:

Суханҳо чу бишнид аз ӯ паҳлавон,
Зане дид борою равшанравон.
Ба рух чун баҳору ба боло чу сарв,
Миёнаш чу ғарву ба рафтан тазарв.
Чунин дод посух, ки «Паймони ман
Дуруст аст, агар бугсилад ҷони ман [63, 331].

Зани дигаре, ки бо вуҷуди зани душмани Эрон буданаш мавриди ситоиши шоири бузург қарор гирифтааст, Гулшаҳр-зани Пирони Виса, сипаҳсолори Турон мебошад. Фирдавсӣ дар чанд ҷой ӯро ба сифати «некзан» ва «равшанравон» ёд кардааст:

Дари хонаи ҷомаи нобурид
Ба Гулшаҳр биспурд Пирон калид,
Ки ӯ буд меҳбонуи паҳлавон,
Ситуда зане буду равшанравон [65, 142].

Ҳамчунин гӯяд:

Бипурсид Гулшаҳр, к-»Эй номҷӯй,
Чаройӣ ту шодон бад-ин сон, бигӯй!»
Бад-ӯ гуфт Пирон, ки «Эй некзан,
Шудастам сарафроз бар анҷуман» [65, 133].

Аз занону духтарони турониён Ҷарира-духтари Пирону зани аввали Сиёвуш ва Фарангис-духтари Афросиёб, ки зани дувуми шоҳзодаи ноками

эронист, мавриди тавсифу тамҷиди Фирдавсӣ қарор гирифтаанд. Носири Ҳарирӣ дар мавриди мавқеи зан дар ин асари бузург менависад: «Шоҳнома» як китоби зидди зан нест.Дар даврони паҳлавонӣ аз Судоба, ки бигзарем, ҳеч зани патёрае дида намешавад, баръакс, теъдоди зани бисёр бузургвор ҳастанд, ки назири онҳоро аз ҳайси рангорангию диловезӣ на танҳо дар осори дигари форсӣ, балки дар осори бузурги бостонии соири кишварҳо низ наметавонем бубинем. Аксар занони «Шоҳнома» намунаи боризи зани тамомиёр ҳастанд, дар айни бархурдорӣ аз фарзонагӣ, бузургманишӣ ва ҳатто далерӣ аз ҷавҳари занона ба наҳви саршор баҳраманданд. Заноне, ки ҳам ишқ бармеангезанд ва ҳам эҳтиром, ҳам зебоии берунӣ доранд ва ҳам зебоии дарунӣ» [146, 27].

Баррасии мавзуи зан дар «Шоҳнома» ва андешаҳои муҳаққиқон дар ин масъала моро ба хулоса овард, ки шоири бузург вақте достонеро ба назм меоварад, ки дар он занҳо нақш доранд, афкори ҷомеаи ҳамонзамонро нисбат ба зан бо истифода аз қаҳрамонону персанажҳо баён мекунад. Дар ин асари бузурги ҳамосаи миллӣ ҳам занони патёра ба тасвир омада нукӯҳиш шудаанд ва ҳам занони нексиришти зебову порсо, ки мавриди ситоишу тамҷиди шоири бузург қарор гирифтаанд. Дар «Шоҳнома» абётеро дар мавриди зан метавон дарёфт, ки фикри бевоситаи ҳакими бузург нисбат ба зан аст. Монанди ин байтҳо:

Чу фарзанд бошад ба оину фар,
Гиромӣ ба дил бар чи мода чи нар [70, 217].

Ва:

Зану мардро аз баландӣ маниш
Сазад, гар барояд сар аз сарзаниш [65, 503].

Ва:

Беҳини занон дар ҷаҳон он бувад,
К-аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад [69, 617].

Мусаллам аст, ки дар нимаи дуюми асри Х1 бо зуҳури шоири бузурге монанди Ҳаким Саноӣ тасаввуф вориди адабиёт гардид ва «дарёи адабиёти форсиро маҷрои нав бахшид». Бояд зикр кард, ки суфиёну орифон бо

дидгоҳҳои гуногун ба зан нигаристаанд. Аз таҳқиқоти донишмандон бармеояд, ки гурӯҳе аз суфиён занро «дастёри шайтон» дониста, аз ӯ дурӣ ҷустаанд, иддаи дигари суфиён «иштиғол ба занро муҷиби дурӣ аз Ҳақ ангошта, руҳбониятро пешаи худ намудаанд». Аммо, «орифоне, ки бо пайравӣ аз сираи набавӣ(с) вуҷуди занро барои идомаи зиндагии модии худ зарурӣ донистаанд ва билохира афроде, ки ӯро нишона ва оинае аз вуҷуди Ҳақ дониста ва бо диди мутафовут бад-ӯ таваҷҷуҳ  намудаанд» [125, 40]. Воқеан, яке аз шартҳои расидан ба Ҳақ дар назди соликони тариқат раҳо шудан аз ҳама гуна тааллуқоти дунявӣ аст. Ба ин мақсад баъзе  суфиён аз зану фарзанд доштан низ даст кашидаанд, то ба ҳадафи худ ноил шаванд. Масалан, дар китоби  Шиҳобуддини Суҳравардӣ «Орифу-ул-маориф» аз номи суфии машҳур Иброҳими Адҳам чун нақл шудааст: «Иброҳими Адҳам гуфт: Он дарвеш, ки зан кард, дар киштӣ нишаст ва чун фарзанд омад, ғарқ шуд» ва дарвоқеъ, касоне аз суфия, ки таҷарруду саёҳатро ҷиҳати такмил ва таҳзиби нафс лозим мешуморанд, худро дар доми алоиқ намеафкананд ва ба ҳар баҳона, ки мешавад, аз ин ибтилой  мегурехтанд» [157, 85].  Аммо бештари орифон, хусусан орифони шоир ва шоирони ориф монанди Аттору Мавлавӣ, Саъдию Ҳофиз, Камоли Хуҷандию Абдурраҳмони Ҷомӣ ва дигарон ишқи заминӣ, яъне ишқ ба занро нардбони ишқи ҳақиқӣ, яъне ишқ ба Худованд донистаанд. Қосими Ансорӣ дар ин масъала менависад: «Суфия ба сариёни ишқ дар ҳама мавҷудот ба ҳасби дараҷаву лаёқати онҳо муътақиданд ва ишқу муҳаббатро яке аз олитарин мабонӣ ва усули тасаввуф медонанд. Пас ишқ отифаи осмонист ва ҳама мавҷудоти дар ҳадди худ ба Ҳақ ишқ меварзанд ва ишқ ба Офаридгор низ аз он раҳгузар аст, ки  партави зоти Ҳақанд ва «маҷоз пули ҳақиқат аст» [87, 84].

Ҷалоли Сатторӣ  дар китоби зикршудаи худ ҳангоми баррасии симои зан дар ирфони ошиқонаи форсӣ-тоҷикӣ менависад: «Тақдис (пок шуморидан)-и инсон ва оғозу анҷом, ҳадафу натиҷаи офариниш қарор додани ӯ яке аз ақоиди муҳими тасаввуф аст ва зан низ аз ин амр мустасно намешавад ва бо ривоҷи ин гуна андешаҳои ирфонӣ симою ҷамоли зан аз камолоти Худо дониста шуд. Воқеият ин аст, ки дар қиболи хор доштан ва кӯчакшумарии зан гӯиё бар пои

тармиму ҷуброни он вокуниши сутурге буруз кард, ки дар тасаввуфи ҷамолӣ ё ирфони ошиқона маҷоли намуд ёфт. Албатта, тасаввуфи ошиқона маълули ин гуна муқтазиёт ва аҳвол нест, аммо бо истиъло ва тасвияи ишқу полоиши гавҳари зиндагонӣ ва на инсироф аз зан заминае барои шинохту таъкиди шуюну такрим ва гиромидошти вай фароҳам овард. Ирфон на эҳтирозу парҳез аз зан, балки саросар эътилою татҳир ва таҳзиби зиндагонӣ аст» [126, 260]. Таҳқиқоте, ки Зулайхо Сақафӣ дар мавриди симои зан дар осори Мавлавӣ анҷом додааст, намунаи боризи гиромидошти зан аз тарафи орифони бузурге монанди Мавлоно Ҷалолуддини Балхист [125]. Аз сӯйи дигар, дар баробари намоди ҷамоли Ҳақ донистани симои зебои зан дар ашъори шоирони мутасаввиф кӯчаку заиф шуморидани зан низ мушоҳида мешавад. Маслан, шоирони суфимашрабе монанди Ҳаким Саноӣ, ки муҳимтарин мавзуи ашъорашон ишқ аст, вақте аз ишқи бутон сухан ба миён меоваранд, ошиқони беҳимматро ба зан монанд кардаанд, ки идомаи ҳамон суннати заиф донистани зан аст:

Аз паи ишқи бутон мардонагӣ бояд намуд,

Гар чу зан беҳимматӣ, пас, лофи мардон шарт нест [13, 52].

Ҳаким Саноӣ солике, ки пойбанди зану зар аст, лоиқи ишқ намемедонад, аз назари ӯ ошиқи воқеӣ бояд фориғ аз зарру зан бошад:

То ту дар банди ҳавоӣ, аз зару зан чора нест,

Ошиқе шав, то ҳам аз зар фориғ ойӣ, ҳам зи зан [13, 983].

Ва ё орифи машҳури асри Х1У, муаллифи китоби «Гулшани роз» Шайх Маҳмуди Шабустарӣ мегӯяд:

Нишастӣ чун занон дар кӯи идбор,

Намедорӣ зи ҷаҳли хештан ор.

Занон чун ноқисоти ақлу динанд,

Чаро мардони раҳ эшон гузинанд [125, 30].

Ҳаким Низомии Ганҷавӣ, ки дар осораш дар тавсифу ситоиш ва тасвири зебоии заноне амсоли Ширин, Лайлӣ, Шакар, духтари курд, бонуи Чин ва ғайра доди суханро додааст, аз забони персонажҳои «Хамса»-аш ҳамон андешаҳои

занситезию занбадбинии даврони ҷоҳилияти араб, ки дар аҳди исломӣ низ аз байн нарафта буд, чунин баён медорад:

Басо зан, к-ӯ сад аз панҷаҳ надонад,
Уторидро ба зарқ аз раҳ биронад.
Занон монанди райҳони сафоланд,
Дарун сӯ хубсу берун сӯ ҷамоланд.
Нашояд ёфтан дар ҳеҷ барзан
Вафо дар аспу дар шамшеру дар зан.
Вафо мардист, бар зан чун тавон баст,
Чу зан гуфтӣ, бишӯ аз мардумӣ даст.
Басе карданд мардон чорасозӣ,
Надиданд аз яке  зан ростбозӣ.
Зан аз паҳлӯи чап, гӯянд, бархост,
Маҷӯй аз ҷониби чап ҷониби рост [6, 189].

Дар достони «Лайлию Маҷнун» вақте Лайлиро падараш ба Ибни Салом ба шавҳар медиҳад, шутурсаворе хабари шавҳар кардани Лайлиро ба Маҷнун мерасонад. Шоир аз забони он шутурсавор дар шаъни занон мегӯяд:

Зан, гар на яке, ҳазор бошад,
Дар аҳд кам устувор бошад.
Чун нақши вафову аҳд бастанд,
Бар номи занон қалам шикастанд.
Зан дӯст бувад, вале замоне,
То ҷуз ту наёфт меҳрубоне.
Чун дар бари дигаре нишинад,
Хоҳад, ки дигар туро набинад.
Зан майл зи мард беш дорад,
Лекин сӯи коми хеш дорад.
Зан рост набозад, он чи бозад,
Ҷуз зарқ насозад, он чи созад.
Бисёр ҷафои зан кашиданд

В-аз ҳеҷ зане вафо надиданд.

Марде, ки кунад занозмоӣ,

Зан беҳтар аз ӯ ба бевафоӣ…[7, 164].

Гарчанде ин суханонро он шутурсавор дар ҳаққи Лайлӣ мегӯяд, то Маҷнун аз ӯ дил канаду ба ақл ояд, аммо муроди шоир на Лайлӣ, балки «зани бад» аст, ки дар байте ишора мекунад:

Зан чист?! Нишонагоҳи найранг,

Дар зоҳир сулҳу дар ниҳон ҷанг.

Дар душманӣ офати ҷаҳон аст,

Чун дӯст шавад, ҳалоки ҷон аст.

Гӯӣ, ки бикун, намениюшад,

Гӯӣ, ки макун, думарда кӯшад.

Чун ғам хурӣ, ӯ нишот гирад.

Чун шод шавӣ, зи ғам бимирад.

Ин кори занони ростбоз аст,

Афсуни занони бад дароз аст» [7, 167].

Суханони боло дар таъни зан андешаи шахсии ҳакими бузург нест, балки андешаи он араби шутурсаворест, ки мехоҳад Маҷнуни ақлбохтаро аз зан дилхунук гардонад. Андешаи Ҳаким Низомии Ганҷавӣ дар ҳаққи зан дар абёти зер таҷассум ёфтааст, ки мақоми волое барои зан қоил асту аз мардон кам намедонад:

На ҳар к-ӯ зан бувад, номард бошад,

Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.

Басо раъно зано, к-ӯ шермард аст,

Басо дебо, ки шераш дарнавардаст [7, 164].

То он ҷо, ки мушоҳида мешавад, мафҳуми «зан» аз маънои луғавиаш хориҷ гашта, гоҳе ба маънии заифу нотавон ва дар аҳд ноустувору бевафо, беэътиқод ба кор меравад. Чунин маъниро дар мисраи дуюми байти аввали боло мушоҳида мекунем: «Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад». Ҳаким Низомӣ ба зан-модар эҳтироми бузург қоил аст, аммо ҳар зани фарзандовардаро лоиқи

номи зан-модар намедонад. Дар тасвири шоири бузург занон монанди гул ва ё най ҳастанд, баъзе меваю қанд меоваранду баъзе бебораид. Зан-модаре, ки фарзанд меовараду ӯро ба меҳр мепарварад, шоистаи сад таҳсин аст, аммо заноне, ки ҳарчанд фарзанд меоваранд, аммо меҳри модарӣ надоранду хӯю хислати занонаашонро гум кардаанд, сазовори номи зан-модар нестанд:

На ҳар зан-зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар нае қанд [6, 368].

Новобаста ба ин Низомии Ганҷавӣ аз назари ҷомеаи мардсолории асрҳои миёна пурра раҳо наёфтааст ва гоҳе андешаҳои занпастзании асри худро ҷонибдорӣ мекунад:

Ба Гелон-дар накӯ гуфт он накӯ: «Зан-
Маёзор, ар биёзорӣ, накӯ зан!
Мазан занро, вале чун барситезад,
Чунонаш зан, ки ҳаргиз барнахезад [6, 259].

***

Зан гарчи бувад мубориз афган,
Охир, чу зан аст, ҳам бувад зан.
Зан, гир, ки худ ба хун далер аст,
Зан бошад зан, агарчи шер аст [7, 202].

Дар достони «Ҳафт пайкар» низ занситезӣ ба назар мерасад:

Нӯшлаб з-он маниш, ки хӯй бувад,
Зан буду зан газофагӯй бувад [8, 116].

***

Зан чу марди кушодарӯ бинад,
Ҳам бад-ӯ, ҳам ба худ фурӯ бинад.
Бар зан эмин мабош, зан коҳ аст,
Барадаш бод, ҳар куҷо роҳ аст.
Зан чу зар дид, чун тарозуи зар
Ба ҷаве бо ҷаве дарорад сар.
Нор, к-аз нордона гардад пур,

Пухта лаълу напухта бошад дур.
Зан чу ангуру тифли бегунаҳ аст,
Хом сарсабзу пухта рӯсияҳ аст.
Модагон дар када кадуноманд,
Хомашон пухта, пухташон хоманд.
Исмати зан ҷамоли шӯй бувад,
Шаб чу маҳ ёфт, моҳрӯй бувад.
Ҳама оварда буд зери навард,
Он ба сурат зану ба маънӣ мард [8, 148].

Аммо ин нуктаро бояд зикр кард, ки бештар андешаҳои занситезию занбадбинӣ аз забони персонажҳои достон асту наметавон онҳоро қатъиян андешаи шоир донист. Ҳаким Низомӣ образҳои олие аз занон монанди Ширину Лайлӣ офарида ва ба онҳо эҳтироми баланд қоил аст. Шоир чунин занонро хамаҷиҳата ситоиш мекунад. Яъне Ширину Лайлии Низомӣ ҳам аз назари зебоӣ ягонаи офоқанд ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ поку мубарро ва ба аҳду қавли худ устуворанд ва ҳатто дар ишқ мардона рафтор мекунанд. Вале ҷомеаи мардсолорӣ ҳуқуқи занонро маҳдуд кардааст ва онҳо наметавонанд чун мардон озодона орзуҳои худро амалӣ созанд. Ин маъниро аз забони Лайлӣ шоир хеле кушоду равшан баён намудааст:

Лайлӣ будам, валекин акнун
Маҷнунтарам аз ҳазор Маҷнун.
З-он шефтаи сияҳситора
Ман шефтатар ҳазорбора.
Ӯ гарчи нишонагоҳи дард аст,
Охир, на чу ман зан аст, мард аст.
Расми араб аст, к-аз паси шӯй
Нанмояд зан ба ҳеҷ кас рӯй [7, 202].

Духтарбадбинию занситезӣ, ки мероси даврони ҷоҳилияти қавми араб асту бо қабули ислом ба мардуми Аҷам ҳам сироят ёфт, дар ашъори шоири бузурги

қасидасарои асри Х11 Хоқонии Шарвонӣ бештар ба назар мерасад. Масалан «Дар тавлиди духтари худ» мегӯяд:

Маро чӣ нуқсон гар ҷуфти ман бизод кунун
Ба чашмзахми ҳазорон писар яке духтар.
Ки духтаре, ки ин сон бародарон дорад,
Арӯси даҳраш хонанду бонуи кишвар.
Агар бимирад, бошад биҳиштро хотун,
В-агар бимонад, зебад Масеҳро хоҳар.
Агарчи ҳаст бад-ин сон Худо-ш марг диҳад,
Ки гӯр беҳтар домоду дафн авлотар…[81, 341].

Духтарбадбинии шоир то ба ҳаддест, ки ҳатто орзу мекунад, ки кош модараш ҳам аз модар зода намешуд:

Маро ба зодани духтар чӣ хуррамӣ зояд,
К-ош модари ман ҳам назодӣ аз модар [81, 347].

Хоқонии Шарвонӣ ду марсия дар вафоти духтараш навиштааст, яке бо унвони «Дар расои духтари хеш» ва дигаре «Дар вафоти духтари худ», ки ҳарчанд шеъри олист, аммо дар муқоиса бо дигар марсияҳояш ҷонгудоз нест. Аз ҳар ду марсия бармеояд, ки шоир аз вафоти духтараш он қадар ғамгин нест:

Пешбин духтари нав омад ман
Дид, к-офаташ аз пас аст, бирафт.
Гавҳари тоза омад аз раҳи ғайб,
Дид, к-ин манзил хас аст, бирафт.
Гавҳари хирад буду нек шинохт,
К-ин ҷаҳон бадгуҳар кас аст, бирафт.
Сураташ баст, к-аз расидани ӯ
Хотири ман мухаввас аст, бирафт.
Дид дар парда духтари дигараш
Гуфт: Меҳнат яке бас аст, бирафт [81, 363].

Дар марсияи дигар шоир сареҳан иброз медорад, ки «аз зодани духтар сарафкандав»-у «аз рафтан (яъне мурдан)-и духтараш «бар фалак сар фарохтааст»:

Сарафканда шудам чу духтар зод,
Бар фалак сар фарохтам чу бирафт.
Будам аз аҷз чун хар дар гил,
Бар ҷаҳон асб тохтам чу бирафт.
Мотам умр доштам чу расид,
Умри сонӣ шинохтам чу бирафт.
Меҳнаташ ном хостам кардан,
Давлаташ ном сохтам чу бирафт [81, 432].

Гарчанде Хоқонӣ аз духтар доштан ор мекунаду мурдани ӯро давлат мешуморад, аммо худро «резахӯри резиши ресмони модар» медонад:

Эй резаи рӯзии ту буда,
Аз резиши ресмони модар.
Хӯ карда ба тангнои Шарвон,
Бо тангии обу нони модар.
Зери салафи касе нарафта
Ҷуз он Худою он модар.
Афсурда чу соя ю нишаста
Дар сояи дӯкдони модар.
Эй бози санад чанд бошӣ,
Маҳбус ба ошёни модар.
Шармат наояд чун кабӯтар
Рӯзӣ хӯрӣ аз даҳони модар
То кай чу Масеҳ бар ту бинанд
Аз бепадарӣ нишони модар
Як раҳ чу Хизр ҷаҳон бипаймой,
То чанд зи хону ҷони модар.
Эй дури ятим чун ятимон

Афтода бар остони модар.
Мудбир халафе ба хештан бар,
Худ навҳа кун аз забони модар.
Бо ин ҳама ҳам нигоҳ медор
Ҳаққи дили ҷонфишони модар.
Бо ғусса душманони хеш соз
Беҳтар дили меҳрубони модар.
Метарс, ки он замон дарояд,
К-оранд ба сар замони модар [81, 287].

Хоқонӣ қитъае дорад бо номи «Дар дуои модар», ки меҳру муҳаббати ӯро ба модараш  нишон медиҳад:

Модарам кард вақти назъ дуо,
Ки туро нангу ном сармад бод.
Умри ту умри Нуҳ бод, вале
Давлатат давлати Муҳаммад бод! [81, 273].

Дар осори насрии асрҳои X-XУ, хусусан асарҳои ахлоқӣ аз зану духтар ёд шудаву доир ба тарбияту муносибат ба онҳо андешаҳо баён шудаанд.Мутаассифона, дар аксари китобҳои ахлоқӣ бештар таваҷҷуҳ ба тарбияти писар аст ва камтар ба духтар эътибор дода шудааст. Чунонччи, дар «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, ки ба писараш Гелоншоҳ бахшида шудааст, дар мавриди тарбияти духтар чунин андеша пешниҳод шудааст: «Он чӣ дорӣ бадал кун ва духтарро дар гардани вай (яъне домод) бибанд ва бираҳон худро аз ин меҳнати азим ва дӯсти худро ҳамин панд деҳ» [17, 99]. Низомулмулк - вазири машҳури Салчуқиён, бунёдгузори мадрасаи  «Низомия», ки Саъдии Шерозӣ барин бузургон дар он таълим гирифтаанд, дар китоби «Сиёсатнома»-и худ чун дигар ҳокимони давр дар масъалаи ноқисулақл донистани занон менависад: «Ба ҳама рӯзгорон ҳар он зан, ки бар подшоҳ мусаллат шуд, ҷуз русвоию шӯру фитна ба ҳосил наомад. Аввал марде, ки фармони зан кард ва ӯро зиён дошт ва дар ранҷу меҳнат афтод, Одам (а) буд, ки фармони Ҳаво карду гандум хӯрд, то аз биҳишт берун карданд» [55, 225]. Хоҷа

Насируддини Тӯсӣ яке аз бузургтарин донишмандон ва назарияпардозони асри X111, муаллифи чандин китобҳои назарӣ доир ба шеъру шоирӣ, ки дар рушди афкори назарии Шарқ мақоми воло дорад, дар китоби «Ахлоқи Носирӣ» дар масъалаи рафтор бо занон чунин тавсия медиҳад: «Ва чун укдаи мувосилат миёни зану шавҳар ҳосил шавад, сабили шавҳар дар сиёсати зан се чиз бувад: Аввал ҳайбат ва дувум каромат ва сеюм шуғли хотир. Аммо ҳайбат он бувад, ки хештанро дар чашми зан маҳиб дорад, то дар имтисолу авомир ва навоҳии ӯ иҳмол ҷоиз нашмарад ва ин бузургтарин шароити сиёсати аҳл бувад, чи агар ахлоқе бад-ин шарт роҳ ёбад, занро дар мутобиати ҳавову муроди хеш тариқи кушода шавад ва бар он иқтисор накунад, балки шавҳарро дар тоати худ орад ва силати муродати худ созад ва ба тасхиру истихдоми ӯ матолиби худ ҳосил кунад» [54, 217]. Хоҷа Насир дар мавриди дар итоати худ нигоҳ доштани зан ба мард чунин маслиҳат медиҳад: «Ва бояд, ки шавҳар эҳтироз кунад дар боби сиёсати зан аз се чиз: Аввал, аз фарти муҳаббати зан, ки вуҷуди он истилои зан ва исори ҳавои ӯ бар масолеҳи худ лозим ояд ва агар ба меҳнати муҳаббат мубтало шавад, аз вай пӯшида дорад ва чунон созад, ки воқиф нашавад. Пас, агар натавонад, ки хештанро нигоҳ дорад, илоҷҳоеро, ки дар боби ишқ фармудаанд, истеъмол бояд кард… Дувум он ки дар масолеҳи куллӣ бо зан машварат накунад ва албатта, ӯро бар асрори худ вуқуф надиҳад ва микдори молу моя аз вай пӯшида дорад… Ва савум он ки занро аз малоҳию назар ба иҷонибу истимоъи ҳикояти мардону занон, ки бад-ин афъол мавсум бошанд, боз дорад ва албатта, роҳи он боз надиҳад, чи ин маъонӣ муқтазои фасодҳои азим бошад. Ва аз ҳама табоҳтар маҷолисати пиразаноне бувад, ки ба маҳофили мардон расида бошанд ва ҳикояти он бозгӯянд» [54, 218].

Аз донишмандони асрҳои миёна, ки беш аз дигарон ба мавзуоти иҷтимоӣ, алалхусус дар мавриди ҳаққи волидайн бар фарзанд, муносибати бо занон, сифоти занон ва ҳаққу ҳуқуқи онҳо пардохта Имом Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад, ки дигарон аз ӯ пайравӣ кардаанд ва гоҳе гуфтаҳои ӯро бозгӯӣ кардаанд. Бино ба гуфтаи муҳаққиқон, имомҒаззолӣ беш аз сад китоб ва рисолаҳои хурду бузург дар фиқҳу ҳадис, калому ахлоқ, фалсафа ва ғайра

навиштааст, ки аз онҳо китоби «Эҳёу улуми-д-дин» дар забони арабӣ ва хулосае аз он китоб ба номи «Кимиёи саодат» дар забони форсӣ шуҳрати бештар доранд. Китоби «Кимиёи саодат» хулоса ва эҳтимоли наздик ба яқин, хулосаи тарҷумамонанде аст, ки худи Ғаззолӣ аз китоби «Эҳё» берун овардааст. Дар ин китоби арзишманд, ки донишмандон намунаи беҳтарини насри форсӣ донистаанд, бобу фаслҳои махсусе «Дар фавоиди никоҳ», «Офоти никоҳ», «Дар одоби акд», «Сифати занон дар никоҳ», «Дар одоби зиндагӣ бо занон», «Ҳаққи шӯй бар зан» ва ғайра бахшида шудааст, ки бо таваҷҷуҳ ба онҳо метавон ба бисёре аз усули иҷтимоии рӯзгорони он замон ва алалхусус мақоми занон дар ҷомеа огоҳ шуд. Имом Ғаззолӣ бо такя ба гуфтаҳои Паёмбари ислом (с) занро қарини зикру шукр медонад ва доштани зани порсоро хушбахтии мард мешуморад: «Ва барои ин буд, ки расул алайҳиссалом аз ҷамъи моли дунё манъ мекард, Умар гуфт разийаллоҳу анҳу: «Пас, аз ин ҷо чӣ чиз гирем?» Гуфт: «Ли йаттахиза аҳадукум лисонан зокиран ва қалбан шокиран ва завҷатан мӯъминатан». Гуфт: «Забони зокир ва дили шокир ва зани порсо» ва бо истинод ба гуфтаи халифаи дувум баъд аз доштани имон зани шоистаро барои мард беҳтарин неъмат мешуморад: «Ва Умар мегӯяд разийаллоҳу анҳу: «Пас аз имон ҳеч неъмат нест бузургтар аз зани шоиста» [14, 232].

Дар шариати исломӣ Имом Ғазолӣ ҳангоми никоҳ ризоияти занро аз шартҳои асосӣ медонад, ки се бор аз ӯ пурсида мешавад, аммо агар падари духтар ва ё бобои ӯ ризоят диҳанд, ҳоҷат ба ризои духтар намемонад: «Дуввум – ризои зан, магар ки дӯшиза бувад, чун падар вайро бидиҳад ё падари падар, ба ризои вай ҳоҷат набошад». Аммо ба қавли ин донишманди илми калом аз худи духтар бипурсанд, беҳтар аст, агар хомӯш нишинад, хомӯшии ӯро аломати ризо донанд: «Ва ҳам авлотар он бошад, ки бар вай арза кунанд, он гоҳ агар хомӯш бувад, кифоят бувад» [14, 234]. Мутакаллим дидани арӯсу домод якдигарро дар шариати исломӣ пеш аз никоҳ суннат ва зарур медонад: «Ҷамол аст, ки сабаби улфат он бошад; ва барои ин аст, ки дидор пеш аз никоҳ суннат аст» ва бо такя ба қавли Паёмбар(с)бар он аст, ки «ҳар никоҳе, ки пеш аз дидор бувад, охири он андӯҳ ва пушаймонӣ бувад» [14, 234]. Қобили таваҷҷуҳ аст, Имом Ғаззолӣ

дар ҳама мавриди рӯзгордорӣ доир ба муносибати зану шавҳар шартҳо мегузорад, истинод ба Қуръон ва ҳадиси набавӣ мекунад. Аз назари ӯ беҳтарин мард он аст, ки бо аҳли аёли худ  хушмуомила асту ҳамсараш  аз ӯ розию хушнуд бошад, зеро ин амал суннати Паёмбар асту дастури ӯ: «Ва расул гуфт алайҳиссалом: «Хайрукум, хайрукум ли аҳлиҳи ва ано хайрукум ли аҳлӣ – «Беҳтарини шумо он аст, ки бо аҳли хеш беҳтар аст ва ман бо аҳли хеш аз ҳама беҳтарам» [14, 235].

Имом Ғазолӣ ба сифати намояндаи ҷомеаи мардсолории мусулмонӣ вақте сухан аз ҳаққи мард бар зан сухан мекунад, занро ғуломи мард медонад ва то он ҷо, ки агар ғайр аз Худоро саҷда кардан  ҷоиз будӣ, зан бояд шавҳари худро саҷда кардӣ: «Аммо ҳаққи мард азимтар аст бар зан, ки вай ба ҳақиқат бандаи мард аст; ва дар хабар аст, ки: «Агар суҷуд ҷуз Худойро раво будӣ, занонро суҷуд фармудандӣ барои мардон» [14, 236]. Бино ба гуфтаи Ғазолӣ, зан ба масобаи нафси мард аст ва нафси мард бояд тобеи ӯ бошад ва марде, ки фармони зан мебарад, бадбахту нагунсор аст: «Худои таъоло фармудааст: «Ар-риҷолу қаввомуна ъала-н-нисои» – «Бояд ки мард бар зан муставлӣ бошад». Расул гуфт алайҳиссалом: «Таъиса ъабду-з-завҷати»- «Нагунсор аст касе, ки бандаи зан бошад» [14, 232]. Нуктаи ҷолиб он аст, ки Ғазолӣ занро бандаи мард медонад ва такя бар хабаре маслиҳат медиҳад, ки бо занон машварат кунед, аммо баръакси гуфтаи онҳо амал кунед: «Чи зан бояд ки бандаи мард бувад. Ва гуфтаанд, ки: «Бо занон мушовират бояд кард ва боз хилоф бояд кард дар он чи гӯянд». Ва ҳақиқати нафси зан ҳамчун нафси туст, агар андаке фаро бигузорӣ, аз даст бишавад; ва аз ҳад даргузарад; ва тадорук душвор бувад» [14, 235]. Бояд зикр кард, ки ҳадиси «Бо занон мушовират бояд кард ва боз хилоф бояд кард дар он чи гӯянд»-ро баъзе аз ҳадисҳои Паёмбар (с) медонанд ва гурӯҳи дигар онро ҷаълӣ донистаанд. Маълум мешавад, ки Имом Ғазолӣ ба дурустии ин ҳадис, ки набавӣ бошад, шак дорад, зеро дар тамоми ҳадисҳои набавӣ зикри Расули акрам мекунад, аммо дар ин ҳадис аз зикри  номи Паёмбар худдорӣ кардааст.

Дар муқоиса бо мард аз назари Имом Ғазолӣ, зан дорои заъфе аст ва ин заъф ҳамон кaҷии зан аст, ки дар офариниш аз паҳлӯи чапи мард офарида шудааст. Илоҷи ин заъф ё худ каҷии занро дар сиёсати мард медонад: «Ва дар ҷумла дар занон заъфе аст, ки илоҷи он эҳтимол бувад ва кажӣ (каҷӣ) аст, ки илоҷи он сиёсати мард бошад. Мард бояд ки чун табиб устод бувад, ки ҳар илоҷе ба вақти хеш нигоҳ медорад. Ва дар ҷумла сабру эҳтимол ғолиб бояд ки бувад, ки дар хабар аст, ки: «Масали зан ҳамчун устухони паҳлӯ аст: агар хоҳӣ, ки рост кунӣ, бишиканад» [14, 236]. Ҳуҷҷатулислом Имом Ғазолӣ роҳҳои ба итоат даровардани занони саркашу нофармонро ба мардон пешниҳод карда, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Он ки чун зане бефармонӣ кунад ва тоати шӯй надорад, варо ба талаттуфу рифқ ба тоат орад, агар тоат надорад, хашм гирад ва дар ҷомаи хоб пушт сӯи вай кунад; агар тоат надорад, се шаб ҷомаи хоб ҷудо кунад. Пас агар суд надорад, вайро бизанад, чунон ки бар рӯй назанад ва сахт назанад, ки ҷое бишиканад; ва агар дар намоз ё кори дин тақсир кунад, раво бувад, ки аз вай хашм гирад, моҳе ва чандон ки бошад, ки расул алайҳиссалом як моҳ аз ҷумлаи занон хашм гирифт» [14, 237]. Аз тавсияҳои Имом Ғазолӣ бармеояд, ки задани занро илоҷи охирин барои шавҳар медонад ва дар ҳар сурат хушмуомилагию сабуриро дар баробари ҷафои зан пешниҳод мекунад, ки аҷри бузург дорад: «Хӯи некӯ пеш гирифтан бо занон; ва маънии хӯи некӯ он бошад, ки эшонро наранҷонанд, балки он ки ранҷи эшон таҳаммул кунанд ва бар муҳол гуфтан ва носипосӣ кардани эшон сабр кунанд, ки дар хабар аст, ки: «Занонро аз заъфу аврат офаридаанд; доруи заъфи эшон хомӯш будан аст ва доруи аврати эшон хона бар эшон зиндон кардан аст». Расул мегӯяд алайҳиссалом: «Ҳар ки бар хӯи бади аҳли хеш сабр кунад, вайро чандон савоб диҳанд, ки Аюбро доданд бар балои вай; ва ҳар зан, ки бар хӯи бади шӯй сабр кунад, савоби вай чун савоби Осия зани Фиръавн бувад» [14, 238].

Мақоми волидайн ва хусусан модар дар ислом хеле баланд аст ва Имом Ғазолӣ бо такя ба оятҳои қуръонию ҳадисҳои набавӣ таъкид мекунад, ки фарзанде хидмати падару модар накунад ва эшон аз вай хушнуд набошанд, дар ду дунё баракат наёбад ва рӯзаву намозаш қабул нагардад: «Расул гуфт

алайҳиссалом ки: «Ҳеч кас ҳаққи падар нагузорад, то он гоҳ ки вайро бандае ёбад: бихарад ва озод кунад». Яъне, фарзанд бояд худро дар муқобили падару модар чун бандае донад қобили хариду фурӯш ва хидмати эшон аз ҷон кунад, то волидайн аз вай хушнуд бошанд, зеро хушнудии Парвардигор дар хушнудии волидайн аст» [14, 393]. Хидмати падару модар кардан, аз назари ин мутакаллими бузурги ислом то он ҷост, ки болотар аз рӯзаву намоз ва ҳатто ҳаҷ ва умраву ғазост. Имом Ғазолӣ ин ҳукмро аз пеши худ намекунад, балки аз гуфтаҳои Расули Акрам(с) далел меоварад: «Ва гуфт(яъне Паёмбари ислом(с): «Некӯӣ кардан бо падару модар фозилтар аз намозу рӯза ва ҳаҷ ва умраву ғазо»-ст» [14, 238].Фарзанде нохалафе, ки падару модар ӯро оқ (касе, ки аз падару модар фармонбардорӣ накунад ва аз ӯ хушнуд набошанд) кардаанд, бо вуҷуди рӯзаву намозаш аз биҳишт бенасиб аст: «Ва гуфт (яъне, Муҳаммад(с): «Бӯи биҳишт аз понсадсола роҳ биёяд ва оқ вақотеъи раҳим наёбад» [14, 238]. Аз назари ин донишманди шариати исломӣ, фарзанде, ки хидмати волидайн кардаасту аз тоату ибодати Худованд ғофил мондааст, Худованд ӯро фармонбардори худ медонад, зеро хушнудии Худо аз хушнудии волидайн аст ва баръакс, фарзанде, ки дар тоату ибодаташ ҳеч тақсире нест, аммо аз хидмати модару падар ғофил мондааст, Худованди бузург ӯро нофармонбардор менависад: «Ва Худои таъоло ваҳӣ фиристод ба Мӯсо алайҳисслом, ки: «Ҳар ки фармони модару падар барад ва фармони Ман набарад, вайро фармонбардор нависам ва ҳар ки фармони Ман барад ва фармони эшон набарад, вайро нофармонбардор нависам» [14, 238]. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки Имом Ғазолӣ ҳар вақте сухан аз хидмати волидайн ба миён меоварад, нахуст номи модарро менависад ва баъд аз он падарро, зеро ба қавли ӯ, ки такя бар оятҳои Қуръонию аҳодиси набавӣ дорад, «ҳаққи модар дучанди ҳаққи падар аст». Мутакаллими бузург барои исботи фикраш на танҳо аз Қуръону ҳадис, балки аз рӯзгори Муҳаммад-паёмбар ҳикоятҳо меоварад, то таъсири суханаш ба шунавандагон бештар гардаду гуфтаҳояш далели шаръӣ дошта бошанд. Масалан, баъд аз таъкиди зарурати хидмати модар аз саргузашти Паёмбари ислом (с) ҳикояти зерро меоварад: «Ва яке аз расул алайҳиссалом дастурӣ хост, то ба ғазв равад,

гуфт: «Волида дорӣ?» Гуфт: «Дорам». Гуфт: «Наздики вай бинишин, ки биҳишти ту дар зери қадами вай аст». Ва яке аз Яман биёмад ва дастурӣ хост дар ғазв, гуфт: «Модару падар дорӣ ба Яман?» Гуфт: «Дорам». Гуфт: «Бозрав ва нахуст дастурӣ хоҳ, агар надиҳанд, фармони эшон кун, ки пас аз тавҳид ҳеч қурбате набарӣ ба назди Худои таъоло беҳтар аз он» [14, 238].

Накӯҳиши зан дар осори ҳаҷвии асримиёнагӣ, монанди «Рисолаи дилкушо», «Сад панд», Ахлоқ-ул-ашроф»-и Убайди Зоконӣ ба назар мерасад, ки ҳадафи муаллиф танқиди ахлоқи фоҳиши ҷомеаи замони худ аст.Масалан, ҳикояте аз «Рисолаи дилкушо»: «Араберо аз ҳоли занаш пурсиданд. Гуфт: –То зинда аст, тозанда аст ва ҳамчунон море газанда аст!» [16, 14]. Ҳикояти дигар: «Зан бо шӯй мегуфт: –Эй қалтабон, эй бенаво! Мард гуфт: –Сипос Худойро, ки дар ин миён маро гуноҳе набошад, нахустинро сабаб туӣ ва он дигареро Худой» [16, 15]. Бояд зикр кард, ки дар ҳикоёти «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ ҳадафи нависанда танҳо занҳо нестанд, балки аз занҳо бештар мардҳо мавриди тамасхуру ҳаҷви нависанда қарор гирифтаанд. Чунончи, дар ҳикояти зер: «Мардеро, ки зан аз тамкинаш сар тофта буд, гуфтанд: – Оё касе нест миёнаи шумо созише диҳад? Гуфт: – Он мард, ки миёнаи мо созиш ҳамедод, дерест то мурдааст» [16, 238]. Маҳорати ҳунари нависандагии Убайди Зоконӣ дар он зоҳир мешавад, ки мазмуни ҳикоёти печидаву тулонӣ ва дарун андаруни «Синбоднома»-ю «Тӯтинома»-ҳоро, ки дар бораи макру ҳияли занҳост, дар як ҳикоят зебову шинам ҷой медиҳад. Масалан: «Бозургоне зане хушсурат, Зуҳра ном, дошт. Азми сафаре кард. Аз баҳри ӯ ҷомаҳои сафед бисохт ва косаи нил ба ходим дод, ки ҳар гоҳ аз ин зан ҳаракате ношоист дар вуҷуд ояд, як ангушт нил бар ҷомаи ӯ зан, то чун боз оям, агар ту набошӣ, маро ҳол маълум шавад. Пас аз муддате хоҷа ба ходим набишт, ки:

Чизе накунад Зуҳра, ки нанге бошад,
Бар ҷомаи ӯ зи нил ранге бошад.

Ходим боз набишт, ки:

Гар з-омадани хоҷа даранге бошад,
Чун боз ояд, Зуҳра паланге бошад» [16, 238].

Дар рисолаи «Таърифот» машҳур ба «Даҳ фасл» Убайди Зоконӣ рафтори ноҷо ва хислати  хабиси занҳои ашрофро ба боди танз мекашад ва разолати онҳоро ошкор месозад: «Ал-хотун – он ки маъшуқи бисёр дорад. Ал-кадбону – он ки андак дорад. Ал-мастур – он ки ба як ошиқ қонеъ бошад» [16, 238]. «Дар хонаи марде, ки ду зан дорад, осоишу хушдилию баракат маталабед». «Аз хотуне, ки қиссаи «Вису Ромин» хонад… мастурӣ ва …дурустӣ таваққуъ мадоред» [16, 238].

Дар «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ки ба қавли мутахассисон баъд аз «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ «яке аз муҳимтарин, нафистарин ва пурмазмунтарин осори фикриву адабӣ ва ахлоқии тамаддуни башарӣ ба ҳисоб меравад», дар баробари арҷ ниҳодан ба модар, аз зан ба сифати ноқисулақл, ноқисдин ва беэътимод ёд шудааст: «Яке аз ҳукамо гуфтааст: «Чиҳил дафтар дар ҳикмат навиштам ва ба он мунтафеъ нагаштам; чиҳил калима аз он ихтиёр кардам, аз он низ баҳра ба даст наёвардам; чаҳор калима аз он баргузидам, дар он ёфтам, он чи металабидам: Аввал, он ки занонро чун мардон маҳалли эътимод нагардон, зеро ки зан агарчи аз қабилаи муътамадон ояд, аз он қабил нест, ки муътамаде рошид»; қитъа:

Ақли зан ноқис асту динаш низ,
Ҳаргизаш комилэътимод макун.
Гар бад аст, аз вай эътибор магир,
В-ар накӯ, бар вай эътимод макун» [58, 43].

Андеша боло нисбат ба зан андешаи шахсии Абдураҳмони Ҷомӣ набуда, фикри  ҷомеаи  мардсолории он замон мебошад, ки шоир аз номи ҳакиме овардааст. Ҳамчунин, нависандаи бузург бо такя ба гуфтаи Ибни Муқаффаъ, ки аз «Кутубхонаи Ҳинд» нақл мекунад, дар мавриди аз мардони бегона дур нигоҳ доштани занон мегӯяд: «Калимаи чаҳорум дар насиҳати занон, ки чашм аз рӯи бегонагон дур доранд ва рӯй аз чашми номаҳрамон мастур.

Қ и т ъ а

Зан он бувад, ки ба ҳар кас, ки нест маҳрами ӯ,
Агарчи мардуми чашм аст, рӯй нанмояд.

Ба рӯи ҳар кӣ на ҷуфти вай аст, агарчи ба ҳусн

Бувад чу моҳи фалак тоқ, чашм накшояд» [58, 45].

Донишманди маорифпарвари тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш, ки дар нимаи дуюми асри Х1Х зиндагию эҷод кардааст, дар китоби машҳури худ «Наводир-ул-вақоеъ» дар баробари масоили сиёсию фалсафӣ, ба масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои ишқу муҳаббат, одоби ишқбозӣ, одоби никоҳу хусумати модаршӯ, вазифа ва ҳуқуқи марду зан, тарбияти фарзанд ва масъулияти фарзандон дар назди волидайн ва амсоли ин мавзуъхо изҳори назар кардааст. Шеваи изҳори назари Ахмади Дониш дар мавриди зан ҳамон услуби Имом Абуҳомиди Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» -ро ба хотир меоварад. Байни зиндагии Имом Ғаззолӣ ва Аҳмади Дониш беш аз 700 сол фосила аст, аммо ҳар ду дар масъалаи зан-модар назари ягона доранд, зеро ҳар ду мутафаккир намояндаи ҷомеаи мусулмонии мардсолорӣ буда, барои далели фикрашон аз Қуръону ҳадисҳои набавӣ далел меоваранд. Аҳмади Дониш дар масъалаи зан фаротар меравад ва масъалаҳоеро баррасӣ мекунад, ки аз масоили доғи рӯзи замони зиндагияш аст. Аммо дар ҳар масъалаи шаръӣ аз андешаҳои Имом Ғазаолӣ пайравӣ кардааст. Масалан, дар мавриди баробарии ҳуқуқи зану мард бо истинод ба оятҳои Қуръон менависад: «Барои исботи ҳаққи зан ду-се нусусу санад оварда мешавад: «Қолаллоҳу субҳонаҳу фи муҳками танзилиҳи: Ва лаҳунна мислуллази алайҳунна билмаъруфи». Яъне мар занонрост ҳуқуқ мисли он ҳуқуқ, ки мардонро бар эшон аст, ба ҳуснн муошарату тафаккуди аҳволи ҳамдигар ва муҷомалат ва мувосо кардан дар умури маош. Аз ин оят мусовоти марду зан лозим меояд дар ҳақгузорӣ ва ҳақталабӣ» [15, 65]. Аммо бо вуҷуди ин оят Аҳмади Дониш занонро огоҳ мекунад, ки дам аз баробарӣ бо мардонназананд, зеро онҳо аз қубурғаи чапи ҳазрати Одам (а), яъне мард офарида шудаанд: «Ва аммо фазли мардон бар занон аз ин оят, ки «арриҷолу қавоммунааланнисои» собит аст ва занонро нарасад, ки бо риҷол дами мусовот зананд... Тарғиб аст ба муҷомалат ва мудоро дар муҳолоти занон ва тафаққуду раҳмат бар онҳо ва афви нуқсоноти онҳо, зеро ки онҳо офарида шудаанд аз устухони паҳлӯи чапи Абулбашар, Одам, алайҳиссалом каҷтарин

устухони кабурғаи тарафи болои ӯст. Агар хоҳӣ, ки рост кунӣ, бишиканад ва агар бигузорӣ, ҳамон качии ӯ доимӣ бошад: Байт:

Зан аз паҳлӯи чап шуд офарида,
Кас аз чап ростӣ ҳаргиз надида» [15, 65].

Аллома Аҳмад  Махдуми Дониш ҳарчанд ба занони порсою шоиста арҷ мениҳад ва зиндагии мардро бидуни зан бемаъно медонад, аммо вақте ба суолоти ҳамсуҳбаташ ҷавоб медиҳад, ҳикоятҳое дар бораи хислати занон аз гуфтаи дигарон накл мекунад, ҳамон андешаи ҷомеаи мардсолории замонашро нисбат ба зан ифода мекунад. Масалан, дар мавриди ноқисулақл  офарида шудани занҳо аз забони Абдулло ибни Ҷаъфари Тайёр, ки ба манзили Муовия рафтаву ӯро гиребондаридаву мӯйжулида аз дасти зан дидааст, мегӯяд: «Ва чун занон аз мабдаи хилқат заифмизоҷу ноқисулмоддаанд ва мардон қавиулмизоҷу комилулмавод, фалоҷарам, занон дар суҳбати мардон мубтаҳиҷу масрур бошанд ва мунтафеъ ва мардон дар маҷлиси эшон малуду заиф ва мутазаррир гарданд, чунки табъи зукурат гармтар аст ва он саъду улвӣ ва моҳияти унусат сарди ёбис ва ин наҳсу суфлӣ» [15, 268].

Дар мавриди интихоби зан низ мутафаккир бо такя ба сухани дигарон бесавод будани арусро беҳтар медонад ва сабабашро баён мекунад: «Дигар, шарт аст, ки зан уммӣ ва бесавод бувад ва таламмузи хатту иншо нокарда ва китоби «Лайлӣ ва Маҷнун» нохонда, ки агар зан аз аҳли қалам бувад, ҳикояти ишқу муҳаббат мехонад ва ашъори он забт мекунад. Ва ин муҷиби тасаллут ва мубоҳот ва ифтихор бар мард мешавад, хосса, ки мард уммӣ бувад. Ва бошад ки соҳиби рақима ва рисола шавад ва ба толибони хеш равона кунад ва биситонад» [15, 298]. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» барои тасдиқи фикр абёте зиёде оварда шуда, ки аксар дар накӯҳиши занон ва макру тазвири онҳост ва ба ҳеч ваҷҳ маҳсули тафаккури Аҳмади Дониш нест, балки баъзе аз онҳо аз одоб берун буда,  шоирони занбадбин сурудаанд. Чунончи:

Макру тазвиру зиштию идбор,
Ин ҳама аз хисоли зан бошад.
Мард агарчӣ паланг банд кунад,

Оқибат дар ҷуволи зан бошад [15, 193].

***

Эй бародар, зино куну зан не,
Ин сухан кӯҳна аст, аз ман не [15, 330].

***

Эй гирифтору пойбанди иёл,
Дигар осудагӣ мабанд хаёл.
Шаб, ки ақди намоз мебандам,
Чӣ хӯрад бомдод фарзандам?! [15, 331]

Аз сӯйи дигар, мутафаккири бузург бо нишон додани хислати занҳои ношоиста зани хубу порсоро меситояд ва чандин фоидаи тааҳҳулро баён медорад, аз ҷумла: «Дигар, фоидаи тааҳҳул он аст, ки зан тимору тааҳҳуди хонаро мутасаддӣ бошад, ки агар мард бад-он машғул гардад, аз илму амал ва ибодат бозмонад ва бад-ин иллат зани нек ёвар бувад дар роҳи дин. Ва гуфтаанд: «Зани нек аз дунё нест, балки аз охират аст», яъне туро фориғ дорад, то ба кори охиратӣ машғул шавӣ. Ва баъд аз имон ҳеҷ неъмат бузургтар аз зани шоиста нест:

Зани хуби фармонбари порсо,
Кунад марди дарвешро подшо» [15, 303].

Аҳмади Дониш мардонро насиҳат медиҳад, ки дар мавриди муносибати бо занон суннати Паёмбари ислом(с)-ро пеш гиранд, то дар ин дунё осудаву дар охират растагор бошанд: «Ва аммо одоби маош ба зшон: яке хӯи нек бо занон пеш гирифтан бувад. Ва маънии ин на он бувад, ки эшонро нараҷонад, балки бар муҳолоту носипосии эшон сабр кунад ва ранҷи эшон бикашад, чи занон аз заъфу аврат махлуқ гаштаанд, доруи заъфи эшон хомӯш будан аст…» [15, 304].

Хулоса, баррасии тасвири симои зан дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди дар адабиёти ин давра зан ба ҳайси сарчашмаи ишқу зебоӣ ва дар осори шоирони суфимашраб таҷаллии ҳусну қусурнопазири Худовандӣ ва модар отифаи меҳру муҳаббат қарор гирифтан,

андешаҳои пасту заиф ва ноқисулақл донистани зан ба назар мерасад, ки бархоста аз ҷомеаи мардсолории он даврон аст. Гарчанде дар Қуръону суннат ҷойгоҳи зан-модар хеле баланд аст ва вобаста ба мушаххасоти ҷинсӣ ва қуввати тавоноии марду зан уҳдадориҳои онҳо таъйин шудааст, руҳониён замон ба манфиати ҳокимон ва майли рағбати мардон, алалхусус хоҳишҳои нафсонию модии худашон оятҳои Қуръонро ба манфиати мард таъвил додаанд. Таъсири чунин бардошти нодуруст аз зан дар адабиёти асримиёнагии мо, ҳатто дар осори бузургони чун Ҳаким Низомию Хоқонии Шарвонӣ ва аллома Аҳмади Дониш вомехурад. Аммо дар умум зан-модар ҷойгоҳи шоиста дар адабиёти асримиёнагии форсӣ-тоҷикӣ дорад.

# БОБИ II

# ТАҲАВВУЛИ ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР ДАР ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар илми адабиётшиносӣ зери мафҳуми «Адабиёти замони Истиқлол» аслан ҳамон адабиёте дар назар дошта мешавад, ки баъд аз 9- сентябри соли 1991 то ба имрӯз эҷод шудааст. Мафҳуми «истиқлол», ки як калимаи воридшуда аз забони арабист, ҷойи вожаи зебои «озодӣ»-и тоҷикиро танг кард. Ҳол он ки мафҳуми озодӣ бо калимаи истиқлол муродиф буда, комилан ҷавобгӯи маънои он аст. Бо воситаи калимаи истиқлол таркибу ибораҳои зиёде имрӯз роиҷ аст, ки баъзе аз онҳо ба табиати забони мо номувофиқанд, монанди «истиқлолият», ки хеле серистеъмол аст. Бояд зикр кард, ки падидаи озодихоҳӣ ё худ истиқлолхоҳӣ дар адабиёту фарҳанги мо падидаи нав нест, балки реша дар қаъри таърих дорад ва метавон гуфт, ки аз даврони нахусттамаддун ва нахусдавлати мардуми ориёӣ, аз «Эъломияи ҳуқуқи башар»-и Куруши Кабир сарчашма мегирад. Куруши Кабир буд, ки дар дунёи қадим алорағми ҳама шоҳону давлатдорони худкома дар Эъломияи худ озодии инсонро тарғибу тарвиҷ кард. Дар адабиёти асримиёнагии мо низ озодии инсон аз паёмҳои асосии мавзуи шеъри шоирони бузурге амсоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайёму Ҳофизи Шерозӣ ва ҳазорон суханварони дигар аст, ҳарчанд ки ин озодӣ бо мақсаду маромҳои гуногун баён шудааст. Масалан, бино ба гуфтаи донишмандон, яке аз паёмҳои аслии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ озодии инсон аст аз ҳама гуна таалluқот, ки ӯро аз рисолати худ дур медорад:

Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд
Зи ҳар чӣ ранги таалluқ пазирад, озод аст» [84, 66].

Хулоса, мафҳуми истиқлолу озодӣ дар адабиёти мо мафҳуми нав нест, балки реша дар каҳри таърих дораду дар ҳама давру замон озодихоҳию истиқлолталабӣ аз мавзуъҳои марказии адабиёти форсӣ- тоҷикӣ будаву ҳаст.

Аз нигоҳи даврабандии адабиёт ва марҳалаи замонӣ «Адабиёти замони Истиқлол» ба осори адабие ишора мешавад, ки баъд аз соли 1991 эҷод шудааст. Аммо аз сӯйи дигар, на ҳама осоре, ки дар ин марҳалаи замонӣ нашр шудаанд, моли адабиёти замони истиқлоланд. Донишманди саршиноси тоҷик профессор Абдунабӣ Сатторзода дар ин масъала менависад: «Адабиёти замони Истиқлол» мафҳуми густарда буда, тамоми асарҳои бадеиро фаро мегирад, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳои замони Истиқлол, мавзуъ ва масъалаҳо, назариёт, андешаҳо ва руҳияи ин замон ба таври бадеӣ ва ҳунарӣ бозтоб гардидаанд. Аз ин рӯ, навиштаҷоти манзуму мансури фаровонеро, ки солҳо бо номи шеъру достону повесту роману драма ва ё очерку мақолаҳои публисистӣ дар ин марҳилаи замонӣ чоп шудаанд ва моли адабиёти бадеӣ нестанд, набояд ба адабиёти замони Истиқлол нисбат дод» [201, 2]. Аз назари ин адабиётшиноси варзида, «руҳ ва андешаи замони Истиқлол на танҳо дар асарҳои бадеие, ки бевосита ба ҳодисаву воқеаҳои замони Истиқлол, мавзуъ ва масъалаҳои он вобаста мебошад, балки метавонад ба асарҳои адабие низ, ки ба таърихи дуру наздики кишвар, мавзуъҳои суннатӣ ва ҷовидонаи адабиёт, монанди ишқ, ватан, модар ва ғайра бахшида шудаанд, ҳамчунин дар тарҷума, нақд, нашр ва таҳқиқ низ бозтоб гардад» [201, 2]. Яъне, агарчанде аз нигоҳи замонӣ адабиёти замони Истиқлол марбут ба адабиёти давраи баъд аз соли 1991 аст, аммо аз нигоҳи мазмуну маъно адабиётест, ки «дар онҳо ҳадисаву воқеаҳои замони Истиқлол, мавзуъ ва масъалаҳо, назариёт, андешаҳо ва руҳияи ин замон ба таври бадеӣ ва ҳунарӣ бозтоб гардидаанд» [201, 2].

Адабиёти замони Истиқлол аз лиҳози шумори шоирону носирон нисбат ба адабиёти замони Шуравӣ ба маротиб зиёд аст, аммо аз нигоҳи ҳунар на ҳамаи он навиштаҳое, ки бо номи шеър дар матбуоти давр ва китобу маҷмуаҳо ба нашр расидаанд, моли адабиётанд. Дарвоқеъ, дар сӣ соли замони Истиқлол ҷавонони зиёде ба майдони адабиёт ворид шуданд ва навиштаҳои онҳо бо номи шеъру достон, мухаммасу рубоӣ, ҳикояву қисса, повесту роман ва ғайра, чи дар матбуот ва чи дар шакли китобу маҷмуа ба нашр расиданд, ки аз китобҳои дар муддати 70 соли замони Шуравӣ нашршуда зиёданду кам не. Бино ба таъкиди

муҳаққиқон, нақди адаби ин селаи ба адабиёт воридшавии ҷавононро пешвоз нагирифт ва ба эҷодиёти онҳо баҳои сазовор надод. Як назари гузаро ба ашъоре, ки дар сӣ соли замони Истиқлол ба нашр расидаанд, собит месозад, ки на ҳамаи онҳо асари ҳунариянду метавонанд моли адабиёт бошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳқиқи мавзуъ ба ашъоре истинод шуда, ки ҷавобгӯи талаботи шеъру шоирианд ва  ба моли адабиёт буданашон шубҳа нест.

Адабиёти замони Истиқлол, агар аз як сӯ, идомаи бевоситаи адабиёти замони Шуравии тоҷик бошад, аз сӯйи дигар, бо хусусиятҳои хоси худ аз дигар давраҳои адабиёт, аз ҷумла, адабиёти  аҳди Шуравӣ фарқ мекунад. Идомаи адабиёти замони Шуравӣ будани ин адабиёт  аз он сабаб аст, ки дар солҳои аввали Истиқлол аслан ҳамон шоироне  эҷод мекарданд, ки солҳои 60-70 ба майдони адабиёти тоҷик ворид шуда буданд, монанди Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Ашур Сафар, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Саидалӣ Маъмур, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким, Камол Насруллоҳ,  Раҳмат Назрӣ, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Ҳақназар Ғоиб, Низом Қосим, Аҳмадҷони Раҳматзод, Неъмат Оташ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Доро Наҷот, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Муҳтарам Ҳотам ва дигарон. Ҳамчунин насли дуюми шоирони замони Истиқлол чун Фарзонаи Хуҷандӣ, Сиёвуш, Рустам Ваҳҳоб, Салими Хатлонӣ, Озарахш ва дигарон, ки охири солҳои 80 ва ибтидои солҳои 90 асри XX ба майдони адабиёт омадаанд. Илова бар ин, мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт, алалхусус мавзуи зан-модар, ки дар адабиёти замони Шуравӣ  нақши густарда дошт, тавассути ин шоирон ба адабиёти замони Истиқлол интиқол ёфт ва ҷилваҳоии  тоза касб кард. Ва ҳамчунин шоирони ҷавони замони Истиқлол аксар парварда ва тарбиятёфтаи мактаби адабиии шоирони бузурги ин даврон, чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собиранд.

Насли севуми шоирон ҳамонҳое ҳастанд, ки маҳз дар замони Истиқлол чун шоир шинохта шуданд ва ашъорашон низ дар ин давра интишор шудааст, гарчанде худ таҳсилдидаи замони Шуравиянд. Қобили зикр аст, ки насли севуми шоирон теъдодашон ба маротиб аз наслҳои пешин зиёд аст ва то кунун рӯ ба афзунист: Равшани Ҳамроҳ, Беҳрӯзи Забеҳуллоҳ,  Абусаиди Воҳид,

Исфандиёри Назар, Абдуҷаббори Суруш, Адибаи Хуҷандӣ, Давлати Раҳмониён, Рустами Хомарахш, Озар Салим, Абдуллои Раҳнамо, Бахтиёр Аминӣ, Нӯшин (Умириддин Юсупов), Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Сурайё Ҳакимова, Фирдавси Аъзам, Баҳроми Раҳматзод, Шоираи Раҳимҷон, Бузургмеҳри Баҳодур, Толиби Луқмон, Адибаи Азиз, Бузургмеҳри Тоҷидин, Кӯҳзоди Фатҳуллоҳ, Муҳиддин Сабурӣ, Бузургмеҳри Ҳаким ва чандин нафари дигар. Муҳимтарин хусусияти адабиёти замони Истиқлол, алалхусус дар солҳои аввал он аст, ки шоирон дар баёни андеша ҳеч як маҳдудияте надоштанд. Замони Истиқлол ҳама гуна озодиро барои эҷодкор дода буд, пойбанди мафкураи сиёсӣ ва ё идеологӣ набуд. Аммо ҷомеа дигар шуда буд, ба қавли Раҳими Мусулмониён, «рӯзгори дигар дигар аст», олами сармоядорӣ, ки дар Тоҷикистон дар айни шаклгирӣ буд, бархурдро бо адабиёт, алалхусус бо шеъру шоирӣ дигар кард. Зиёиён, алалхусус эҷодкорон он мақоме, ки дар даврони Советӣ доштанд, аз даст доданд, дингаройӣ ва дахолати ҷараёнҳои динию мазҳабии хориҷӣ руҳониёнро ба сари кор овард. Аммо адабиёти асили тоҷик, ки реша дар қаъри таърих дошт, ба шаклу муҳтавои наву тоза идома ёфт, ки таҳқиқоти мо низ дар бораи ҳамин адабиёти асилу ростин аст.

Тағйиру дигаргунӣ дар раванди шеър ва падидаҳои тозаву тамоилҳои нав, алалхусус андешаҳои худогоҳии миллию истиқлолхоҳӣ ва рӯ овардани ба таърихи миллат дар мазмуну мундариҷаи шеъри тоҷик аслан аз нимаи дуюми солҳои 80 асри гузашта, яъне бо сиёсати бозсозии горбачёвӣ ташаккул ёфт ва дар солҳои Истиқол ба авҷи камоли худ расид. Ҳамин сиёсати бозсозию ошкорбаёнӣ боис шуд, ки шоирони мо ба гузаштаи таърихи миллат рӯ биёваранд. Мавзуъҳоеро ба риштаи тасвир кашанд, ки баёнгари дарди ҷомеа буду дар аҳди Шуравӣ ҷуръат надоштанд ба ин мавзуъҳо даст зананд. Панҷ соли даврони бозсозӣ ва соли аввали Истиқлол шеъри тоҷикӣ хеле рушд кард, ҳам аз ҷиҳати мавзуву муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шаклу сохтор. Ошноии бештари шоирони тоҷик бо ашъори суханварони ҳамзабони хориҷӣ таъсири назаррасе ба навиштаҳои онҳо расонд. Вақеан, истиқлоли сиёсӣ имкон дод, ки тамоюлҳои тозаву нав дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии мардум падид оянд ва

ташаккули тафаккури миллӣ шакл гирад. Вобаста ба ин, бо расидани кишвар ба истиқлоли сиёсӣ дар адабиёти тоҷик  навгониҳои зиёде падид омад, адабиёт тамоюлҳои нав ба нав касб намуд, истиқлоли фикрӣ, ки аз суннатҳои миллӣ об мухӯрд, лобалои адабиётро фаро гирифт. Суханварон бо идомаи суннатҳои адабии адабиёти пешин, дар шеъри нав, шеъри нимоию шеъри сафед низ қувва озмуданд. Падидаҳои навгӯию навгароӣ дар шеъри замони Истиқлол равнақ ёфт, созмони дохилии шеър, дарунмоя, сохтор ва шеваи нигориши шеър таҳаввул ёфт. Ибтикороте, ки насли аввали шоирони замони Истиқлол дар шеър падид оварданд, агар  аз як сӯ, дар асоси таҷрибаву ҳунари шоирии  онҳо бошад, аз сӯи дигар, бар асоси истиқлоли фикриву маънавест, ки замони Истиқлол ба онҳо эҳдо намудааст. Дар падид омадани таҳаввулоти тоза дар шеъри навини тоҷик таъсири ҷараёнҳои шеъри муосири кишварҳои форсизабон ва ҳамчунин адабиёти ҷаҳон назаррас аст ва ҳама ин имконот маҳз ба туфайли истиқлоли  сиёсии кишвар аст. Ҳамчунин, ҳамаи дастоварди адабиёти тоҷик ва дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ шудани он марбут ба истиқлоли сиёсии кишвар аст, ки суханваронро ба истиқлоли фикрӣ расонд.

Аз таҳқиқоти анҷомдодаи  донишмандон бармеояд, ки адабиёти тоҷик дар замони Истиқлол аз лиҳози мавзую муҳтаво, маъно ва тасвирҳои шоирона ҷилваҳои тоза касб карда, аз ҳар ҷиҳат бою ғанӣ гардидааст. Аз ҷумла тасвир ва тавсифи симои зан-модар, ки аз мавзуъҳои ҷовидонаи адабиёт мебошад, дар ин даврон  хеле  равнақ ёфта, ҷилваву тобишҳои нав ба нав ба худ гирифтааст. Шоирон кӯшидаанд, ки сифатҳои хосси зан-модари тоҷикро дар таркибҳои тоза ва ороятҳои мухталифи адабӣ ба қалам дода, аз як тараф, бузургию муҳаббати оламгири модар ва аз ҷониби дигар, хизматҳои шоёни занро дар ҷомеаи навини тоҷик таҷассум намоянд. Ин гуфтаҳоро ҳамон вақт метавон собит кард, ки бо далеҳои илмӣ ва шоҳидҳои шеърӣ исбот карда шаванд.

Баррасии мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» дар ашъори ҳамаи шоирони ин даврон суханро ба дарозо мекашад ва танҳо зикри ашъори дар ин мавзуъ сурудашуда чандин варақро фаро мегирад. Аз сӯи дигар, зарурат надорад, ки ҳамаи шеърҳои дар ин мавзуъ сурудашуда

мавриди таҳқиқ қарор бигиранд. Дар се насли шоирони замони Истиқлол суханвароне ҳастанд, ки ашъорашон таҷассумгари хусусиятҳои асосии адабиёти ин давронанд ва метавон бо баррасии ашъори онҳо равандҳои асосии шеъри ин марҳалаи адабиётро ба дурустӣ муайян намуд. Аз ин нигоҳ, мо барои таъйини таҳаввули тасвиру тавсифи симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салимро, ки ҳар як намояндаи се насли шоирони замони истиқлоланд, ба сифати сарчашмаи асосӣ интихоб намудем.

Чунон ки зикр намудем, яке аз сарчашмаҳои асосии шеъри замони Истиқлол адабиёти муосири тоҷик ва ё ба таъбири дигар, адабиёти замони Шуравӣ мебошад ва шоирони замони Истиқлол аксар ҳамон суннатҳои адабиеро идома ва инкишоф додаанд, ки дар даврони Шуравӣ шакл гирифта буд. Аз сӯйи дигар, насли аввал ва дувуми шоирони замони Истиқлол тарбиятёфта даврони Шуравиянд. Аз ин рӯ, барои ҳалли ҳаматарафи мавзуи мавриди таҳқиқ бояд ба баррасии тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик, ки аз заминаҳои асосии адабиёти замони Истиқлол аст, пардозем.

## 2.1. Тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар ашъори шоирони муосири тоҷик

Бо камоли боварӣ метавон гуфт, ки таҳаввули тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар адабиёти беш аз ҳазорсолаи мо маҳз дар ашъори шоирони муосир, ба таври умум дар шеъри шоирони ба истилоҳ адабиёти советии тоҷик сурат гирифтааст. Вобаста ба идеологияи ҳукумати Шуравӣ мавқеи зан-модар дар ҷомеа ва нақши бузурги ӯ дар пешрафти ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ шинохта шуд ва занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ин даврон иштироки фаъолона касб карданд, ки як назари иҷмолӣ ба адабиёти ин даврон масъаларо равшан мегардонад. Дар эҷодиёти шоирони бузурги ин давра, аз устод Садриддин Айниву Абулқосим Лоҳутӣ сар карда, то шогирдони мактаби онҳо, монанди Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турзунзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирсаид Миршакар, Файзуллоҳ Ансорӣ, Муҳиддин Аминзода, Боқи Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо ва дигарон мавзуи зан-модар мавқеи бузург дорад. Суннати адабии ситоиш зан-модар ва модарноманависии ин бузургонро шоирони баъд аз солҳои 60 ба майдон омада, ки барҳақ, «шогирди Айниву Турсунзодаанд», монанди Муъмин Қаноат, Қутби Кином, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева ва чандин нафари дигар идома доданд. Дар бораи шеъри адабиёти муосири тоҷик, хусусан мавзуи зан-модар дар эҷодиёти шоирони ин давра тадқиқоти зиёде ба анҷом расидааст, ки мо муҳимтарини онҳо дар китобнома овардаем ва баррасии ҳамаҷонибаи онҳо баҳси мавзуи татқиқи мо нест. Аз он ҷо, ки адабиёти муосири тоҷик яке аз сарчашмаҳои асосии шеъри замони Истиқлол аст, барои таъйини заминаҳои асосии мавзуи мавриди таҳқиқ ногузир ҳастем муҳимтарин мушаххасоти тасвиру тавсифи симои зан-модарро дар ин давраи адабиёти тоҷик муайян намоем. Бояд зикр кард, ки дар таҳқиқи мавзуи образи зан-модар дар адабиёти муосири тоҷик (адабиёти даврони шуравии тоҷик) муҳаққиқон бештар ба муҳтавои ашъори шоирон таваҷҷуҳ кардаанд, баррасии ин мавзуъ аз лиҳози ҳунар аз назари муҳаққиқон то андозае дур мондааст. Бо

баррасии мушаххасоти ашъори чанд шоири бузурги ин даврон метавон муҳимтарин хусусиятҳои шеъри ин давраро ҳангоми тасвири симои зан-модар равшан кард.

Устод С. Айниро барҳақ, муҳаққиқон «пули пайвандӣ миёни адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик» меноманд. Аз он ҷо, ки даврони ҷавонӣ ва авҷи шуҳрати шоирии устод ба даврони пеш аз инқилоби Шуравӣ мансуб аст, анъанаҳои адабии адабиёти классикӣ дар ашъори устод нақши муҳим доранд. Воқеан, сарчашмаи асосии ашъори устод С. Айнӣ ҳамоно ғазалиёти шоирони бузурге чун Саъдию Ҳофиз, Камоли Хуҷандию Мавлоно Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолию Мирзо Соиб, Сайидою Бедил мебошанд, ки дар даврони Шуравӣ новобаста аз идеологияи замон ин таъсирпазирӣ аз адабиёти оламшумул эҳсос мегардад. Гарчанде қисмати бештари эҷодиёти устод С. Айниро осори насрӣ ташкил медиҳад, аммо фаъолияти эҷодии устод бо шеър оғоз шудааст ва Шарифҷон Махмуди Садри Зиё дар тазкираи худ вақте ба устод баҳо медиҳад «назми ӯро беҳтар аз наср»-аш медонад. Бино ба таъкиди айнишиносон, «устод Садриддин Айнӣ дар оғози шоирӣ бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Муҳтоҷӣ» ва «Ҷунунӣ» шеър менавишт, баъдан, чунончи худ зикр мекунад, ба сабаби шогирдона будани ин шеърҳо аз баҳри онҳо гузашта, аз тахаллусҳояш низ даст кашидааст. Баъди ошноӣ бо шоири шинохтаи давр Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат бо таъсиру тарбияи ӯ аз асрори арӯз ва ҳунари шоирӣ вуқуфи бештар ёфт ва ба таълифи ашъори ҳирфаӣ пардохт. Намунаи аввали он шеъри «Гули сурх» буда, соли 1895 навишта шудааст. Аз ҳамин замон ба баъд «Айнӣ» тахаллуси адабии ӯ гардид» [1, 3].

Дар ашъори пешазинқилобии устод, ки дар жанрҳои ғазал, қитъа, рубоӣ, мухаммас ва ғайра эҷод шудаанд, тасвири зан бештар ба ҳайси маҳбуба, ки дорои ҳусни беназир аст, тавсиф шудааст:

Офтоби ҳусн хонам рӯи рахшони туро,

Матлаи хуршеду маҳ донам гиребони туро [1, 6].

Дар ашъори даврони ҷавонии устод дар мавзуи фавқуззикр суннатҳои адабиёти классикӣ баръало мушоҳида мешавад ва шоири ҷавон ба шоирони

бузург пайравӣ намуда, анъанаҳои адабии ҳазорсоларо идома додааст. Чунончи, дар ғазали зер таъсири Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мушоҳида мешавад:

Эй ҳама ширинлабон афтода дар банди шумо,
Яъне аз ҷон бандаи лаъли шакарханди шумо.
Аз хироме дӯш дар даъвои раъноӣ ба боғ
Банд карда найшакарро қомати қанди шумо.
Эй қаду рухсору зулфу чашму абрӯ, раҳмате!
Як дили мискин чӣ хоҳад кард бо чанди шумо?!...[1, 7].

Ҳарчанд дар даврони Шуравӣ устод С. Айнӣ ба наср рӯ оварду бештар асарҳои насрӣ эҷод мекард, зеро ба қавли худаш, «чаҳорчӯбаи назм» имкон намедод, ки воқеаҳои инқилоб ба таври комил инъикос ёбад, аммо шеъру шоириро ба ҳеч ваҷҳ тарк накардааст. Дар ҳар мавриде, вобаста ба ҷашну маъракае ва ё ҳолате даст медода, ки завқи шоирии устод бар ҳунари нависандагиаш боло мегирифтаву шеър мегуфтааст. Қобили зикр аст, ки новобаста аз дигаргуниҳои сиёсии давр ва сиёсати гузаштабадкунии Ҳукумати Шуравӣ ҳангоми тасвиру тавсифи зан устод С. Айнӣ ҳамон анъанаи адабиёти классикиро ба кор мебарад. Чунончи, дар достони «Ҷанги одаму об», ки дар вазни «Шоҳнома» (мутақориби мусаммани маҳзуф) суруда шудааст, дар фасли «Достони Мирзогул ва Вина» симои Винаро хеле олӣ ба ҳамон сабки сухани Ҳаким Фирдавсӣ ба тасвир кашидааст:

Дигар духтаре буд зи ленинчиён,
Ба солу ба кирдор чун он ҷавон,
Рухаш гул, лабаш ғунча, дандонсадаф,
Ҷавонон зи дидори ӯ дар шааф.
Ҳамоил ба ду рӯш ду турра мӯй,
Ба атрофи садбарг чун нозбӯй.
Зи рухсораш метаровид об,
Ту гӯйӣ зи гул метаровад гулоб.
Ду чашмаш дурахшанда дар рӯйи моҳ,
Ситораст гӯӣ, ки бар рӯйи моҳ,

Ва ё ин ки ду гавҳари шабчароғ

Дурахшида дар пеши гул, рӯйи боғ.

Зи абрӯ сухан сар натонам кунам,

Ба пешаш ҳамон беҳ, ки сар хам кунам...[1, 419].

Бешубҳа, дар сурудани маснавии боло устод С. Айнӣ ба «Шоҳнома» пайравӣ кардаанд. Ҳангоми тасвири зебоии Вина устод С. Айнӣ ба абёти зер аз «Достони Рустаму Сӯҳроб», ки дар тавсифи Гурдофарид аст, назар доштааст:

Чу рухсора бинмуд Суҳробро,

Зи хушоб бикшуд уннобро.

Яке бӯстон буд дар андар биҳишт,

Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.

Ду чашмаш гавазну ду абрӯ камон,

Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.

Зи гуфтори ӯ мубтало шуд дилаш,

Барафрӯхту кунҷи бало шуд дилаш…[64, 217].

Дар ашъори пас аз инқилобии устод С. Айнӣ низ дар шеъри ғиноӣ, хусусан дар ғазал ҳамон суннатҳои ғазалсароии адабиёти классикӣ ба назар мерасад. Масалан:

То ба кай ошуфтаи зулфи парешон аст дил,

То ба кай хунгаштаи лаъли сухандон аст дил…[1, 43].

Дар солҳои аввали Ҳукумати шуравӣ яке аз мавзуъҳои асосии адабиёт дар Шарқ, хусусан дар Тоҷикистони Советӣ тарғиби занон ба тарки ҳиҷоб (фаранҷӣ) буд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки дар ашъори устод С.Айнӣ як байте ҳам ба назар намерасад, ки занонро ба тарки ҳиҷоб даъват карда бошад.

Дар тарбияти шоирони ҷавон насли комсомол дар баробари устод Садриддин Айнӣ шоири инқилобӣ Абулқосим Лоҳутӣ нақши фаъол дорад ва аксари шоироне, ки бо Абулқосим Лоҳутӣ дидор кардаанд, ӯро боифтихор устод номидаанд. Донишманди маъруфи тоҷик Раҳим Ҳошим дар ин масъала менависад: «Лоҳутӣ аз он рӯзе, ки ба назми мо омад, ба он қувваҳои наве, ки ба майдони адабиёти советӣ акнун қадам мегузоштанд, падарвор меҳрубонӣ ва ғамхорӣ намуд. Ӯ гоҳе бо суханони ширину дилнавоз, гоҳе бо танбеҳҳои чун панди падар талх, муфиду

хайрхоҳонаи худ ба ҳар яке аз ҷавонон роҳ нишон медод» [88, 349]. Гуфтан метавон дар адабиёти советии тоҷик нахустин шоире, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, ба мавзуи озодии занон дар ашъор сухан кардааст, устод Аблқосим Лоҳутӣ аст. Лоҳутишиносон дар ин масъала батафсил сухан кардаанд, ки такрори онҳоро ҷоиз намедонем. Аммо зикри ин нуктаро лозим медонем, ки вақте устод Абулқосим Лоҳутӣ аз озодии зан сухан мегӯяд, муродаш танҳо зани тоҷик ва ё духтари эронӣ нест, гарчанде шеърҳои махсусе ба зани тоҷику духтари эронӣ дорад, ғаразаш озодии кулли занони дунё, алалхусус занони Шарқ аст. Мавзуи озодии занон дар эҷодиёти Лоҳутӣ пеш аз омаданаш ба Иттиҳоди Шуравӣ, аз соли 1910 шуруъ шудааст:

Бо ин ки дар шариати хубон ҳиҷоб нест,
Ёри маро барои чӣ шарм аз ниқоб нест [23, 123].

Илова бар ин, шеърҳои дар ин мавзуъ сурудаи ӯ на шиорию ибнулвақтӣ, монанди шеъри шоирони солҳои авали инқилоби шуравӣ, балки хеле ҳунармандонаву устодона суруда шудаанд. Ба тариқи намуна чанд байт меоварем:

Андар ин даври тамаддун, санамо, лоиқ нест,
Дилбаре чун ту зи ороиши дониш ба канор [23, 59].

Ташбеҳи духтари тоҷик ба моҳ ва ниқобу чодар ба абр ва равшан шудани олам бо баромадани моҳ аз паси абр хеле шоирона ба тасвир кашида шудааст, ки такя ба суннатҳои адабиёти классикист:

Тоҷикистон шуд мунаввар, то ту гаштӣ бе ниқоб,
Оламе равшан шавад, чун маҳ барояд аз саҳоб [23, 67].

Ва ё байти зер:

Офарин бар фирқае, к-аз парда озодат намуд,
Ҳайф буд, к-ин ҳусни оламгир монад дар ҳиҷоб [23, 133].

Хулоса, суннатҳои адабие, ки устод С. Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ дар тасвири симои зан аз адабиёти аҳди классики форсӣ-тоҷикӣ ба адабиёти муосири тоҷик интиқол доданд, минбаъд аз тарафи шоирони тоҷик, монанди Муҳаммадҷони Раҳимӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва дигарон, ки аксар шогирди мактаби адабии ин устодони сухан буданд, идома ёфтааст. Гуфтан метавон баъд аз Абулқосим

Лоҳутӣ Пайрав Сулаймонӣ масъалаи озодии занонро бештар дар ашъораш ба тасвир кашидааст. Дар ашъори начандон зиёди ин шоири ҷавонмарги тоҷик шеърҳои махсусе ҳастанд, ки ба масъалаи озодии зан бахшида шудаанд, монанди «Шукуфаи ирфон ё худ озодии занони Шарқ», «Ба шарафи қиёми занони Шарқ», «Ҳаштуми март», «Асира ё худ исён», «Мужда бод, зинда бод» ва ғайра. Баррасии ашъори ба зан бахшидаи Пайрав Сулаймонӣ нишон медиҳад, ки агар аз як сӯ, шоир дар тасвири ин мавзуъ ҳамон суннатҳои адабиии аҳди классикиро идома дода бошад, хусусан дар ашъори ошиқонаи «Шаби ҳиҷрон дар хаёли ҳиҷрон», «Бок нест», «То кай», «Чӣ шуд, ки…», «Фироқнома», аммо дар шеърҳое, ки ба масъалаи озодии занон бахшида шудаанд, навовариҳои зиёде дорад ва сухани наву тоза гуфта, ки боиси истиқболи шоирони дигар гаштааст. Адабиётшиноси тоҷик Х. Асозода дар ин масъала менависад: «Ин ашъор (мурод шеърҳои ба озодии занон бахшидаи Пайрав-М.Р.) бо замонавию мушаххас будани мавзуъ, аниқию дақиқии мазмуну мундариҷа, равшании ғоя, мувофиқату мутобиқат ва таносуби поэтика ва сабку услуби эҷодӣ ва ғайра ҷолиби диққатанд» [88, 157]. Х.Асосзода таъкид мекунад, ки «мавзуъҳое, ки Пайрав ба ашъораш ворид сохт, баъдтар мавзуи асосии шоироне монанди Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон гаштанд. Гӯё инъикоси бадеии мавзуъҳои озодии занон, хориҷӣ, байналмилалӣ ба шоирони насли ӯ илҳом мебахшанд» [88, 57]. Воқеан, адабиёти советии тоҷик, бино ба таъкиди муҳаққиқон, ҳамон вақт аз умумигӯӣ наҷот ёфт, ки суннатҳои адабии адабиёти гузашта бо тобишҳои замонавӣ дар шеър ҷилваҳои тоза касб кард. Дар ин масъала метавон намунаҳои зиёдеро аз шоирони фавқуззикр овард, ки суннатҳои адабии гузашта вобаста ба талаботи замони нав ба таври густарда идома ёфтааст, алалхусус дар тасвири зан, ки оғозгари он Пайрав Сулаймонист. Бо истиқбол аз ибтикори Пайрав Сулаймонӣ ашъори зиёде бо такя  ба сунатҳои адабии гузашта ва иҷрои талаботи замони нав ашъори зиёде дар тарғиби озодии зан васфу ситоиши зани  озод аз тарафи шоирони ҷавон суруда шуд, ки шеърҳои «Зан агар оташ намешуд», «Дар ёди ҷавонӣ», «Зан зан аст», «Се нозанини Шарқ»-и М.Турсунзода  намунаи боризи

ин гуфтаҳост. Дар бораи шеъри М. Турсунзода, алалхусус  мақоми зан-модар дар ашъори ӯ муҳаққиқон рисолаву мақолоти зиёде ба нашр расонидаанд, ки такрори онро ин ҷо ҷоиз намедонем. Танҳо зикри ин нукта зарур аст,  ки ин шоири шаҳири тоҷик собитқадамона суннатҳои адабиёти классикиро дар назми тоҷики даврони шуравӣ идома дод ва навпардозиҳое, ки дар шеъри тоҷик бо ибтикори Пайрав Сулаймонӣ оғоз шуда буд, ба камол расонд. Ҳамчунин модарноманависиро дар адабиёти муосири тоҷик поя гузошт, ки  шогирдонаш, монанди Лоиқ Шералӣ ба авҷи камол расонданд.

Ҳамин суннати адабие, ки устодон С. Айнию А. Лоҳутӣ аз адабиёти классикии форсу тоҷик ба адабиёти муосири тоҷик интиқол додан ва Пайрав Сулаймонӣ ин суннатҳоро бо сабку услуби тоза суруд, дар шеъри шоирони ҷавони баъд аз солҳи 60 асри гузашта низ идома ёфт. Махсусан, дар эҷодиёти шоирони номдоре монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ ва дигарон. Ин насли шоирон, ки парвардаи мактаби адабии М. Турсунзодаанд, ашъорашон аз мактаби адабии устод С. Айнӣ низ сарчашма мегирад. Шоирони ҷавон вобаста ба талаботи замон суннатҳои адабиёти классикиро бо ороиҳои нав зебу зиннат доданд. Масалан, Муъмин Қаноат дар шеъри «Зани тоҷик»  зебоӣ ва дилрабоии зани тоҷикро ба  тасвир кашида,  таркибҳои «гардани дил», «зулфи сияҳ», «сарви баланд», «давлати ҳусн» ва ғайра ба кор бурда, ки ағлаб таркибҳоест, ки дар ашъори шоирони классикӣ  мукаррар ба кор рафтанд:

Чанд бар гардони дил зулфи сиёҳи ту каманд?
Лона то кай биниҳад табъ ба он сарви баланд?
Заҳраям аз нигаҳат гашта чу симобу сипанд,
Ҷамъ кун давлати ҳуснат, ки  дилам раст зи банд [19, 48].

Баъд аз М. Турсунзодаву Боқӣ Раҳмизода сарварӣ ва тарбияи ҷавонони эҷодкор ба дӯши Муъмин Қаноат афтид, ки ин вазифаи баландро сарбаландона иҷро намуд. Аз он ҷо, ки бо баррасии ашъори  М. Қаноат метавон чигунагии раванди тасвири симои зан-модарро дар шеъри шоирони солҳои 70-80 муайян кард, перомуни ин мавзуъ батафсилтар  сухан мекунем.

Дар воқеъ, шоири зиндаёд Муъмин Қаноат дар тасвири симои зан-модар доди сухан дода, суннатҳои миллии мардуми тоҷикро маҳз бо воситаи ин образ тасвиру ташвиқ кардааст. Дар тасвири Муъмин Қаноат мафҳумҳои «Модар» ва «Забон» бо ҳам тавaъаман, зеро инсон забонро, пеш аз ҳама, аз модар меомӯзад, аз ин сабаб онро «забони модарӣ» мегӯяд. Дар шеъри машҳури «Ба ҳаводорони забони тоҷикӣ» ташбеҳи забони модарӣ ба «шири модар»-у «меҳри модар» хеле бомавқеъ афтода, ки дар баробари инсиҷоми маънӣ вусъати маъноӣ ҳам дорад:

Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам,
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам,
Дӯст медорам варо…[20, 13].

Шоир оғози эҷоди худро аз суруди «Алла»-и модар медонад ва маҳз модар аст, ки ҳунари суханвариро дар сиришти ӯ бедор кардааст:

Лаҳзае аз кӯдакӣ дар ёди ман –
Солҳои аввали эҷоди ман –
Мондааст, гӯё ба рӯи мавҷи об
Хираю ларзон чу акси офтоб...
Хурд будам, бистарам гаҳвора буд,
Бистари ҷунбони ман сайёра буд.
Дар ҳамин ҷо буд хӯрду хоби ман,
Дар ҳамин ҷо минбару меҳроби ман...[20, 11].

Шоир модарро ба офтоб монанд мекунад. Ташбеҳри модар ба офтоб аз он ҷо табиию воқеист, ки ваҷҳи муштарак доранд. Агар офтоб сабаби рушду нумуи замин бошаду инсонро аз ҷиҳати моддӣ таъмин кунад, меҳри модар сабаби рушду камолоти маънавии инсон мегардад:

Дар ҳамин ҷо бар сари гаҳвораам,
Аллагӯён модари бечораам,
Бо табассум, бо такаллум, бо шитоб
Мебаромад ҳар саҳар чун офтоб.
Савти аввалро, ки бишнидам аз он,
Ҳаст танҳо дар навои булбулон.
Ҳарфи аввалро, ки бишнидам аз он,
Ҳаст ҳоло дар забони кӯдакон...[20, 12].

Ташбеҳи меҳри модар ба нури ҷонбахши офтоб, ки бар сари оламу одам яксон нур мепошаду гармӣ медиҳад ва «аз тобиши ӯ ҷумла набототи ҷаҳон соҳиби ҷон» мешавад, хеле табиист. Аммо шоир бо ин ташбеҳ қаноатманд нест, «меҳри ҳамешагии модарро дар нур фузун аз меҳри ховар» медонад:

Дар гармию покию ҷаҳоноройӣ
Кай бошад офтобро ҳамтое?!
Аз тобиши ӯ ҷумла набототи ҷаҳон
шуд соҳиби ҷон.
Меҳри дигаре, ки дар тамоми олам
Якзайл битобад ба сари ҳар одам,
Дар гарму хунук ҳарорати ӯ яксон
бошад тобон.
Ин меҳри ҳамешагии модар бошад,
Дар нур фузун зи меҳри ховар бошад [20, 48].

Бино ба таъкиди шоир, «лафзи модар» манбаи панду андарз буда, дар камолоти маънавии инсон таъсиргузор аст. Аз ин рӯ, шоир лафзи модарро дар ширинӣ ба «қанди Самарқанд», дар шӯхию тарабнокӣ ва нафърасонӣ «зодаи дарё» ва ба таъсиргузорию муассирӣ ба «барқ» монанд кардааст:

Лафз ё худ манбаи панд аст он,
Ё ки аз қанди Самарқанд аст он?
Ё ба шӯхӣ зодаи дарёст ӯ,
Ё ба шохи барқ пайванд аст он [20, 14].

Симои модар ба сифати отифаю меҳрубонӣ дар тамоми лаҳзаи зиндагии фарзанд арзи ҳастӣ мекунад. Шоир ғаму дард ва шодию нишоти зиндагии инсонро бо ҳузури  модар ба тасвир меоварад. Чунончи, дар шеъри «Ёд», ки шоир ба бародараш Анвар бахшидааст:

То номаи сиёҳи ту омад ба номи ман,
То хатти ҷанг тира шуд роҳи паёми ман.
Пайроҳае, ки сӯи ту мебурд, кӯр шуд,
Сарчашмае, ки таъми туро дошт, шӯр шуд.
Дар назди чор хоҳари гирёну музтарам
Кардам сафед номаро чун мӯи модарам [20, 12].

Шоир аз «чор хоҳари гирёну музтар»-аш ёд мекунад, аммо ҳамин зикри «кардам сафед номаро чун мӯи модарам» кофист, ки хонанда дарду ранҷи модарро дар сӯги фарзанд шаҳидаш эҳсос кунад.

Даврони кӯдакию наврасии Муъмин Қаноат дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гузашта ва ӯ  таъсири мудҳиши ҷангро дар вуҷудаш эҳсос кардаву дар симои хазонгаштаи модараш мушоҳида намудааст. Шоир вақте аз ҳодисаҳои ҷанг қисса мекунад, симои модарро пеши назар  меоварад ва тамоми оқибати шуми ҷангро бо воситаи ин образ ба тасвир меоварад,  ки мафҳуми «модар» то ҷое таҳаввули маъноӣ мекунаду  муқобилмаъно  ё  худ  антоними мафҳуми «ҷанг» мегардад. Ин нуктаро ҳам дар ашъори ғиноӣ ва ҳам дар достонҳои Муъмин Қаноат мушоҳида кардан мумкин аст.Масалан дар шеъри «Модари Либия»:

Ман пуштибону фотеҳи ин шаҳр нестам,
Ман нохудои киштии ин баҳр нестам.
Аз чӣ калид медиҳӣ акнун ба дасти ман?
Эй модари бузург, аё соҳиби ватан!..[20, 64].

Ва ё дар шеъри «Парваришгоҳи Ватан»:

Мардҳо дар размҳои марзбонӣ мурдаанд,
Модарон дар ҷангҳои меҳрубонӣ мурдаанд,

Душманон аз хештан в-аз дигарон ҷон бурдаанд,

Тифлҳои зору ҳайрон мондаанд.

Тифлҳои монда рӯи ҷисми сарди модарон,

Дар миёни шӯълазору сангари размоварон,

Аз канори модарон дар сарзамини бекарон...[20, 65].

Дар шеъри «Хоби қаҳрамон», ки ба Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Тӯйчӣ Эрйигитов бахшида шудааст, шоир эҳсосоти ботинии қаҳрамонро дар лаҳзаҳои охири ҳаёташ ба тасвир мекашад, ки табиӣ ва воқеъбинона аст:

Дид ҷуз як чора дигар чора нест,

Шуд ба чашмаш қатраи ашке шарар.

Ёди модар, ёди кишвар кард, хест,

Шуд ба ҷони ӯ ҷавонмардӣ сипар.

Дар қафояш лашкари дар хоку хун,

Сад ҳазорон чашмҳои интизор,

Дар хаёлаш модари танҳои ӯ,

Модари то рӯзи тӯяш чашмдор…[20, 63].

Инсон дар лаҳзаҳои охири ҳаёташ медонад, ки ҳоло мемирад, аз модар ёд мекунад ва бо ёди модар талхии маргро ба худ ширин мекунад. Тоҷики қаҳрамон, ки синаашро сипари душман кард, то ҳамяроқонаш амон ёбанд, рӯ ба рӯ бо душману интизори марг ба ёди модар меафтад:

Баъд як сония гӯё хоб дид:

«Рӯи ҳавлӣ об мезад модараш,

Ӯ даме дам дод ҷуфти говро,

Гирд мегардид аз шодӣ сараш.

Бар димоғаш мезанад бӯи замин,

Бӯи райҳон, бӯи гулҳои баҳор,

Рафту рӯи сабзаи тар хоб кард,

Дар таги токе канори ҷӯйбор...»

Хоби ӯ он қадр ширин будааст,

Ки намеояд сифоташ бар забон,

Ӯ нашуд бедор з-ин хоби гарон,

Буд ин хоби муқаддас ҷовидон...[20, 64].

Ин нукта дар шеъри «Мавҷи одам», ки шоир ба қаҳрамонписари дигари тоҷик Саидқул Турдиев бахшидааст, боз ҳам равшантар ба тасвир омадааст:

Тан ба тан бо лашкаре ҷангид ... Оваҳ, ногаҳон

Тири душман аз билети сурх – аз ҷавшан гузашт,

Аз дили пурхашми тоҷик – аз дами оҳан гузашт,

Ҳаст дар ёдат, чӣ сон афтонд ӯро бар замин? ...

«Воҳ, модар!» гуфтаю хоки туро оғӯш кард.

Лаҳзае модар – замин қалби ҷавонро гӯш кард:

Даргузашт ӯ ...

Дар ҳамин дам

лашкар аз дарё гузашт...[20, 103].

Ҳамин гуна тасвиророии воқеоти ҷанг бо истифода аз образи модар дар достонҳои шоир бештар ба назар мерасад. Бино ба гуфтаи муҳаққиқон, Муъмин Қаноат аз образи Модар устура месозад. Ва ин устурасозии шоир аз устураҳои адабиёт ва суннатҳои аҳди бостонии миллат сарчашма мегирад:

Мани модар ба умре кадхудо будам,

Равонбахши ҳазорон наслҳо будам,

Агарчи рӯзгоре бенаво будам,

Замин будам, замини зери по будам [20, 70].

Устураи Замин-Модар дорои собиқаи куҳан аст ва реша дар китоби муқаддаси ниёгон «Авесто» дорад, ки дар ашъори Муъмин Қаноат ба такрор ёд мешавад. Дар ҳама достонҳои Муъмин Қаноат образи модар ҳузур дорад, новобаста ба он, ки достонҳо ба мавзуъҳои мухталиф ихтисос доранд. Ҳаммаъноии Замину Модар аз он ҷо сарчашма мегирад, ки ҳар ду ҳаётбахшанд ва насли оламу олам маҳз ба туфайли замину модар бавуҷуд меояду идома меёбад. Ин маънӣ дар достонҳои шоир мукаррар омадаанд. Аз ҷумла дар достони «Суруши Сталинград», ки ба мавзуи ҷанг ихтисос дорад, симои модар ба ҳайси фариштаи наҷот ва идомадиҳандаи ҳаёт дар лобалои достон ҳузур

дорад. Шоир достонро бо номи Модар ҳусни оғоз мебахшад:

Аё модар, дуои хайр мечӯям,
Чу фарзанди ту роҳи хайр мепӯям,
Ҷаҳони розҳо,
Бинмо ҷаҳонамро,
Кушо оғози талхи достонамро! [20, 96].

Суруши якуми достон, ки «Замин» унвон дорад, ҳамоно Замин-Модар аст. Шоир бо корбурди санъати ташхис ба замин қудрати сухан гуфтан медиҳад ва ӯро ба сифати модаре ба тасвир меоварад, ки бо фарзандҳояш сухан мегӯяд:

Маро гаҳвора мегӯянд,
Чун гаҳвораи заррин,
Вале ман модари бечораам, хокам.
Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам,
Агар марде фитад аз пой, ғамнокам.
Чу модар дар азо бо синаи чокам,
Напиндоред бедардам, кафи хокам!... [20, 97].

Замин дар тасвири шоир ба ҳайси модар эҳсоси модарона дораду бо «хандаи тифл шод»-у бо «афтодани мард ғамнок» аст ва ҷангро маҳкум мекунад. Бо муаррифӣ кардан замин ба сифати модар шоир чандин маъниро дар зеҳн дорад, ки ба хонандааш ёдрас мекунад. Аз ҷумла, инсон бояд ба замин чун модари хеш муносибат кунад, зеро рӯзирасони инсон замин аст. Инсон ҳар қадар ба замин меҳрубон бошад, лутфи эҳсони вай бештар мегардад. Шоир ҷангафрӯзонро аз номи Замин-Модар маҳкум мекунад ва паём мефиристад, ки заминро чун модар ва худро ба сифати писар донанд:

Маро модар,
Шумо, эй қавмҳо, худро писар хонед.
Чу модар аз бисотам
Бар шумо эъҷоз бахшидам,
Зи ҷазби худ гузаштам,
Бар шумо парвоз бахшидам,

Ки боре модари ғамхор гӯедам…[20, 97].

Достони «Суруши Сталинград», ки бо дуои модарон ҳусни оғоз меёбад ва бо «Руҷӯи модарон» ба итмом мерасад, ки шоир дар баробари баёни мушкилоти гетӣ орзую умеди модаронро иброз медорад.

Дар мавриди достони «Суруши Сталинград» муҳаққиқони зиёде изҳори андеша кардаанд ва ҳунари достонсароии шоирро сутудаанд. Нуктаи муҳиме, ки дар достонҳои шоир, аз ҷумла дар достони номбурда ба назар мерасад, зуҳури эҳсосоти зебонигори ғиноии шоир дар достон ҳангоми тасвири Зан-Модар аст. Ба таъбири дигар, дар достонҳо ҳангоми тасвири зан ё худ модар ҳунари шоири шеъри ғиноӣ будани Муъмин Қаноат баръало мушоҳида мешавад. Чунончӣ дар тасвири Робеа, ки суруши панҷум ба номи ӯ ихтисос дорад:

Шаби наврӯзу мавҷи лолазорон гулхани наврӯз,
Тани Робиа ё гулбарг ё пироҳани гулдӯз.
Рухаш гул-гул,
ба рӯяш сояи кокул,
Суруди ҳусни ӯро месарояд то саҳар булбул…[20, 107].

Дар суруши ҳафтум Робеаи бордор ба тамоми нозукию зебоияш ба тасвир омада, ки шоир чун як пайкарасоз муҷассамаи Робеаро бо сухан метарошад:

Қади Робиа монанди ниҳоли себи хубонӣ,
Ба зери бори ҳусну меваҳои ишқи инсонӣ,
Зи боди тирамоҳӣ барг мерезонд, хам мешуд,
Ба бораш бор зам мешуд.
Нахустин меваи умри азиз аз шохи урёнаш

Бурун ҷаста зи курта аз гиребон то ба доманаш.
Ба зери парда меҳри модарӣ бо шир меҷунбид,
Каманди мӯи домангир чун занҷир меҷунбид…[20, 111].

Ин гуна тасвирорӣ аз ҳусни зан дар шеърҳои лирикии Муъмин Қаноат

бештар мушоҳида мешавад ва чунин ба назар мерасад, ки шоир ҳангоми тасвири зан фарқе байни достон ва ғазал қоил нест. Масалан, ҳангоми тасвири Катерина дар шеъри «Мавҷи ханда»:

Дар лаби рӯди Днепр
Духтаре дидам, чӣ духтар!
Тифли зебо дар канораш буд, модар.
Мӯи қамчин, рӯи гулчин,
Гардани зеби нигоҳаш,
Ҷабҳаи софу ду абрӯи сиёҳаш;
Домани шерозадору
Куртаи гулдӯзии ӯ,
Чеҳраи ранги гули наврӯзии ӯ:
Чашми шаҳлои кабудаш,
Ҳам сурадаш, ҳам вуҷудаш
Мекашад дар дидаам расми туро,
Катерина, Катерина!... [20, 93].

Ҳангоми тасвир ва тавсифи зан чи дар шеъри лирикӣ ва чи дар достонҳо муҳимтарин ва серистеъмолтарин санъате, ки шоир ба кор мебарад санъати ташбеҳ аст. Ва ҳамин корбурди устодонаи санъати ташбеҳ имкон дода, ки Муъмин Қаноат ҳам дар ашъори ҳамосӣ ва ҳам шеъри лирикӣ чун шоири лирик арзи ҳастӣ кунад. Намунаи дигар аз шеъри «Аҳсан ба одам»:

Як моҳваше дар лаби дарёчаи кӯҳӣ
Аз об баромад.
Гӯё зи паси абр чу симоби сафеде
Маҳтоб баромад.
Рӯ дидаму ин сония дар чашм аён шуд
Ногаҳ табақи гул.
Лаб дидаму ин сония аз чашм ниҳон шуд
Ногаҳ варақи гул.
Аз ҳар сари мӯйи сиёҳаш рехт ба пояш

Ҳамчун дури ғалтон,
Сад қатраи тобандаи дарёчаи кӯҳӣ,
Сад қатраи рахшон…[20, 69].

Дар ҳар мисраи шеъри боло санъати ташбеҳ ба назар мерасад, он ҳам бештар ташбеҳи равшан, гоҳо бо одоти ташбеҳ ва гоҳе бидуни он. Ва ин ҳама мушаххасот бесабаб нест, зеро Муъмин Қаноат ҳарчанд парвардаи адабиёти Шуравист, аммо ашъораш аз суннатҳои адабиёти классики форсӣ-тоҷикӣ об мехурад.

Хулоса, тасвири зан-модар дар ашъори шоири шаҳири тоҷик Муъмин Қаноат мақоми хос дошта, лобалои эҷодиёти ӯро фаро гирифтааст. Агар аз лиҳози мавзуъ ашъори ба зан-модар бахшидаи шоир домани фарох доранд, аммо дар тарзи тасвир ҳамон суннатҳои адабии адабиёти классики форсӣ-тоҷикиро идома дода, вобаста ба талаботи забон навгониҳо ворид намудааст.

Симои модари тоҷик дар адабиёти муосир, беш аз ҳама ва беҳтар аз ҳама дар осори шоири номвари тоҷик - Лоиқ Шералӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар бораи эҷодиёти Лоиқ Шералӣ, алалхусус модарномаи ӯ муҳаққиқону суханварон китобу мақолоти зиёде ба нашр расонидаанд. Аз байни китобу мақолоти бешуморе, ки дар бораи эҷодиёти ин шоири номвари тоҷик иншо шудаанд, навиштаҳои профессор Абдунабӣ Сатторзода, аз ҷумла мақолаи «Мероси дили шоири дилдода ва озода» рутбаи аввалро дорад. Муҳаққиқи дақиқназар тамоми эҷодиёти шоирро мӯшикофона омӯхта, роҳи тайнамудаи ӯро аз ибтидо то интиҳои ҳаёташ ва мақоми Лоиқро дар адабиёти муосири тоҷик ба дурустӣ муайян кардааст. Бино ба қавли А. Сатторзода, «Лоиқ касест, ки шеъри муосири тоҷикро ба асолати азалияш баргардонд. Вай дар ин роҳ кӯшишҳои нотамоми устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мирзо Турсунзодаро тамомӣ бахшид. Миёни шеъри кунунии тоҷикӣ ва осори мондагори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Соиб, Калими Кошонӣ ва Бедил пуле эҷод кард ва миёнҷӣ шуд...» [83, 6]. Мусаллам аст, ки силсилаи шеърҳои «Модарнома»-и шоир бо самимияти ифода ва мазмуни баланд дар байни хонандагон

маҳбубияту маъруфият доранд. Ба таъкиди адабиётшиносон ва ба эътирофи худи шоир, Лоиқ аз шеърҳои ба модар навиштаи Эраҷ Мирзо, Сергей Есенин ва устод Мирзо Турсунзода илҳом гирифтааст. Ин пайравии шоир, воқеан, «гирифтани хок аз кӯҳи баланд» асту шоир дар айни пайравӣ истиқлоли фикрӣ ва ибтикороти тоза дорад. Бояд тазаккур дод, ки дар шеърҳои шоир симои модари тоҷик ва бо як самимияти олӣ ва сабки хоссаи эҷодӣ тасвир ёфтаанд. Воқеан, Лоиқ тавонистааст, ки дар симои модари худ симои як зани оддии кӯҳистонро бо он ҳама меҳру муҳаббат ва шукӯҳу шаҳомате, ки дорад, ба риштаи тасвир кашад.

Аз он ҷо, шеъри Лоиқ таъсири зиёде ба шеъри шоирони замони Истиқлол дорад ва аз сӯи дигар, корҳои аришманде доир ба шеърҳои ба зан-модар бахшидаи Лоиқ навишта шудаанд, ба таври мухтасар бо такя ба корҳои анҷомшуда бардошти худро баён медорем:

- Лоиқ Шералӣ бо эҷоди силсилаи шеърҳо дар тасвиру тавсифи модар дар шинохти қадру мақом ва манзалати модарон эҳтироми зан ва олами пур аз розу ниёз ва ормонҳои неки офарандаи насли инсон тавонистааст, кореро ба сомон расонад, ки сазовори воҷибии дасти дуои модарон аст;

- ташаккули маънавии зан ва шахсияти ӯ дар маърази тафаккур ва андешаи шоир қарор дошта, дар тасвири ӯ бузургдошти модар ва муқаддасоти миллат дар симои модарон бештар тавсеъ пайдо намуда, «Модарнома»-и шоир дар муаррифии симои воқеии модари тоҷик нақше мондагор дорад;

- симои модари офаридаи шоир дорои хилқати нек, ҷаҳони пиндори зани одии кӯҳистониест, ки ба ҷуз бахту саодати фарзанд таманнои дигаре дар худ надорад ва қаҳрамони шеъри Лоиқ бо ҳастии худ инъикоскунандаи чеҳраи модари хонанда аст;

- Лоиқ дар шеър посдори расму оини гузаштагони худ аст ва онро чун як манбаи муҳими таърихӣ ва асолати пойбарҷоию ҷовидонии миллат медонад ва моро панд медиҳад, ки ҳар расму оин маҳсули рӯзгори ҳасорсолаҳост;

- шоир дар баёни ин мавзуъ кӯшидааст расму оинро чун манбаи муҳими ҳастии халқ ба қалам орад ва дар иҷрои ин амал муваффақ шудааст;

-ҳарчанд Лоиқ дар эҳёи расму оинҳои миллӣ кори бузургеро ба сомон расонидааст, бояд таҳқиқи илмӣ ва моҳияти сиёсиву иҷтимоии ҷашну маросимҳо дар таърихнигории тоҷик мавриди тадқиқу омӯзиш қарор гирад ва аз диди илмӣ баррасӣ гардад;

- Лоиқ аз нахустин шоиронест, ки дар баробари васфу ситоиши зан-модар, алорағми санохониҳо ба «зани озод»-и замони Шуравӣ ба озод будани зани ин даврон шак кард, ки шеъри «Ту озодӣ, магар эй зан» намунаи боризи он аст.

Шоири номдори дигаре, ки шеъраш таъсири зиёде ба ашъори шоирони замони Истиқлол дорад, Бозор Собир аст. Бозор Собир барҳақ шоири тасвиргарост, хусусан дар тасвири симои зан-модар чирадаст аст. Бозор Собир аз суннатҳои адабиёти классикӣ ба хубӣ бархурдор аст ва ин анъанаро ҳангоми тасвири зани тоҷик бо мазомину таркибҳои нав ба риштаи тасвир кашидааст. Бозор Собир ҳам монанди Лоиқ ба озод будани духтари тоҷик шак дорад ва ҳамин эътирози худро нисбат ба он, ки ҳукумути Советӣ зани тоҷикро аз фаранҷӣ озод карду ба дасташ каланд дод, хеле нозук, пардапӯшона баён кардааст. Масалан, дар шеъри «Духтари деҳқон» меҳнати занону модарони тоҷикро ҳангоми чидани пахта дар майдони офтобии пахтазор ба қалам дода, бо эҷоди таркибҳои «шеърҳои соядор», «офтоби пахтазор», «сояҳои шеър», «бори забон», «бори мижгон», «пахтаи дастон», «обичаи нигин» аз як ҷониб муҳтавои матлабро шоирона иброз намуда, аз ҷониби дигар симои бонуи тоҷикро дар ороянҳои адабии тавсиф, истиораи пӯшида («сояҳои шеър», «шеърҳои соядор»), ташбеҳ («пахтаи дастон»), таҷнис («бар бод бод») бо сифатҳои мухталиф дар шеър инъикос намудааст:

То ки надҳад заррае ҳусни туро бар бод бод,
То насӯзонад лабатро офтоби пахтазор.
Духтари деҳқон, биё бар сояҳои шеъри ман
Сохтам ман аз бароят шеърҳои соядор…[47, 62].

Дар тасвири симои модар низ Бозор Собир навгониҳои зиёде дорад, ки муҳаққиқон ба онҳо ишора кардаанд [182] ва мо низ дар мақолаҳои худ таранnуми зан-модарро дар шеъри муосири тоҷик, аз ҷумла Бозор Собир нишон додаем.

Тасвири симои зан – модар дар шеъри занони суханвари тоҷик, монанди Гулрухсор Сафиева, Меҳринисо Бобобекова, Зулфия Атоӣ, Шаҳрия, Раънои Мубориз ва дигарон рангу бори дигаре дорад, ки мо дар боби дуюм ҳангоми баррасии шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ ба он ишора намудаем.

Хулоса, адибони давраи муосир модарро дар таркибҳои тозаи «сарчашмаи муъҷизаи пайғамбарон», «равшании беҳ аз анҷумани ахтарон», « сухани болотар аз ҳикмати донишварон», «маншаи сӯзи дили шоирон», «ростии доварии доварон», «илҳомбахши ҷодаи санъатгарон», «асосгузори муҳаббат», «офтоби лутф», «дарёи раҳмат» «хуҷастанафири бароат», «оинаи Худойнамо», «ишқи ростин», «асли ҳақиқат», «паёмрасони саодат», «фариштаи фаррухрисолат», «боли саодат», «болини роҳат», «тӯмори дарди сар», «сарчашмаи шеъру ғазал», «ишқи Ватан», «ганҷи бебаҳо», «бахти босафо», «давои дарди дил», «тавфиқбахши кор», «раҳпою раҳнамо», «дар замин Худо», «нури дидаҳо», «олучаи латтадор», «дарахти сада» ва мафҳумҳои «хуршедмазҳаб», «дарётариқат», «олампаноҳ» ва амсоли инҳо таранnум намуданд, ки ба симои модар дар адабиёти мо вижагиҳои дигар ворид намуд. Бо ибораи дигар, шоирон симои модарро дар адабиёти муосири тоҷик барҷастатар ба тасвир оварданд ва ба ин восита ба мафҳуми модар дар адабиёт ҳамчун қаҳрамони адабӣ тобишҳои услубию маъноии нав бахшиданд, таҳаввули онро дар шеъри замони Истиқлол мушоҳида мекунем.

## 2.2. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол (дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ)

Дар рушду равнақи шеъри даврони Истиқлол хидмати шоирони насли аввал, яъне онҳо, ки солҳои 60-80 садаи ХХ ба майдони адабиёт омада буданд, хеле бузург аст. Суханвароне чун Қутби Киром, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким, Саидалӣ Маъмур, Ҷамолиддин Каримзода, Камол Насруллоҳ, Ҳақназар Ғоиб, Раҳмат Назрӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ ва дигарон ҳанӯз дар замони Шуравӣ чун шоир ном бароварда буданд. Баъзе аз онҳо, монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор Сафиева аз маҳбубият хос бархурдор буданд ва на танҳо дар доираи адабиёти тоҷик, балки дар арсаи адабиёти Иттиҳоди Шуравӣ шинохта шуда буданд. Шоирони насли аввал, ки таҷрибаи ғанӣ дар шеъру шоирӣ доштанд, тавонистанд вобаста ба фазои мусоиди адабии замони бозсозӣ ормонҳои нуҳуфтаи миллатро ба риштаи тасвир кашанд ва ба бедории миллӣ замина гузоранд. Панҷ соли замони бозсозӣ ва соли аввали Истиқлол руҳияи ифтихороти миллӣ лобалои шеъри тоҷикро фаро гирифта буд. Аз шеъри ин давра садои шодиву сурури миллати ғолиб, миллати ба истиқлолрасида ба гӯш мерасад. Аммо як соли баъд аз Истиқлол, шуруи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ин суруру шодиро дар гулуи шоирон кушт. Тайи даҳ соли замони Истиқлол ашъори дардолуд саропои шеъри тоҷикро фаро гирифт, ҳатто аз унвони маҷмуаҳо бӯйи дарду ғам эҳсос мегардад, монанди «Фарёди бефарёдрас»-и Лоиқ Шералӣ. Дар ин ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, зан-модари тоҷик ранҷу дард кашид. Ин фоҷеаи миллат дар адабиёти замони Истиқлол бештар бо воситаи симои зан-модар ба риштаи тасвир кашида шуда, ки хеле омӯзанда аст. Бар асари ин ноороmиҳо баъзе аз адибон аз ватан ҳиҷрат карданд ва дар хориҷ низ шеъри тоҷикӣ ташаккулу таҳаввул ёфт, ки баъзе муҳаққиқон онро бо номи «шеъри муқовимат» ёд кардаанд. Чунончи, Худойназар Асозода менависад: «Аз соли 1991 сар карда то соли 1997,

шаҳвандони тоҷике, ки дар хориҷ иқомат доштанд, ба эҷоди шеъри муқовимат ва ғарибӣ пардохтанд. Рубоӣ рушд ёфт. Номҳое аз ин шоиронро метавон гирифт, ки инҳоянд: Абдуллоҳи Раҳнамо, Мирзо Пайванд (Набот), Саидҷамоли Зиёӣ, Беҳрӯзи Меҳрафрӯз, Хокироҳ, Абӯалии Зарафшонӣ, Шаҳид Муллоаҷик,, Азизаи Бадахшӣ, Ғарибшоҳи Бадахшӣ, Дилшоди Давлатзода, Ориёнмехр, Ориёно, Навид ва амсоли онҳо» [88, 613]. Ҳамин муҳаққиқ дар мавриди моҳияти шеъри тоҷик дар ин давра менависад: «Шеъри тоҷик баъд аз соли навади садаи бист ва ниҳоят, ба оғози қарни бисту як ҷолибият пайдо карда, дар ду маҷро ҷараён гирифт: яке маҷрои ором, ки аз раванди пешини шеър сарчашма мегирифт ва дигаре маҷрои пурвуъвати моҳиятан навин дошт» [88, 614]. Аммо муҳаққиқ ин ду маҷрои шеъри тоҷикро тавзеҳ намедиҳад, ки моҳияти онҳо аз чӣ иборатанд ва кадом шоирон ба кадом маҷро шомиланд.

Яке аз мушаххасоти шеъри замони Истиқлол он аст, ки шеъри тоҷик аз доираи маҳдуди кишвар берун баромад ва бо шеъри ҳамзабони бурунмарзӣ ҳамово шуду ҷаҳонӣ гашт. Алалхусус нашри ашъори шоирони насли аввали замони Истиқлол дар Эрону Афғонистон ва ҳатто дар Аврупо шеъри тоҷикро то андозае ҷаҳонӣ кард. Аз сӯи дигар, ошноии бештари шоирони тоҷик бо шеъри ҳамзабонон, хусусан шоирони баноми Эрон, монанди Нодири Нодирпур, Ахавони Солис, Фурӯғи Фаррухзод, Аҳмади Шомлу, Нимо Юшиҷ, Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва дигарон ҳам дар шакли шеърӣ ва ҳам дар тарзи тасвир ба шеъри онҳо тобишҳои тозаеро бавуҷуд овард. Ин ҳама таҳаввулу такомули шеъри тоҷикиро дар замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар мушоҳида кардан мумкин аст.

Яке аз шоирони насли аввал, ки таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри замони Истиқлол бо такя ба эҷодиёти ӯ метавон муайян кард, устод Раҳмат Назрӣ мебошад. Бояд зикр кард, ки ҳанӯз дар замони Советӣ шеъри Раҳмат Назрӣ аз ҷониби устодони сухан, чун Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҳошим, Расул Ҳодизода, Муъмин Қаноат, ширин Бунёд ва дигарон баҳои баланд гирифта буд. Масалан, шоири номвари тоҷик Боқӣ Раҳимзода, ки аксарияти шоирони насли аввали замони Истиқлол ӯро бо муҳаббат устод меноманд, дар

сарсухани маҷмуаи аввали Раҳмат Назрӣ менависад: «Раҳмат Назрӣ аз қабили он шоирони ҷавонест, ки воқеан ҳар шеъри гуфтаашро аз сар гузаронидааст ва шодию андӯҳи онро бодили худ эҳсос кардааст. Шеъри ӯ бо тафаккуру муҳити муаллифи ҷавон мувофиқу созгоранд. Шоир воқеаи тасвирро на танҳо медонад, балки дар худи ҳамон воқеа зиндагӣ кардааст. Ӯ саргузашт ва орзую умедҳои ширини худро ба забоне, ки хосси ӯст, гӯшрас карда, хонандагонро ба шоириаш умедвор мекунад» [26, 87]. Ин баҳоест, ки Боқӣ Раҳимзода барин шоири номдори кордида дар шеъру шоирӣ ба нахустин маҷмуаи шоири ҷавон додаст. Баъд аз чиҳилу як соли баҳои Боқӣ Раҳимзода шоири номвари дигари тоҷик Муъмин Қаноат ба шеъри Раҳмат Назрӣ, ки дар шеъру шоирӣ мавқею мақоми худро пайдо кардааст, чунин доварӣ мекунад: «Раҳмат Назрӣ аз қабили он шоиронест, ки дар кори шеър тозаандешию тозанигорӣ ва тозапардозиҳои намоёну шоён дорад, тозакориҳову тозаандешиҳое, ки дар шеър махсуси ӯ мебошанд. Тозапардозиҳои ӯ аз идомаи анъанаҳои дерини шеъри суннатии форсӣ вусъат мегирад.Ба шарофати луғоти таркибҳо ва таъбирҳои тозаву шоирона ва вожасозиҳо, ки дар шеърҳояш фаровон ба чашм мехуранд, ин ҳақ бар ман мусаллам аст, ки бигӯям, Раҳмат Назрӣ аз шоирони пешгому пешрави адабиёти муосири мост» [193, 8]. Чунон ки мушоҳида мешавад, ҳам Боқӣ Раҳимзода дар ибтидои шоирӣ ва ҳам Муъмин Қаноат дар давраи комолот аз тозакориҳову навпардозиҳои Раҳмат Назрӣ сухан гуфтаанд. Ин тозакориҳову навпардозиҳо дар шеъри Раҳмат Назрӣ ҳангоми тасвири симои зан-модар бештар ба назар мерасад. Аксари муҳаққиқон, ки ба шеъри ӯ баҳо додаанд, дар тасвиророӣ дасти тавоно доштани шоирро таъкид карданд ва ин тасвироройии Раҳмат Назрӣ аз он ҷо маншаъ гирифта, ки бино ба қавли М. Қаноат, «аз идомаи анъанаҳои дерини шеъри суннатии форсӣ вусъат мегирад». Ба шарофати луғоту таркибҳо, тасвирҳои шоирона, таъбирҳои тозаву бадеъ ва вожасозиҳо, ки дар шеъри Раҳмат Назрӣ фаровон ба чашм мехуранд, Муъмин Қаноат Раҳмат Назриро «аз шоирони пешгому пешрави адабиёти муосири мо» медонад [193, 8].

Шеърҳои дар даврони Истиқлол навиштаи Раҳмат Назрӣ нисбат ба адабиётшиносон бештар аз ҷониби шоирону нависандагон мавриди таҳлилу тамҷид қарор гирифтааст. Суханвароне монанди Гулназар Келдӣ, Бозор Собир, Камол Насруллоҳ, Аскар Ҳаким, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ, Аброри Зоҳир, Зиё Абдуллоҳ, Алимуҳамад Муродӣ, Доро Наҷот, Шаҳрияи Адҳамзод, Абдулло Зуҳур, Алӣ Муҳамадии Хуросонӣ, Муҳтарам Ҳотам, Мирзо Шукурзода, Алиризои Қазва, исфандиёри Назар, Марямбонуи Фарғонӣ, Ҷумъа Қудус, Карим Мӯсо, Аҳмадҷони Муҳаммадхоҷа, Сайидалии Сайид доир ба паҳлӯҳои гуногуни шеъри Раҳмат Назрӣ сухан карда, нақши ӯро дар рушди шеъри муосири тоҷик таъкид намудаанд. Аз адабиётшиносон А.Кӯчаров, Х. Отахонова, М. Раҷабӣ, Ҳ. Шодиқулов ва Ш.Р. Исрофилниё доир ба мушаххасоти шеъри Раҳмат Назрӣ ва алалхусус тасвирҳои шоирона дар шеъри ӯ изҳори назар кардаанд. Хусусан дар мақолаи Ш.Р. Исрофилниё «Устураи сарнавишт» шеъри Раҳмат Назрӣ аз нигоҳи ҳунар баррасӣ шуда, маҳорати тасвиророии шоир ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Бардошт аз навиштаҳои муҳаққиқон ва баррасии ашъори баъдазистиқлолии Раҳмат Назрӣ баръало собит менамояд, ки муҳимтарин хусусияти шеъри шоир дар тарзи тасвир аст, ки тозакорию навпардозиҳои шоёни таҳсин дорад. Ҳамин тозакорию навпардозиҳо ҳангоми тасвири симои зан-модар дар шеъри Раҳмат Назрӣ мушоҳида мешаванд. Чунончи, Раҳмат Назрӣ бо воситаи образи «пиразан» суннатҳо ва боварҳои мардумиро бо такя ба воқеаҳои мухталифи таърихи миллат ба қалам меоварад. Чунончи, шеъри «Хонаи пиразан» ҳадиси рӯзгори пиразанест, ки дар интизори ҷигарбандҳои «дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишон» шудааш хонаи вайронаи худро тарк накардааст, гарчи ҳама мардум аз ошёнаи худ кӯч бастаанд:

Мардум аз ошёни худ, аз кӯҳнашаҳри хеш
Дар ошёнаҳои баланде гирифта ҷо.
Аз остони хок дигар по кашидаанд,
Бар остонаҳои баланде ниҳода по [27, 54].

«Аз остони хок» по кашидану «бар остонҳои баланд» по ниҳодани мардум, агар аз як сӯ, рушди нумуи зиндагии мардумро нишон диҳад, аз сӯйи дигар, ҷудоии инсонро аз табиат, аз замину зодбуми хеш хотиррасон мекунад:

Бебозгашт яксара кӯчида рафтаанд,
Кӯчида боми кӯҳнаи кошонаҳояшон.
Кӯчида ҷуфти парасту зи шифтҳо,
Аз лонаҳояшон.

Афтода рост аз сари деворҳои каҷ
Болорҳои каҷ,
Бо печу тоби пойсутунҳо фитодаанд
Чун коҷи тобхӯрдаи хушке ба пои каҷ [27, 54].

Аммо пиразан хонаи вайронааш, зодбуми аҷдодиро бо уммеди он ки фарзандҳои ба ҷанги ҷаҳонӣ рафтааш бозмегарданду раҳгум назананд, тарк накардааст. Шоир пайванди байни инсон ва табиат, пайванди ба хоку зодбуну зодгоҳ, ки дар фарҳанги мардуми мо муқаддас аст, бо образи ин пирзан побарҷо медонад:

Аммо ҳанӯз ҳам
Як хона мондааст.
Чун охирин нишемани инсони охирин
Як хона дар миёнаи вайрона мондааст.

Як пиразан ҳанӯз,
Чун аз ватан ҳанӯз
Аз хонадони хеш ба ҷое намеравад.
Бо қомати хамида зи боғи хамидааш
Ҳамчу дарахти пир, ки кӯчат намешавад... [27, 55].

Модари бечора ҳанӯз умедворast, ки рӯзе фарзандҳояш аз корзори ҷанги ҷаҳон бармегарданд ва агар ӯ чун дигарон кӯч бандад, мабодо, ки фарзандҳояш дар бозгашт хонаашро наёбанду сарсон шаванд:

Мондаст хонааш
Чун байти бозгӯи суруди ғамонааш.
Бо ёдбуди неки ҷигарбандҳои ӯ,
Дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишонааш.

Дорад хаёл модари бечора то ҳанӯз,
Гар ӯ ба ҷои нав равад аз остонааш,
Фарзандҳои гумшудааш зиндаанд агар,
Дар бозгашти хеш наёбад хонааш.

Он сон ки аз фирор парастуи навбаҳор
Боз ояду наёбад аз айвон хонае
Аз лонаи куҳан
Дигар нишонае [27, 54].

Зебоии шеър танҳо дар он нест, ки шоир бо тасвири симои пиразан меҳру муҳаббат ва пайванди модари тоҷикро ба хоки зодгоҳ ва таъкид ба як суннати миллӣ дорад, балки дар тарзи тасвир, дар таркибсозиву ибороти шоиронаи тозаву муассир ва корбурди  устодонаи санъатҳои бадеист. Ташбеҳи равшани хонаи пиразан «чун охирин нишемани инсони охирин» ва ё қомати хамидаи пиразан ба «дарахти пир, ки кӯчат намешавад», хеле олист. Ҳамчунин ташбеҳи хонаи вайронаи пиразан «чун байти бозгӯи суруди ғамонааш», ки бо ёдбуди ҷигарбандони «дар корзори ҷанги ҷаҳон бенишонааш» сурудааст ва ташбеҳи бозгашти фарзандони дар ҷанги ҷаҳон гумшудаи пиразан ба бозомадани парастуҳои фирорӣ дар навбаҳор ва нишон наёфтани онҳо аз лонаи куҳан  хеле муассиру созгор афтодааст.

Дар шеъри «Чашми пиразан» низ яке аз боварҳои мардумӣ, ки ба таркиби «чашм дорад» баён мешавад, дар образи пиразане ба тасвир кашида шудааст. Дар байни мардуми мо ақидае ҳаст, ки мегӯянд: «Фалонӣ чашм дорад».  Яъне чашми ин фалонӣ одамонро мегирад, агар ба  савори зӯр нигарад аз раҳвор

меафтад, чашмаш сангро мекафонад, деворро меафтонад, ба гов нигарад, аз шир мемонад ва ғайра. Мардум аз чунин одам мегурезанду ба ӯ нафрат доранд:

Варо дар базмҳои худ намехонданд,
Ба даргоҳи баланди худ намемонданд.
Нишинад ҳар куҷо, аз ҷой меҷастанд,
Аз ӯ роҳи гурез оҳиста меҷустанд,
Ки гирад одамиро чашми ӯ нохост,
Кафонад сангро ҳам чашми ӯ аз рост,
Ки чашми пиразан аз сеҳр гул дорад,
Кунад ҳамёни худ гум, ҳар кӣ пул дорад…

Шоир рафтори инсонҳои бедардро, ки замири пиразанро намедонанду ба ӯ нафрат доранд, маҳкум мекунад ва ба дифои пиразани бечораи маҳзун мехезад:

Вале нам дар чашми ӯ аз оҳи мардум буд,
Ҳамеша дар азо ҳамроҳи мардум буд,
Нигоҳаш аз ғами кас зору маҳзун буд,
Дилаш хун буд, оби дидааш хун буд [27, 52].

Метавон гуфт, ки вожаи пиразан аз вожаҳои калидӣ ва образи пиразан аз образҳои асосии шеъри Раҳмат Назрӣ ҳангоми тасвири симои зан-модар аст. Шоир бо воситаи ин калима ва ин образ изҳори андеша мекунад, суннату боварҳои фарҳанги мардумиро баён мекунад ва симои модари пири тоҷикро бо сурати сираташ ба риштаи тасвир мекашад. Чунончи, дар шеъри «Дандони шир», ки дар шакли маснавӣ эҷод шуда, ба бандҳо тақсим шудааст, шоир яке аз боварҳои мардумӣ, яъне ба «дандони шир баровардан» дар симои пиразан тасвир намудааст:

Бомдодоне, ки бӯйи шир дорад,
Пардаи меҳ ҳамчу рӯи шир дорад.
Мепарад аз дидагони пиразан хоб
Ногаҳон ҳамчу бухори ширмаҳтоб.

Бомдодоне, ки мерезад сапеда,

Гесувони пиразан безад сапеда.

Гӯиё шираш ба ҷони ӯ бурида,

Бар сараш чун мӯйи испедаш дамида [27, 56].

Дар абёти боло ҳама калимаҳо ҷойи худро доранд ва ҳам дар зоҳир ва ҳам дар маънӣ бо ҳам таносуби маъноӣ доранд: Бомдод, ки оғози рӯз- рӯшноию сапедист, бо шир, ки худ сапеду равшан аст, меҳ, абр, ки сафед аст, бухори ширмаҳтоб, рехтани сапеда, гесувони сапеди пиразан, шири бурида, муйи испеди дамида- ҳама сапеду равшану нурониянд, таносуби маъноӣ бо ҳамдигар ва бо рафтору амали пиразан доранд:

Бомдодоне, ки мешӯяд фаришта,

Рӯи тифлон бо забони хеш лишта,

Ӯ ба оби сард мешӯяд рухонаш,

Мешинонад сӯзҳои устухонаш.

Бомдодон бо дуои зерилабҳо

Аз садои гурбаҳои нимашабҳо,

Гӯиё аз гиряҳои кӯдаконе,

Метаконад ӯ гӯши худро бо таконе [27, 56].

Дар банди аввал низ шоир ба яке дигар боварҳои мардумӣ, ки гӯё «рӯи тифлро фаришта мешӯяд», ишора дорад. Шоир имону умедвории инсонро дар симои пиразан ба тасвир меоварад, ки бо вуҷуди он ки «дунё даст аз ӯ кашида»- аст, «дидаи дилро аз сапеда»- умеду имон напӯшидааст. «Дандони шир», ки аслан кӯдакон мебароранд, шоир дар пиразан мебинад ва ин «дандони шир» умеду имони пиразан ба рӯзи нек аст:

Гарчи дунё даст аз ӯ дигар кашида,

Дидаи дилро напӯшад аз сапеда.

Домани ҳастии худро дар замираш

Пиразан бигрифта бо дандони шираш [27, 56].

Хулоса, шеъри «Дандони шир» бозгӯи рӯзгори пиразанест, ки «дунё дигар аз ӯ даст кашида», вале ӯ субҳ аз хоб бармехезад, намоз мегузораду дуо

мекунад, шир медушад ва алорағми ҳама андуҳҳо «домани ҳастии худро бо дандони шираш» бигрифтааст.

Ҳамин тариқ, шоир бо образи пиразан, ки бештар маврид ҳамроҳ бо хонаи рӯ ба вайрониаш меояд, суннатҳои миллии мардуми тоҷикро ба риштаи тасвир мекашад. Баъзе аз ин суннат ва расму оину фарҳангҳои миллӣ фаромӯш шудаанд ва насли ҷавон аз онҳо огоҳ нест. Шоир ин расму оинро ба тасвир мекашад, ҳикмати онҳоро бозгӯӣ мекунад, то насли ҷавон аз фарҳанги гузашта миллат огоҳ гардад, зеро миллат бо расму оин ва суннату фарҳангаш побарҷост. Шояд ба назари ҷавонон баъзе аз ин суннатҳо як амали нозаруру нодаркор ва ё хурофот намоянд, аммо дар шеъри шоир ин расму оин бо ҷилои тозаву нав ба тасвир омада, ки пур аз панду ҳикмат ва фалсафаанд. Масалан, дар суннати миллии мо барои дафъи чашми бад, заҳри чашм ё худ захмчашм дар долони хона хор меовезанд ва имон доранд, ки ин хор неши чашми бад, чашми ҳасадро кунд мегардонад. Ин суннат дар шеъри «Хори чашм» низ дар симои пиразану хонаи вайрони ӯ ба тасвир омадааст:

Хонаи пиразан акнун, афсӯс,
Зери андоваи хеш афсурда.
Аз равуои шабу рӯзи ҷаҳон
Пур намуди намадаш похӯрда.

Лек бо ин ҳама хории хеш
Хор овехта дар долонаш,
Чашми бад, чашми ҳасад то нарасад
Бар дари хамзадаи нолонаш [27, 300].

Дар шеъри Раҳмат Назрӣ образи пиразан дар баробари он, ки таҷассумгари симои модари тоҷик мебошад, намод ва рамзи дарозумрӣ ва соҳибфарҳангии миллат аст, ки ин ҳама расму оинро дар худ дораду ҳифз намудааст. Хонаи вайронаи пиразан рамзи дунёи куҳан, ки пур аз ҳаводис асту таҷрибаи зиёди зиндагӣ дорад ва аз сӯи дигар, намоди рӯзгори куҳан ва оғози зиндагии навин аст.

Шеърҳое, ки Раҳмат Назрӣ дар солҳои аввали замони Истиқлол навиштааст, ҳама пур аз ҳузну андуҳанд ва ин бесабаб нест. Шоир бозгӯи дарди мардум ва шеъраш бозтоби бадеии ҳақиқати зиндагист. Дар ашъори ин давраи Раҳмат Назрӣ ҳатто аз унвони шеърҳо бӯйи ҳузн ба машом мерасад, монанди «Кӯҳи андӯҳ», «Доғи Ватан», «Сармои сангин», «Фоли соли мор», «Сояи андӯҳ», «Доғи дареғ», «Ойинаи шикаста», «Як қалам алам», «Сӯзи сӯзон», «Сояи сиёҳ» ва ғайра. Чунончи, дар шеъри «Сояи сиёҳ», ки ба модар бахшида шудааст:

Оҳ, имшаб модарам хоб дидам боз,
Пораабре буд рӯмоли сафеди ӯ.
Метаровид аз нигоҳи осмонияш
Ҳафтранги офтобии умеди ӯ…[28, 91].

Дар рӯзи мотам занони тоҷик тибқи суннат либоси сиёҳ мепӯшанд, аммо рӯймоли сафед бар сар мекунанд, ки нишони азодорист. Мардон тоқӣ бар сару локӣ ба миён мебанданд. Шоир ишораи кӯтоҳе ба ин суннат карда ва рӯмоли сафеди модарро ба пораи абри сафед монанд мекунад. Дар тасвири шоир, тибқи пиндори мардум, руҳи модари реҳлаткарда дар осмонҳосту аз боло ба фарзанд менигарад ва аз ин нигоҳи дури осмонии модар умеди ҳафтранги ӯро, ки ба ҷуз хушбахтии фарзандон чизе дигаре нест, фарзанд дармеёбад.

Равшании аз карон то бекарон гардон
Модарамро хонда сӯи хеш аз гардун.
Рӯшноӣ рӯшноӣ кардааст ӯро
Дар фаросӯи пур аз сӯ-сӯи дур акнун…[28, 91].

Дар назари шоир руҳи модар бо нури рӯшаноӣ дар фазои бекарони гардун гардон асту дастнорас, аммо хонааш бе ӯ дар назари фарзанд сарду торик аст. Фарзандон аз хонаи модар чун парастуҳои навбол парида рафтаанд ва дари пӯшидаи модарро бо нигоҳи афсун шабона моҳ мекушояд:

Лек дигар хонаи вомондааш торик,
Мекашад хомӯшии зори ҳавояш оҳ,
Ба суроғи модарам бо як нигоҳи афсун

Шаб дари пӯшидаашро мекушояд моҳ…[28, 91].

«Оҳ кашидани хомӯшии зори ҳавои хонаи модар», «бо нигоҳи афсун ба суроғи модар дари пӯшидаи ӯро кушодани моҳ» ҳам таркибҳои тоза ва ҳам тасвири олии шоирона аст.

Сояи кобусии шаб ногаҳон дар хоб,
Меҷафад бо панҷаи бимаш гулӯи ман.
Вой, меларзад дилам, ку модарам акнун
То занад як панҷа об аз нав ба рӯи ман…[28, 91].

Аксари муҳаққиқоне, ки ба шеъри Раҳмат Назрӣ изҳори назар кардаанд, нақши суннатҳои миллиро дар ашъори ӯ барҷаста донистаанд. Чунончи, Муъмин Қаноат менависад: «Шеъри Раҳмат Назриро аз ойин, суннат ва фарҳанги мардум наметавон ҷудо кард. Ва ин хусусиёт ва ин таҷриба дар асл ҳамон чизест, ки шеъри ӯро руҳ мебахшад, ба калимоташ ҷон медамонад. Ҳамчунин шеърро дар мафҳуми воқеии худ маъно мекунад» [28, 6]. Далели ин гуфтаҳои шоири шаҳири тоҷик Муъмин Қаноатро дар шеъри зикршуда мушоҳида кардан мумкин аст. Шоир дар банди боло як суннати миллӣ ё худ таҷрибаи фарҳанги тиббии мардуми тоҷикро бозгӯӣ мекунад: Шахси тарсидаву бимхӯрдаро ба рӯяш об мезананд, алалхусус касе, ки дар хоб метарсад. Таркибҳои «сояи кобусии шаб», «панҷаи бим» таркибҳои шоиронаи тозаанд ва «ҷафидани сояи кобусии шаб бо панҷаи бим гулӯ» тасвири олии шоирона аст. Об задани модар ба рӯи фарзанди дар хоб тарсида, бозгӯи як фарҳанги тибби мардуми тоҷик аст, ки гуфтан метавон, ҳар яки мо аз сар гузаронидаему бо чашми худ дидаем.

Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки дар ашъори шоир бештар вақт суннатҳои миллӣ ва фарҳанги мардумӣ тавъам бо тасвири симои модару корубори ӯ меоянд, зеро модарон посдорони суннатҳои миллиянд. Масалан, дар шеъри «Гавҳорасанг», ки Раҳмат Назрӣ ба ёди гавҳорасанги нигорин, ки паҳлӯи мақбараи Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб ба ёдгор монда бахшидааст:

Модари ман ҳафт чалпак ҳафтае мепӯхт,
Назди оташдон сипос оварда Яздонро.

Аз сарам гардондаву мебурд бахшидан

Дар мазори ҳазрати Мири Кабир онро…[27, 25].

Дар фарҳанги мардумии миллати тоҷик марқаду мазори бузургон, аз ҷумла бузургони дину оинро муқаддас медонанд ва дар ҳар маврид рӯйи ниёз ба онҳо меоваранду ҳалли мушкилоти худро аз онҳо ҷӯё мешаванд. Дар ҷандин мавзеи Тоҷикистон ва дигар манотиқи тоҷикнишини Осиёи Миёна ҳазорон мазорҳое ҳастанд, ки зиёратгоҳи мардуманд. Аз ҷумла дар зодгоҳи шоир мақбараи пири тариқат ва суфию шоири шаҳир Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ мавҷуд аст, ки мардум ба он ихлос доранду зиёрат мекунанд ва назр мебаранд.

Дар банди аввали шеър шоир ҳар ҳафтае  ҳафт чалпак пухтани модар ва дар айни пухтани чалпак дар сари оташдон  шукргузорӣ кардан аз Яздон ва аз сари фарзанд гардондану дар мазори Ҳазрати Мири Кабир хайр кардани ӯ зикри як суннати миллист. Модар тибқи фарҳанг ва боварҳои мардумӣ  имон дорад, ки Худованд ба туфайли ин хайр ва бо шафоъати мазори Мири Кабир балоҳоро аз сари фарзанди ӯ дур мегардонад. Гарчанде дар ин ду байт як суннати миллӣ бо забони содаву равон нақл шуда, аммо зебоии он на танҳо дар бозгӯи фарҳанги мардумӣ, балки дар тарзи баён аст. Дар мисраи аввал калимаҳои «ҳафт» ва «ҳафта» санъати ҷиносанд, ки зикр ин ду калимаи ҳамшакл оҳанги мусиқие эҷод кардаанд. Ҳамчунин зикри рақами «ҳафт», ки дар фарҳанги мо аз рақамҳои муқаддас ба ҳисоб меравад, вусъати маъноиро дар ин мисраъ афсудааст. Дар «Фарҳанги асотири эронӣ» омада, ки «адади ҳафт ҳамвора аз тақаддуси хосе дар андешаи эронӣ бархурдор будааст. Ҳенинг (ховаршиноси олмонӣ-М.Р.) муътақид аст, ки изофа шудани пояҳои осмон то ҳафт поя ба сабаби алоқа ба тақаддуси адади ҳафт ва эътиқод ба муборак будани он аст» [115, 441]. Дар адабиёти гузаштаи мо бо калимаи «ҳафт» таркибҳои шеърииии зиёде сохтаанд, ки ҳар як маъноеро ифода мекунанд. Масалан, «Ҳафт иқлим»- ҳафт  кишвар,  киноя аз тамоми кишварҳои рӯйи замин, «Ҳафт осиё»- киноя аз ҳафт фалак, «Ҳафт ахтар» - сайёрагони ҳафтгона: Моҳ, Зуҳра, Уторид, Хуршед, Муштарӣ, Зуҳал, Миррих; «Ҳафт аждаҳо» - киноя аз ҳафт сайёра; «Ҳафт дарё»- қадимиён баҳрро дарё мегуфтанд ва тибқи

тасаввуроти эшон, заминро ҳафт дарё иҳота кардаанд...» [123, 98] ва ғайра. Ин боварҳо ва эътиқоди мардумӣ, ки бархоста аз фарҳанги куҳан аст, дар шеъри шоир эҳё мегардад ва маънии тоза касб мекунад.

Дар банди дигар шоир ҳамон гавҳорасангро ба тасвир мекашад, ки ранги гули сангӣ дар канори боғ хоб асту модар бо ниёш онро тавоф мекунад:

Хуфта буд гавҳорасанге дар канори боғ,
Бо гули сангии худ дар хоб меболид.
Бо ниёиш модарам аз гирди он мегашт,
Даст сӯяш бурдаву дар дида мемолид...[27, 25].

Ин санг дар худии худ муқаддас нест, балки бузургворе чун Ҳазрати Мири Кабир-Мир Саййид Алии Ҳамадонӣ ба он даст молидаву муборакаш кардааст. Аз ин рӯ, аз назари кӯдаки мушоҳидакор офтоб ҳам бо нурҳои зарди хеш ин гавҳорасангро бӯсаи гарм мезанад:

Бо нигоҳи кӯдакии хеш медидам,
Мефуромад офтоби меҳрубони зард.
Бӯса мезад аз паси шохи баланд сарв
Гарм дар пешонии гаҳворасанги сард...[27, 25].

Тасвири сояи баргҳои чанори пир бо вазидани насим монанди нобиное, ки бо нӯги ангуштон хати рӯйи мармарро мехонад, пасу пеш меравад, хеле олӣ баромадааст:

Баргҳои сояи худро чанори пир
Бар сари гаҳворасанги пок пошида,
Ҳамчу нобино ба нӯги панҷааш мехонд
Номаи деринаи дар мармар тарошида...[27, 25].

Ихлос ба гавҳорасанг, ки дасти бузургворе ба он расида барои наварӯсони аз Худо фарзанд талабанда муждаи фарзанд аст, ба фарҳанги боварҳову эътиқоти мардум алоқаманд аст. Шоири ин боварҳои мардумиро хеле зебо ба риштаи тасвир кашидааст:

Наварӯсоне ба оби дидаи уммед
Чеҳраи гавҳорасанги бахт мешустанд.

Аз шикофи зери он мӯре, хасе, чизе…
Муждаи фарзанд аз тақдир меҷустанд.

Вақте наварусе, фарзандталабе, дармондае бо ихлос даст зери гавҳорасанг мебарад ва аз шикофи зери он чизе ба дасташ меояд, уммед ба ӯ пайдо мешавад, ки соҳиби фарзанд мешавад ва ё мушкилаш ҳал мегардад. Шоир ин бовару эътиқоди мардумиро бо чашм дидаву аз сар гузаронидааст. Модари ӯ низ бо дуову ихлос даст зери гавҳорасанг бурдаву донаки челон ба дасташ омада ва гӯё уммеди сабзи модар аз он донаки челон ҳамин писари шоираш аст:

Модарам мегуфт, боре донаки челон
Дар кафи ӯ аз таги гавҳорасанг омад.
Моҳи сабзи хеш диду доманаш сабзид,
Бахти сабзи ӯ ба дунё шӯху шанг омад…[27, 25].

Пайванди инсон бо табиат, ки ба қавли равоншинос ва файласуфи бузурги ҷопонӣ Юнг, асоси зиндагии саодатмандона асту тавозуни мадори замин ва ҳамзистии осоиштаи инсону табиатро таъмин мекунад, дар суннати мардумӣ, ки шоир ба тасвир кашидааст, ҳувайдост. Ҳамин донаки челони бахшидаи гавҳорасанги назди марқади Мири Кабир ба модари шоир, ки гӯё навид аз фарзанди шоираш аст, боис пайванди шоир бо Пири порсо - Саййид Алии Ҳамадонӣ шудааст:

Чун маро бо чашмҳои худ нишон медод,
Гунаҳоям аз нигоҳи гарм метафсид.
Рӯй мегардондам аз кас сӯи челонзор,
Гӯшҳоям аз алови шарм метафсид.

Лек дар дил фахр мекардам, ки дар олам
Зодаи ихлосу имону дуоям ман.
Донаки сабзидаи челони бахшида,
Як ниҳол аз боғи Пири порсоям ман [27, 26].

Дастархони бози модари тоҷик, ки шуҳрати ҷаҳонӣ дораду оламиён тоҷиконро ба сифати беҳтарин меҳмоннавоз мешиносанд, дар шеъри «Танӯри гарм»-и Раҳмат Назрӣ хеле ҳунармандона ба тасвир омадааст:

Кушояд суфраи худрову бандад нон,
Агарчанде пур аз нон аст ҳар дӯкон.
Хаёлаш, сард бошад гар танӯри ӯ,
Мусофирбаччаҳои роҳдури ӯ
Лаби ноне лаби обе намеёбанд.
Маҳи нон ғайри маҳтобе намеёбанд.
Гар ӯ дар суфра парвезан наяфшонад,
Хаёлаш, суфраи дунё тиҳӣ монад [29, 128].

Чашминтизории модар дар роҳи фарзандони роҳдураш, ки аз паси орзуҳо аз ӯ дур шудаанд, дар шеърҳои «Дидори модар», «Дуои модар», «Модар маро бубахшо» хеле муассир ба қалам омадаанд:

Дурам ман аз бари ту, модар, маро бубахшо,
Кас нест ёвари ту, модар, маро бубахшо.
Ман аз паи ҳавасҳо рафтам ба сӯи дунё,
Аз погаҳи дари ту, модар, маро бубахшо.
Шаб чун ба чашми маҳтоб, ширин намешавад хоб
Дар дидаи тари ту, модар, маро бубахшо…[28, 148].

Аз назари шоир эҳтироми модар барои ҳамагон воҷиб аст, зеро саодати дуҷаҳонии фарзанд бастагӣ ба эҳтироми модар дорад:

Қасаме ба шири модар, қасаме ба номи модар,
Ду ҷаҳон киро надорад, ба як эҳтироми модар [28, 149].

Модари тоҷик дар шеъри Раҳмат Назрӣ бо ҳастии табиии худ ба тасвир омада, яъне меҳру муҳаббат, ҷонфидоӣ, сахову ҳиммати баланд, дарду ранҷ ва монанди инҳо, ки барои ба камол расидани фарзанд мекашад, ҳар як хонанда онро дар симои модари худ мебинад:

Ба намози бомдодаш талабад ҳама муродаш,
Ба раҳи умед бошад нигаҳи мудоми модар.

Зи дуои мустаҷобаш ба ҷаҳон расад савобаш,

Равад аз азал паёпай ба абад паёми модар [28, 149].

Дар ашъоре, ки шоир ба модар бахшидааст, ғаму андӯҳ бештар аз шодию хурсандӣ таҷассум ёфтаанд. Фарзанди аз кулбаи модар дурафтода ва муқими шаҳр гашта пайваста ба ёди модар асту ғаму дарди модарро ба ҷон эҳсос мекунад, зеро медонад, ки модар ба хотири фарзанди роҳдураш ҷигархун аст:

Ҳар куҷо аз кулбаи хомӯши ғамдевори модар,

Бод меорад ба сӯям нолаҳои зори модар.

Чӯҷаҳояш дур аз зери қаноти ӯ парида

Ҳамчу хоби нимашаб аз дидаи бедори модар.

Чӯҷаҳояш росту чап сӯи дунё пар кашида,

Мепарад гаҳ росту гаҳ чап ду чашми чори модар.

Чун ғами дунё ғами фарзандҳояш мехӯрад, лек

Нест ҷуз танҳоии ғампарвараш ғамхори модар…[28, 143].

Ин ғам хӯрдани фарзанд аз танҳоии модар бори дигар аст бар дӯши модар, ки аз ғам хӯрдани фарзанд дар ғам аст:

Ҳар каму беше, ки дар дунёи дил имрӯз дорам,

Нест аз дунёи гил ҷуз андаку бисёри модар.

Ҳар қадар бори ҷаҳонро ман ба дӯши хеш гирам,

Он қадар гардад гарон бори дилу сарбори модар [28, 143].

Аз сӯи дигар, дидори модар барои фарзанд, аз назари шоир, монанди дидани чеҳраи Худованд (Додор) аст, ки ҳама ғаму андӯҳи дилро мезудояд ва шунидани каломи модар орзуҳои мурдаи фарзандро ҷон мебахшад:

Сӯи ӯ бо дидаи пазмони худ меоям аз дур,

Чеҳраи додорро мебинам аз дидори модар.

Мешавад чун хок аз овои нойи навбаҳорон

Орзуи мурдаи ман зинда аз гуфтори модар [28, 143].

Модар ҳамеша такягоҳу муттакои фарзанд аст, ҳарчанд фарзанд ба камол расидаву худ соҳиби фарзанд гаштааст, зеро дар ҳама шикасту ноумедӣ ва бадбахтиҳо инсон, пеш аз ҳама, модарро ба хотир меоварад, зеро медонад, ки

танҳо модар аст, ки бори ғами ӯро сабук мегардонад. Ҳатто ёди модар, ки кайҳо аз ҷаҳон рафтааст, метавонад тасаллобахши дили ғамгини фарзанд бошад:

Оҳ, имшаб модарамро хоб дидам боз,
Пораабре буд рӯмоли сафеди ӯ.
Метаровид аз нигоҳи осмонияш
Ҳафтранги офтоби умеди ӯ…

Лек дигар хонаи вомондааш торик,
Мекашад хомӯшии зори ҳавояш оҳ,
Дар суроғи модарам бо як нигоҳи афсун
Шаб дари пӯшидаашро мекушояд моҳ.

Сояи кобусии шаб ногаҳон дар хоб
Меҷафад бо панҷаҳои бимаш гулӯи ман.
Вой, меларзад дилам, ку модарам акнун,
То занад як панҷа об аз нав ба рӯи ман…[28, 94].

Дар суннати миллати тоҷик марги падару модарро барои фарзанд «мерос», аммо марги фарзандро барои волидайн «теғи алмос» медонанд, ки ҷигарро пора мекунад. Шеъри «Ситораи дур», ки шоир ба сӯгвории хоҳари ҷавонмаргаш бахшидааст, нолаи модари фарзандгумкарда хеле муассир ба тасвир омадааст:

Модарам, модари азодорам,
Оҳ, аз гиряат чи суд акнун!
Хоҳари паршикастаам, ки парид,
Монд бебозгашт дар гардун…[ 28, 49].

Бино ба таъкиди шоир, меҳри модар дар дили фарзанд ҳанӯз дар батни модар будан ҷо мегирад. Ба таъбири дигар, меҳри модар азалисту дар хотираи нохудогоҳи фарзанд ҷой мегирад ва дар душвортарин лаҳзаи зиндагӣ инсон ёди модар мекунад. Шеъри «Забони модарӣ» гувоҳи ин матлаб аст:

Ятими рус буд аз кӯдакӣ ӯ,
Ба оинҳои русӣ зист умре.

Забони модарии хештанро
Ба ҷуз русӣ намедонист умре.

Вале аз кӯдакии хеш чизе
Баногаҳ вопасин дам омадаш ёд.
Ба тоҷикӣ, Худо бахшояд ӯро,
Ба ҳасрат «Оҳ модар!» гуфту ҷон дод [28, 278].

Ҳамчунин дар расму оини миллати мо «хоҳарро ба ҷойи модар» медонанд. Яъне бародарон вақте модари худро аз даст медиҳанд, нишонаҳои модарро дар симои хоҳарони худ мебинанд. Ин суннат дар шеъри «Сӯзи дил», ки шоир ба ёди хоҳарбузургаш сурудааст, барҷаста ва муассир ба тасвир омадааст:

Хоҳари ман, эй равонат шод бод,
То ту будӣ, модари мо зинда буд.
То ту будӣ зинда дар симои ту
Модари мо дар сари мо зинда буд.
Нусхаи модар ту будӣ як ба як,
Доштӣ рухсораҳои модарам.
Менамуд аз дидаат дидори ӯ,
Буд овозат садои модарам…[28, 92].

Вакте хоҳар – нишонаи модар бо ғами марги хоҳару додар ва марги ногаҳони писар аз ин ҷаҳон меравад, ғами шоир садчанд мегардад ва гӯё бори дигар модарро аз даст медиҳад:

Инак, оваҳ, бо ту дар симои ту
Модари мо ҳам, дареғо, даргузашт!
Пушти тобути ту дигар бо фиғон
Шуд равони ман равон бебозгашт [27, 93].

Шеъри «Оинаи шикаста» марсияи ҷонгудозест, ки шоир ба ёди хоҳари равоншодаш бахшидааст:

Эй хоҳари ғариби ман, эй меҳрубони дур,
Аз офтоб сӯзи дили худ нуҳуфтаӣ.

Дар пушти хокпуштаи хокистарии Рашт,

Эй хок бар сарам, ки таги хок хуфтаӣ...[27, 80].

Ш.Р. Исрофилниё дар мақолаи «Устураи сарнавишт», ки шеъри «Ойинаи шикаста»-и Раҳмат Назриро аз нигоҳи ҳунар баррасӣ намудааст, менависад: «Ҳамин устурасозӣ аз андуҳ аст, ки шеъри шоир ба қалби хонанда таъсир мегузорад, хосса марсияҳои ӯ дар айни табиӣ, равону салис буданашон сахт ҷонгудозанд ва пероста бо ҳунар… Ин ҷо(мурод шеъри «Ойинаи шикаста»- М.Р.) ҳар калимаву ибора вусъати маъноӣ дораду бори маънӣ мекашад ва инсиҷоми маъноии калимаву ибораҳо дар ҳадди аҳсананд, ки дар шарҳи онҳо метавон чандин варақро сиёҳ кард...» [192.12]. Муҳаққиқи номбурда дар мавриди марсияҳои шоир менависад: «Ҳамин вусъати маъноӣ ва ҳунари баёни дарду андуҳро дар шеърҳое мушоҳида мекунем, ки шоир ба ёди падару модар, бародар, дӯстону устодонаш ва алалхусус ба фоҷеаҳои миллату ватан сурудааст» [192.13].

Дар шеърҳое, ки шоир суннатҳои миллиро бозгӯӣ мекунад, се калима: пиразан, модар, хоҳар ва ба сифати калимоти калидӣ хидмат мекунанд. Шоир бо воситаи ин калимаҳо рӯзгори зан-модари тоҷикро ба тасвир мекашад ва дар айни ин тасвирот расму русум ва суннатҳои миллӣ тавъам бо симои модарон бозгӯ мешаванд. Дар шеърҳое, ки Раҳмат Назрӣ ба зан-модар бахшидааст, тасвир, ҳунари шоирӣ, интихоби калимоти муассир ва бадеият нақши муҳим доранд. Шоир дар ин тасвирҳо калимаҳоро чунон гулчин намуда, ки ба қалби хонанда таъсир мегузоранд. Ҳар як шеър дорои тасвирҳои шоирона ҳастанд ва ин тасвирҳо мамлӯ аз калимоту таъбироти халқие ҳастанд, ки шоир аз забони гуфтугӯии мардум ба орият гирифта, ба забони адабӣ ворид кардааст. Санъатҳои бадеӣ монанди ташбеҳу истиора хеле моҳирона корбаст шудаанд, ки ҳама тозаву наванд. Суннат ва расму оинҳои миллӣ ҳангоми тасвири модар нақши муҳим доранд, зеро маҳз модарон посдорандаи оинҳои миллатанд.

Ҳамин тариқ, шеъри Раҳмат Назрӣ аз ҷумлаи беҳтарин шеъри муосири тоҷик аст, ки бо муруру баррасии он метавон раванди шеъри муосири тоҷикро муайян намуд. Шоир дар заминаи суннатҳои адабии адабиёти беш аз

ҳазорсолаи миллат руҳи замон ва мушкилоти онро ҳунармандона ба риштаи тасвир кашидааст. Мавзуи тасвири симои зан-модар дар шеъри ӯ мавқеи басо муҳим дошта, дар баробари риояи суннатҳои адабиёти гузашта, навовариҳои зиёде ҳам дар маънӣ ва ҳам дар тарзи тасвир ворид намудааст.

Хулоса, дар шеъри Раҳмат Назрӣ симои зан-модари тоҷик хеле ҳунармандона ба тасвир омада, ки дар баробари ҳунармандона буданашон хусусияти тарбиявию эстетикӣ доранд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар замони Истиқлол ашъори Раҳмат Назрӣ нақши муҳим дорад.

## 2.3. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли дувуми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Фарзона)

Шоирони насли дувуми замони Истиқлол он суханвароне ҳастанд, ки охири солҳои 80 ва ибтидои соли 90 асри гузашта по ба майдони адабиёт гузоштаанд. Ин насл дар донишгоҳу донишкадаҳоро замони Шуравӣ таҳсил намудаанд, вале дар айни бедории миллии замони бозсозии горбочиёвӣ ба майдони адабиёт омаданд. Ин насл дар ибтидои кор ҳам бо адабиёт ва адабиётшиносии рус бохабар буд ва ҳам бо адабиёту адабиётшиносии ҳамзабонони хориҷӣ, ки такя ба Қуръону суннат доштанд. Ҳамин замону шароити мусоид ва огоҳии чандҷониба имкон дод, ки ин насли замони Истиқлол таҳаввулоте дар шеъри тоҷик ба вуҷуд оваранд. Яке аз шоирони ин насл, ки дар ибтидои фаъолияти шоириаш дурахшид ва мақбули хосу ом гардид, Фарзона мебошад, ки бо таҳлили ашъораш метавон тамоми хусусиятҳои асосӣ ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, алалхусус тасвири симои зан-модарро дар замони Истиқлол муайян кард.

Нахустин маҷмуаи Фарзона зери унвони «Тӯлӯи хандарез» соли 1987 бо пешгуфтори Лоиқ Шералӣ дар Душанбе ба нашр расид. Пеш аз нашри ин маҷмуаи аввалинаш ашъори ӯ дар рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла «Ҳақиқати Ленинобод» дар солҳои донишҷӯияш ба нашр расидаанд. Лоиқ Шералӣ дар пешгуфтори худ ба ин маҷмуа аз зуҳури шоираи боистеъдоде хабар дода менависад, ки «пораҳои асил, ташбеҳу истиораҳои ғайримунтазира, паҳлӯгардониҳои хаёлангези сухан, суханбозиҳои ширин, назари поки ошиқона ба зиндагӣ, ба инсон, ба замон, нигориши хоссаи шоирона ба ашёи тасвиршаванда ва ҳаводиси ғарази шеър, иборапардозиҳо ва истифода аз таъбирҳои корхӯрдаи классикӣ ва фарҳанги мардум моро итминон медиҳад, то мо баояндаи файзбахши назми Фарзона имон биёварем» [119, 6]. Воқеан, Фарзона дар адабиёти муосири тоҷик яке аз шоирони муваффақ аст, ки аз як шеър то шеъри дигар, аз як маҷмуа то маҷмуаи дигар сухани тоза дораду дар ин ҷода ба қуллаи камол расидааст. Фарзона ҳам аз шоирони мақбултарин ва ҳам

пуркортарин тоҷик аст, ки то кунун маҷмуаҳои зиёде аз ӯ ба нашр расидаанд. «Шабохуни барқ» (1989), «Ояти ишқ»(1994), «То бекаронаҳо» (1998), «Меъроҷи шабнам» (2000), «Қатрае аз Мулиён» (дар се ҷилд, 2003), «Як ғунча роз» (2005), «Муҳри гули мино» (2006), «Сад барги ғазал» (2008), «Саду як ғазал» (2011), «Себарга» (2011), «Парниёни ҷон» (2011), «Ҳама гул, ҳама тарона» (дар ду ҷилд, 2014), «Девон»(иборат аз 500 ғазал, 2014) ва ғайра аз маҷмуаҳои ашъори ӯст, ки дастраси мо гардид. Ашъори Фарзона  на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар хориҷ низ аз маҳбубияти хос бархурдор аст. Маҷмуаи ашъори ӯ бо хатти форсӣ бо номҳои «Сояи ғазал» (Самарқанд, 1990), «Паёми Ниёгон» (Теҳрон, 1996), «Сӯзи нотамом» (Теҳрон, 2005), «Набзи борон, 2013), «Маро, эй шеър, тармими дигар кун» (ШМА, 2014) ва ғайра ба нашр расидааст. Намунаҳои ашъори Фарзона дар тарҷумаи Т. Смертина бо унвони «Двацат лепистков» соли 1990 дар Маскав, дар тарҷумаи А, Ҳайзер соли 2014 дар Олмон ба забони олмонӣ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин силсилаи ашъори Фарзона дар Америка, Франсия, Англия, Германия, Покиситон, Арабистони Саудӣ, Ироқ, Ӯзбекистон, Белорусия ва ғайра тарҷума ва интишор ёфтаанд. Фарзона ба ҷандин ҷоизаҳои ватанию хориҷӣ сазовор гашта ва чандин муҳаққиқон перомуни ашъораш рисолаву китоб ва мақолаҳои сершуморе навиштаанд.

Фарзона бо азми қавӣ вориди майдони адабиёт шуд ва дар  нахустин қадамҳояш дар ин ҷода паём дод, ки бо «нури сухан» «тирашабҳоро бедордил» ва «нури чашми ҳар ситора» «аз он чӣ дӯш буд, бештар» мекунад ва собит намуд «на он кас» аст, ки «зи бими азобҳо аз ибтидои раҳи ҳақ бозпас равад». Имрӯз дар «осмони ситорапарвари шеър»-и тоҷик Фарзона чун «кавкаби тоза» дурахшон аст, ки бо нури сухан дилҳоро мунаввар мекунад.

Дар шеъри Фарзона симои зан-модари тоҷик, пеш аз ҳама, дар образи қаҳрамони лирикӣ, ки шахсияти худи шоир аст, таҷассум ёфтааст. Ин шахсияти шоир, ё худ қаҳрамони лирикӣ симои зани эҷодкори тоҷик аст, ки фарҳанги бузурги гузаштаи миллатро бо худ дорад ва меросбари воқеии бузургони пешин аст. Ин қаҳрамони лирикӣ бо ҳаводису воқеаҳои зиёди олами муосир рӯ ба рӯст

ва дар баробари падидаҳои мусбат, амсоли тараққиёти илму техника, ки зиндагии инсонҳоро ба маротиб осон кардааст, касодии ахлоқ, бемаърифатӣ, беимонӣ, гум шудани раҳму шавқат, беэҳтиромӣ нисбат ба калонсолон ва монанди инҳо мебинад ва муқобили ин гуна падидаҳои нангин қиём мекунаду худро ба ҳайси ҳомии ғояҳои баланди инсондӯстию одамгарӣ нишон медиҳад. Фарзона шахсияти зани эҷодкорро озод аз ҳар гуна банди алоиқи шебу фарози зиндагӣ дидан мехоҳад ва бо унсурҳое, ки мехоҳанд ин озодиро мутеъ созанд, сари созгору муросо надорад ва мехоҳад оламу одамро зебо ва озодаву ороста бинад:

Ман омадаам, ки офтоби камнамойро
Ба рӯзҳои тирамоҳӣ хабар кунам.
Ман омадаам, ки нури чашми ҳар ситорaро
Аз он чӣ дӯш буд, бештар кунам [58, 293].

Зане, ки Фарзона ба сифати қаҳрамони лирикӣ ба тасвир меоварад, саршор аз отифаву меҳрубонист, озодаву зебост, як умр аз пайи ҷустуҷӯи ҳақиқат аст, оламу одамро зебо дидан мехоҳад ва бо зиштию палидӣ дурӯғ ҳаргиз созиш намекунад:

Аз пардаҳои чашм бияфшон ғуборро,
Шодӣ бубахш ҳастии фурсатшуморро.
Гарм аст, маҳфиле, ки ту бошию чун туе,
Эй меҳрубон, тарона бибанд ин баҳорро…
Минбаъд моҳиёна набошам ғариқи худ,
Барон шавам, такон бидиҳам сангу хорро... [62, 13].

Шахсияти фардии шоир, ки дар ғазали зер ба сифати қаҳрамони лирикӣ ба тасвир омадааст, занест озоду вораста, пойбанди ҳеч касеву ҳеч чизе нест ва ҳеч гуна тааллуқотро намепазирад. Шоир озодии руҳи ин зани озоду озодаро ба қофилаи лӯлиён ва ҳатто бештар аз он шабеҳ медонад. «Ваҷҳи қиёс ин ҷо озодӣ аст: лӯлиён побанди қонунҳое нестанд, ки инсон муқаррарӣ барои худ эҷод кардаанд. Лӯлиён аз қайди тааллуқот озоданд» [119, 10] :

Аз қолабам бароям у хоҳам, ки ҷон шавам,

Ворастатар зи қофилаи лӯлиён шавам [62, 313].

Қаҳрамони лирикӣ, ин зани озода мехоҳад, «ҳарфи хуршед бигӯяду ӯро забон шавад». Хуршед намоди гармиву равшанӣ ва меҳру муҳаббат аст, ки бедареғ, бидуни миннат, хомӯшона ҳастияшро ба коинот ва алалхусус ба инсон, ки ашрафи махлуқот аст, мебахшад ва дар подошаш чизе талаб надорад. Қаҳрамони лирикӣ мехоҳад тарҷумон ва шореҳи хуршед бошад, то инсон қадри муҳаббати хуршедро бидонад, зеро ба қавли Саъдӣ,»ҳама аз баҳри ӯ саргаштаву фармонбардор»-анд»:

Хуршед хамуш аст бад-он сурхии забон,

Ман ҳариф ӯ бигӯяму ӯро забон шавам [62, 13].

Руҳи ин зани озода монанди оинаи беғуборест, ки дар байни инсонҳо қарор дораду аз муҳаббат қисса мекунад ва мехоҳад то абадият аз ишқу муҳаббат инсонҳо сухан бигӯяд:

Оинаам, ки байни туву ту нишастаам,

Бигзор, то ҳамеша чунин тарҷумон шавам [62, 13].

Муҳаққиқони шеъри Фарзона, монанди Матлубаи Мирзоюнус, Алиризои Қазва дар ин ғазал таъсири Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро мушоҳида намудаанд ва аввалӣ ин ғазалро пурра шарҳ додааст. Хулоса дар ин ғазал қаҳрамони лирикӣ дар шахсияти шоир таҷассум ёфтааст, занест, ки мехоҳад «монанди руҳ озод бошад, мисли оина муфассири эҳсосҳои покиза гардад, дар дили инсонҳои азиз мисли гавҳари ноб ҷо бигирад» [119, 13].

Чунин андешаҳои инсонгароёнаву озодихоҳона ва зебоибинии қаҳрамони лирикӣ, ки як зани озоду вораста аст, лобалои шеъри Фарзонаро фаро гирифтааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки қаҳрамони лирикии Фарзона танҳо дар олами руъё парвоз дораду ояндаи зеборо орзу мекунад. Дар шеъри «Номаи фардо», ки дар қолаби шеъри нав суруда шудааст, қаҳрамони лирикӣ, ҳамон духтари ҷавони пурғайрату пурэнержӣ, ки «ҳамшеваи баҳор» асту «нотаи офтоб»-ро медонад, ба асри XX1 қадам мениҳад:

Инак бо гесувони заифам,

ки аз шаҳомати пешин асар надоранд,

Гулбанд мезанам ва меравам

бо чунин сурати музҳик

ба асри нав.

Сӯи фардое, ки хотираи компутерияш

Намедонам, чакомаҳои киро ҳифз мекунад.

Сӯи фардое, ки умедворам

боз дар чашми касе партави самимият,

боз дар хилқати касе асолати мардӣ,

боз дар оинае ҷавҳари аҳурой,

боз дар ҷавҳаре ҳақиқати зебой

тулӯи нозанин хоҳад кард… [119, 213].

Қаҳрамони лирикӣ дар ин шеър занест, ки ҷавонияш рафтаву ба асри нав ба умед қадам мениҳад, то он суннатҳои неке, ки дар даврони ҷавонии ӯ буд, монанди самимият дар чашми мардум, асолати ҷавонмардӣ дар хилқати мардон, ҳақиқати зебой дар ҷавҳари мардум боқӣ мемонад. Шоир умед дорад, аммо умедаш қатъӣ нест. Омадани соли нав-асри навро мардум дар зоҳир бо шодиву сурур пешвоз мегиранд…

Нигоҳи шоир аз осмон ба замин меафтад ва мебинад, ки духтарону писарон сӯйи сайргоҳ мераванд ва дар зоҳир гӯё ҳама шоданд. Шоир рӯзгори иҷтимоии замонро дар арафаи асри нав ба тасвир мекашад, тараққиёти илму техника ва дар баробари он мушкилоти печидаи зиндагии мардумро баррасӣ мекунад ва хулосаҳои дурандешона мебарорад, моварои зиндагии хушҳолонаро мебинад:

Зани фартути фарангие

бо як ароба саргин

аз асри бист меравад ба асри бисту як.

Кӯдаке кӯча ба кӯча дар дар ҳамин сардии даймоҳ

яхмос мефурӯшад.

Гадое бо дастҳои холии талбанда

ба асри тоза ворид мешавад.

Гадое, ки дар асри нав шояд шоҳ хоҳад шуд

ё боз гадо хоҳад монд [119, 214].

Шоир набзи замони нав-асри ХХ1-ро бо образҳои зани фартут, кӯдаки яхмосфурӯш, гадо ва марди фақир ба тасвир мекашад. Зани фартути аврупоинажод, ки замоне дар ин диёр зиндагии бофароғате дошта, кунун ба асри ХХ1- ба асри олами сармоя бо «як ароба саргин» қадам мениҳад. Ин зан руҳану ҷисман хаставу ранҷур асту ба талаботи зиндагӣ дар асри нав омода нест. Ин зан намоди он занонест, ки бо суннатҳои асри гузашта зистанд ва дар асри нав бо он боварҳову эътиқодоташон зиндагиии сангине хоҳанд дошт. Дар шеъри Фарзона, бино ба таҳқиқи муҳаққиқон, «нигоштаҳои иҷтимоӣ ҷойгоҳи шоиста» дорад: «Шоир дар пазириши иҷтимоие, ки дар шеъраш эҳсос мешавад, бар он мекӯшад, ки гиреҳҳои печ дар печи рӯзгори мардумро дар қаламрави андешаҳояш бо хулосаву бардоштҳои ҳакимона боз кушояд» [143, 108]. Ҳамин нигориши иҷтимоӣ, тасвири рӯзгори табақаҳои мухталифи мардум дар образи кӯдаки яхмосфурӯш барҷастатар ифода ёфтааст, «шояд дар хона ӯро нафароне интизоранд, ки ба буридаи ноне ниёз доранд» [119, 217]. Ворид шудани «гадое бо дастҳои холии талбанда» ба асри ХХ1, ки «шояд шоҳ хоҳад шуд ва ё гадо мемонад», киноя ба авзои буқаламуни даврони нав, ки ҳар лаҳза иваз шудану шоҳро гадову гадоро шоҳ карданаш мумкин аст.

Аз ин тоифаи ба қавли муфассири ин шеър, «ранҷурон» таваҷҷуҳи қаҳрамони лирикӣ ба марди фақирест, ки шояд бори нахуст ба кӯдаконаш савғои идона-гулқанд мебарад. Шоир лаззату фараҳи зиндагиро дар ин ҷаҳони қаҷдорумарез дар шодии кӯдакони ин марди фақиру қаноатмандии ӯ мебинад:

Як марди фақир ба хонааш мешитобад

ва нахустин бор шояд ба кӯдаконаш гулқанд мебарад.

Шоир ин марди фақирро «бародарҷон» хитоб мекунад ва шодии ӯву кӯдаконашро тимсоли шодию комгории аҳли башар дар асри нав мебинад:

Эй бародарҷон! Фикрҳоят баъд аз ин дар иҳотаи

гул бод!

Кош ширин кунад ин гулқанди кӯчаки маъсум

Зиндагии турову аҳли башарро... [119, 214].

Ҳангоми тасвири зани фартути фарангӣ, кӯдак ва гадо лаҳни гуфтори шоир маҳзунона чун ҳолати ин се нафар аст, аммо ҳамон гулқанди марди фақиру шодии кӯдаконаш шоирро умедвор ба зиндагӣ дар асри нав мекунад.

Шоир бо дирӯзи худ, ба даврони ҷавонии нозанинаш, ки бо «субҳҳои атрогину шомҳои шукуфабанду гуловез» ҳамроҳ буд, падруд мегӯяд ва фардои баҳори сабзи худро дар симои духтаронаш, тифлакони хуҷастааш мебинаду зиндагиро дуруд мегӯяд:

Духтаронам, тифлакони хуҷастаи ман!
Дар сурати шумо баҳор шаъшаъаи сабз мезанад.
Биёед, аз чашмакони содаатон бӯсам.
Ба эҳтироми кӯдакии шумо,
ба эҳтирми бузургии модар,
Ба эҳтироми ҳар касе, ки дӯсташ дорам,
зиндагиро дуруд мегӯям.
Дубора мегирям, дубора механдам…[119, 214].

Шоир ба олам бо диди занона, модарона, ки пур аз отифаю муҳаббат аст, менигарад. Ҳатто амалу рафтори кӯдакон, ки рафтори маъмулист, аз назари шоир муъҷиза асту аз олами хушбахтӣ дарак медиҳад. Масалан, дар шеъри «Имзои аввалин» таваҷҷуҳи шоир ба амали кӯдаки дусолаест, ки рӯи девор хат мекашаду деворро хароб мекунад. Аммо диди шоир ба моварои ин амали кӯдак аст, ки бо вуҷуду ҳастияш ва бо ин амали ноогоҳонаи худ ба хонадони зан хушбахтӣ овардааст:

Хонаат хушбахт аст
Бо ҳузури азизи одамаке оламофарин.
Хонаат хушбахт аст,
Зеро ки тифлаки дусолаи ту
бо муқалами рангаи худ
дар саҳифаи девор
имзо ниҳодааст.

Имзои аввалин [119, 237].

Дар ин шеър нуктаи калидии мақсади шоир дар таъбири «хонаат хушбахт аст» нуҳуфтааст. Шоир бо истифода аз санъати ташхис хонаи зани ҷавонро ба масобаи инсоне ба тасаввур меоварад, ки хушбахт ё бадбахт буда метавонад. Аз диди зебоишинохтии шоир вуҷуду кӯдак дар хонаи зани ҷавон нишони хушбахтист ва ин дидгоҳ аз ҳикмати ниёгон сарчашма мегирад. Матлубаи Мирзоюнус дар шарҳи ин шеър менависад: «Хонае, ки дар он кӯдак, яъне одаме оламофарин ҳузур дорад, воқеан хушбахт аст. Ва он суратҳои булаҷабе, ки ин тифл дар рӯи девор кашидааст, нишоне аз ҳастии нишотбахши ӯст. Бинобар ин барои чунин кор ӯро набояд танбеҳ дод, балки табрик бояд гуфт. Маҳз ҳузури ҳамин тифл ва нақше, ки ӯ ба девор гузоштааст, дар баробари ифшои розҳои кӯдакона ин хонаро хушбахт кардааст. Зеро чӣ қадар қасрҳои пурҳашамату азиму зебое ҳастанд, ки дар онҳо кӯдакон зиндагӣ намекунанд ва дар онҳо нишоне аз гармию шодии ҳаёт нест» [119, 237].

Симои занон дар шеърҳое, ки Фарзона аз аҳволу авзои иҷтимоии замон ҳарф мезанад, нақш муҳим дорад. Дар баробари симои занони эҷодкор, ки дар нақши қаҳрамони ғиноӣ бештар арзи ҳастӣ мекунанд, образи занони одӣ вобаста ба вазъи замон тасвир шудаанд, ки баёнгари ҳоли ҷомеаи имрӯзи мост. Масалан, дар шеъри «Содаву мураккаб», ки дар қолаби шеъри нав эҷод шудааст, тасвири зиндагии як марди муҳоҷир аст, ки бо баҳои ҷон пул меёбад:

Мард дар кишвари ғайр,
Бомҳоро тоза мекард аз барф.
Шӯшаҳоро зи гӯшаҳои бом бармеканд…[119, 233].

Шоир тасвиргар дар қисмати аввали шеър кори марди муҳоҷирро, ки барфу шушаҳои яхро аз бомҳои чандошёна тоза мекунад, кор бо оҷу дурру булур медонад. Гӯё мард, ки бо хуршеду моҳ ҳамсоя аст, лоҷварду руххом бармеканаду дурру булур аз хизонаи саҳар бармегирад:

Оҷ бармегирифту дурру булӯр
аз хизонаҳои саҳар,
Лоҷварду руххом бармеканд.

Боми чандин бинои даҳтабақа,

балки бисту ситабақа

коргоҳи ӯ буд.

Осмони абрӣ бо ҳама шаҳомати зимистонӣ

Боргоҳи ӯ буд…[119, 233].

Шоир вазъи замони муосирро бо диди зебоишинохте, ки дорад, ба сад обу ранг зебо ба тасвир мекашад. Марди муҳоҷир, бо ин ки корҳои сахту ифлос ва хатарнокро барои мардуми бумӣ анҷом медиҳад, дар чашми кабуди онҳо (ишора ба мардуми рус) пасту сиёҳ аст:

Ӯ ба чашми кабуди мардуми бумӣ

Аз ҳама паст менамуду сиёҳ.

Гарчи ҳамсояи хуршед буду додари моҳ…[119, 233].

Накӯҳиши шовинизм, миллатгароию бад дидану паст шуморидани миллатҳои дигар ва ситоиши ҷонфидоии мардони муҳоҷир барои волидайну зану фарзанд, ки зиндагии шоиста дошта бошанд, ҷанбаи иҷтимоии шеърро пурқувват кардааст. Дар тасвири шоир марди муҳоҷир, ки таъмини маишати хонаводаашро қарзи худ медонаду барои ин мақсад аз хатарноктарин корҳои рӯй наметобад, аз ин кабудчашмони мутакаббир сад сару гардан баланд аст, ҳарчанд ки аз онҳо таҳқир мебинад:

Дар лабаш «бисмиллоҳ»

Пой мемонад ба ҳар бом,

ба боми баланди ваҳшатзой

ҳамчунон бар пули Сирот.

Марди танҳотарини танҳо

дар тамоми ин харобобод…[119, 233].

Мурод аз мафҳуми «харобобод» дар адабиёти гузашта мо аслан киноя аз ин дунёст, ки ободии вай дар айни харобист. Аммо ғарази шоир дар ин шеър аз харобобод ҳамон шаҳрҳои бузурги чун Маскав аст, ки муҳоҷирони тоҷик ба баҳои ҷон нон барои аҳли оилаашон меёбанд. Шоир марди муҳоҷирро ситоиш мекунад, зеро ин марди ҷонфидои зану фарзанд ва модару падараш аст. Шоир

бо ситоиши мард таъкид ба суннати миллӣ дорад дар мавриди мақом ва вазифаи мард дар назди волидайн ва зану фарзанд, ки имрӯз баъзе мардон онро ба боди фаромӯшӣ додаанд.

Шеър вобаста ба мазмун романро ба хотир меоварад, ки сужети мукаммал дорад: Ниҳоят зимистон гузашта баҳор омад ва марди муҳоҷир ба ватан баргашт. Маблағи ба баҳои ҷон ёфтаташро ба ҳамсараш, ки дар набудани ӯ аробаи рӯзгорро мекашид, супурд:

Оқибат

Дай гузашту баҳор ҳам омад.

Мард баргашт  зи ғурбат ба ватан.

Дастмузди ба баҳои ҳаёт ёфтаро дод ба зан.

Муроди шоир аз ин ҳама тасвири  ҳаёти марди муҳоҷир дар сатрҳои зер аст, ки ҳамсари  мард  пулҳои бо гарави ҷон ёфтаи ӯро чӣ тавр харҷ мекунад:

Бонуи ӯ

Пираҳанҳои муҷалло хариду

Ҷумла ашёи нозарур зарур,

латтаву колаи аз мӯд бароянда

аз барои арӯси оянда…[119, 233].

Шоир занҳои каммаърифату беандеша ва исрофкорро ба чолиш мекашад, ки мутаассифона, дар рӯзгори мо хеле зиёданд. Аз назари ҳакимонаи шоир, зиндагӣ содаву табиист ва ин умри кӯтоҳ кирои онро надорад, ки барои худнамоию  такаббур ва дигар чизҳои нозаруру нопойдор заҳмат кашид. Шоир дар қатори он зан, ки чеҳраи умумиятёфтаи занҳои исрофкоранд,  худро низ гунаҳкор  медонад, ки мо-инсонҳо на танҳо ба худ, балки ба дигарон низ зиндагиро душвор кардаем. Суннатҳои неки ниёгонро, ки аз таҷрибаи ҳаёт гузаштаву ҳар як ҳикмате доранд, ба фаромушӣ супурдаем ва маъракаҳое бофтаву сохтаем, ки зиндагии содаву табииямонро душвор кардааст. Байти мақтаъ ё худ ду сатри охири шеър бардошти ҳакимонаи шоир аст аз ҳаёти иҷтимоии имрӯзаи мардуми мо:

Зиндагӣ сода буду бо гуноҳи ману ту мураккаб шуд
зери ин гунбади нопоянда [119, 236].

Дар ашъори Фарзона чунин шеърҳое, ки дар онҳо ҷанбаҳои иҷтимоии рӯзгори мардум вобаста ба руҳи замона бо истифода аз образи занону кӯдакон ва аз диди занона ба тасвир омадаанд, хеле зиёданд. Шоир шеърро пайванди зебо ва ҳунармандона бо руҳи замон, иҷтимоиёт додааст.

Образи модар дар шеъри Фарзона мақоми хос дорад ва бо вуҷуди мавзую муҳтавои муштарак доштан бо вижагиҳои худ аз модарномаҳои дигарон ба куллӣ фарқ дорад. Фарзона худ дар мақолаи «Шеър дар ҷавҳари зеҳни хонанда» вақте шеъри «Ин шаби туршрӯи боронӣ»-и Лоиқ Шералиро баррасӣ мекунад, чунин менависад: «Баъди такрори ин абёт борони ҳасрате дар дили ман мечакад. Агарчи медонам, ки ин ҳарфҳо ба модари ман муртабит нест. Модари ман касест, ки фазои зиндагӣ ва фазои фикраш дигар аст. Аммо шеъри устод Лоиқ чун дарди ҷонсӯзи кулли мардуми тоҷик аст, дарди ман ҳам ҳаст. «Модарнома»-и устод Лоиқ дар радифи «Модарнома»-ҳои Эраҷ Мирзову Шаҳриёр, модарномаҳои Раҳии Муайярӣ ва шуарои дигари форсизабон аст, ки дар баъзе маврид мешавад ашъори устод Лоиқро ба он ҳама тарҷеҳ ҳам дод ва имтиёзашро шинохт. «Модарнома»-и устод бисёр маҳрамона, пурмуҳаббат ва бенамуна аст ва саршор аз андӯҳи ҷовидонаест, ки дилро аз дарун метарошад. «Модарнома»-и устод басе суннатист чун ҷомаҳои зебои тоҷикӣ, ки дар назари аввал барои хориҷие ғароиб ва бегона менамояд, аммо вақте он ҷомаро дар бар мекунӣ, баъд мефаҳмӣ, ки гармӣ чист, хосса, гармии оғӯши модар, ки тамоми башар бар он ниёз дорад» [136, 80]. Фарзона дар баробари арҷ ниҳодану эътироф намудани ҳунари баланди устод Лоиқ дар эҷоди «Модарнома» ба вижагиҳои он ишора намудааст. Шоир таъкид мекунад, ки «*Модари ман касест, ки фазои зиндагӣ ва фазои фикраш дигар аст».* Воқеан, агар дар модарномаи устод Лоиқ Шералӣ симои умумиёфтаи модари тоҷик дар муҳити кӯҳистон бо тамоми шукӯҳи шаҳоматаш, ки суннатҳои миллиро дар худ дорад, таҷассум ёфта бошад, дар шеърҳои ба модар бахшидаи Фарзона модари тоҷик дар муҳити шаҳр, фарҳанги шаҳрнишинии тоҷикӣ ва дар айни замон аҳли илму

қалам будани ӯ ба тасвир омадааст. Бо вуҷуди тафовутҳои дар муҳити зисту тафаккуру ҷаҳонбинӣ дар тасвиру тавсифи ҳар ду шоир модар намоди отифаю меҳрубонӣ ва саршори садоқату ҷонфадоӣ мебошад ва меҳру муҳаббати тоҷиконаи модар дар онҳо муштарак аст.

Бояд зикр кард, ки шаҳришинӣ ва бо қалам сари кор доштану аҳли илму адаб будани зан-модар аз суннатҳои қадимии тоҷикон аст, ки метавон аз бузургтарин онҳо чун Робиаи Балхию Маҳастии Хуҷандӣ, Оишаву Ситӣ, Мутрибаи Кошғариву Ҷаҳонхотун, Меҳрии Ҳиротиву Зебуннисо, Лолахотуну Тоҷуддавла, Маҳзунаву Нодираву Тоҳира ва ғайра ном бурд. Модаре, ки Фарзона тасвиру тавсиф мекунад, идомадиҳандаи ҳамон сунани деринаи миллат буда, аз аҳли илму адаб аст ва кору амали модар дар зиндагии духтари эҷодкори ӯ, ки ирс аз ӯ бурдааст, сахт муассир аст:

Модарҷон! Аз чунбиши мавзуни хомаи ту
дар зиндагии ман субҳ метаровад.
Ман дар оромиши пурмуҳтавои чашмонат
ғарқ мешавам…[56, 50].

Дар тасвири Фарзона модар марҷаъи улгуи фарзандон аст ва аз сифати як модари муқаррарӣ боло рафта, мақоми олиҳаи меҳру муҳаббат ва пиру муршиди раҳнаморо касб мекунад, ки дили мурдаро шамими ҷон мебахшад:

Дер зӣ, эй модари фархундаам,
Васл кун бо ишқ тори кандаам….[62, 318].

Қаҳрамони лирикӣ аз зиндагӣ дилсард асту дасташ ба коре пеш намеравад. Дуои модари фархундафол мекунад, то бо муҳаббат дили ӯро ба зиндагӣ гарм кунаду риштаи кандаро васл намояд.

Ман, чӣ ҷои ман, ки ҳатто обу гул
Гӯядат: бар ҳурмати ту зиндаам! [62, 318].

Шоир ҳастии худ ва ҳама ширинию зебоӣ ва саодате, ки дар зиндагӣ ба даст овардааст, мадюни модар медонад. Дар тасаввури шоир на танҳо ӯ, балки тамоми аҷзою анвои ҳастӣ, ҳатто обу гул, ки яке намоди ҷовидонӣ ва дигаре сабаби зебоии зиндагист, ба ҳурмати модар зиндаанд.

Осмонидомано, дар доманат

Ҳар қадам хирман зад ашку хандаам [62, 318].

Сифати «осмонидоман», аз як сӯ, киноя аз бузургию саховати модар бошад, аз сӯйи дигар, сифати умумиятдодашудаи модар аст, ки насли башар бо ӯ идома меёбад ва дар домони вай ба камол мерасад. Муҳаббати модар беғараз асту домони саховаташ бекарон ва фарзанд дар тамоми ҳолат ба ӯ паноҳ мебараду дарду ранҷ ва ё шодиву нишоташро бо ӯ дар миён мегузорад.

Уксигенам бахшию заҳрам ҷабӣ,

Эй дарахти сабзи полояндаам [62, 318].

Модар, дар тасвири шоир, дарахти сабзеро мемонад, ки заҳрро меҷабаду оксиген медиҳад. Шебу фарози зиндагӣ инсонро ба ҳар кую дар мебарад, дар барабари ширу шакар заҳру зақум ҳам медиҳад. Модар аст, ки чун дарахти сабзи полоянда ба дардҳои фарзандон даво мебахшад ва тани онҳоро аз ҳар гуна вуҷуди бадӣ поку беолоиш мегардонад.

Асли аслӣ, фаръ шуд пеши ту фар,

Фарруху фарзонаву фархундаам [62, 318].

Аз дидгоҳи шоир гавҳари аслии ҳаёт модар асту асли ҳақиқат дар ӯст ва ҳар чӣ дар дунё арзи ҳастӣ мекунад, ба туфайли модар равнаку шукуфоӣ меёбад ва дурахшу зебоӣ пайдо мекунад. Накуиву зебоӣ, хирадмандию муборакӣ ва саодатмандӣ низ бастагӣ ба модар доранд. Ҳарфи «ф» ва паси ҳам омадани калимаҳои «фаръ», «фар», «фаррух», «фарзона» ва «фархунда» оҳанги мусиқоие ба байт додаанд, ки дар баробари маънои олӣ ба гӯш низ хушоянд мерасанд.

Сахт ноҳамвор мондам, гарчи вақт

Метаровад рӯзи шаб бо рандаам

Ин тафохур ҷуз тамасхур нест, нест

Аз чунин будан басе шармандаам.[1]

Дар ҷавоби ишқи бемиқдори ту

[1] Дар «Девон» ғазал бо ин байт хатм мешавад, аммо дар китоби «Шарҳи шаст ғазали Фарзона» чаҳор байти дигар илова дорад.

Чун кунам, оҳ, эй ба бечун бандам [62, 318].

Қаҳрамони лирикӣ ба масобаи чӯбе дар тахайюлоти шоир пеши назар аст, ки ӯро вақт бо ранда метарошад, то суфтаву ҳамвор гардад, аммо бо ин ҳама тарошиданҳо ноҳамвор мондааст. Яъне аз зарбаҳои паёпаи зиндагӣ қаҳрамони лирикӣ ҳеч аз хислати саркашию исёнкорияш даст намекашад. Ба таъбири дигар, шоир наметавонад бо ноқобилони даҳр ба муросо ояду мудоро кунад ва зиндагии орому осоишта дошта бошад. Аз ин амали худ дар хиҷолат аст ва рӯ ба модар меораду дар паноҳи ишқи бекаронаи ӯ оромиш меёбад. Шоир ишқи бекаронаи модарро дар он мебинад, ки ӯ бандаи Офаридгори бемислу монанд аст. Ин бандагии модар ба Парвардигори бемислу монанд, ишқи ӯро бекарона кардааст ва шоир худро созовору шоистаи ин муҳаббати бузург намедонад.

Ишқро пардохт кун танҳо ба ишқ,
Эй дили дар ишқ ноарзандаам [119, 96].

Бино ба қавли Мавлавӣ, «шарҳи ишқу ошиқӣ ҳам ишқ гуфт», Фарзона нохудогоҳ Мавлавиёна андеша меронад ва ҳолати равонии худро дар баробари ишқи бузургу беинтиҳо дар муқоиса мебинаду дили худро ночизу ноарзанда меҳисобад. Бовуҷуди ин ҳама, Мавлавиёна маслиҳат дар бо мебинад, ки ба ин муҳаббати беинтиҳо танҳо бо ишқ метавон ҷавоб гуфт.

Раҳ ба раҳ дар рафтаҳои ман бимон,
Нав ба нав боз ой аз ояндаам.
Боз ҳам дар рафтаҳои ман бимон,
Нав ба нав боз ой аз ояндаам [119, 96].

Қаҳрамони лирикӣ як умр бо модар будаву дар сурудаҳояш ҳама васфи модар карда ва меоҳад  симои модар дар ашъори ӯ ҷовидонӣ монад. Ба таъбири дигар, модар манбаи илҳом ва сабаби хушбахтиию компронии қаҳрамони лирикӣ буда ва хоҳони он аст, ки дар оянда низ паёмовари ӯ дар зиндагиву эҷод бошад.

Образи модар дар тасвири Фарзона аз ҳудуи модари як духтар, модари як тоҷик ва ё як мусулмон берун меравад ва мақоми модари ҳамагонӣ- модари инсониятро касб мекунад. Шоир ҳама хушию зебоии зиндагиро дар симои модар мебинад ва ҳастии худ, инсониятро низ вом аз ӯ медонад. Дар ғазали зер

ҳар як мисраъ ва ҳатто ҳар як калима аз ҳастии пурфурӯғи модар дарак медиҳад:

Дари кошонаи модар боз аст,
Боғи ӯ мазрааи эҷоз аст.
Рафтани ӯ чӣ қадар ҷонсӯз аст,
Мондани ӯ чӣ қадар ҷонсоз аст…[56, 118].

Таъбири «дари кошонаи модар боз аст» сад маънӣ дар худ дораду дар зеҳни хонанда маънию мазомини зиёдеро эҷод мекунад: оғӯши модар ҳамеша барои фарзанд боз аст, модар пушту паноҳ ва мутакои фарзанд аст, модар мушкилкушою раҳнамои фарзанд аст… Ва ҳамчунин дари хонаи модар барои ҳамагон боз асту худию бегона аз дастархони ӯ баҳравар мешаванд, аз хони маънавии модар, яъне аз маҳсули эҷоди қаламӣ ӯ дигарон баҳра мебаранд ва ғайра. Ҳамин гуна вусъати маънои дар мисраҳои дигар шеър нуҳуфтаанд, монанди «мазрааи эҷоз будани боғи модар». Калимоти «ҷонсӯз»- у «ҷонсоз» дар рафтану мондани модар дар зеҳну тафаккури хонанда маъниҳои зиёде бовуҷуд меоваранд ва хонанда ин ҳамаро дар вуҷуди худ эҳсос ва дар зиндагии худ таҷриба мекунад.

Қосиди ӯст баҳори навпайк,
Ки чун ӯ содаву бепардоз аст.

Шоир «баҳори навпайк»-ро қосиди модар ва дар айни замон модарро ба баҳори навпайк ташбеҳ мекунад, ки «содаву бепардоз аст». Мурод аз содаву бепардоз будани баҳору модар табиатан зебову дилрабо будани онҳост.

Аз дидгоҳи зебоишинохти шоир, модар дорои сифатҳои ҳамидаи зиёдест ва барои духтари эҷодкор ӯ «офтоби лутф»-у «дарёи раҳмат», «хуҷастанафири бароат» аст, ки тухми муҳаббаро дар дили ӯ кошта:

Эй модар, эй асосгузори муҳаббатам,
Эй офтоби лутфаму дарёи раҳматам.
Олуда чун заминаму полуда чун само,
Дурӣ дигар хуҷастанафири бароатам [56, 10].

Аз назари ирфонии шоир рӯйи модар «оинаи Худойнамо» ӯст, ки ишқи ростину асли ҳақиқатро дар чеҳраи нуронӣ ва вуҷуди мубораку фархундаи модар дарёфта ва сунъи Офаридагорро мушоҳида кардааст:

Оинаи Худойнамоям рухи ту буд,

Эй ишқи ростинаму асли ҳақиқатам [56, 10].

Ҳарчанд андешаҳои ирфонӣ ва ё худ ғазали комили ирфонию суфиёна чун ғазали Мавлоно ва ё Шайх Атторро дар эҷодиёти шоирони муосир пайдо кардан муҳол аст, зеро ба қавли профессор Ш.Р. Исрофилниё, «барои шеъри ирфонӣ сурудан сиришти орифона доштан зарур аст». Аммо таъсирпазирӣ дар шеъри Фарзона аз шоирони классик, алалхусус шоирони ориф чун Мавлонову Хоҷа Ҳофиз ва Шайх Камол ба ҳаддест, ки мазомину таркиботи ирфониро аз ин шоирони бузург ба ирс мегирад ва дар шеъри иҷтимоияш чунон ба кор мебарад, ки дар айни мазмуни иҷтимоӣ доштан маънои ирфонии ибораву калимот то андозае ҳифз мешавад. Байти боло далели ин гуфтаҳост, ки беихтиёру нохудогоҳ ин байти Бадриддин Ҳилолӣ ба хотир меояд:

Эй нури Худо, дар назар аз рӯйи ту моро,

Бигзор, ки дар рӯйи ту бинем Худоро [74, 12].

Ваё ин байти Ҳофизи Шерозӣ аз хотири хонанда хутур мекунад:

Дар рӯйи худ тафарруҷи сунъи Худой кун,

К-ойинаи худойнамо мефиристамат [84, 110].

Корбурди таркибҳои «паёмрасони саодат», «фариштаи фаррухрисолат», мафҳумҳои «хуршедмазҳаб» ва «дарётариқат», ки дар шеъри Фарзона ҳангоми тавсифу тамҷиди модар мушоҳида мешаванд, ҳамон калимаву ибораҳои шоирони орифро ба хотир меорад, ки шоир аз шеъру андешаҳои онҳо баҳра бурдааст:

Аз кори модарӣ нашавӣ ҳеҷ барканор,

Он сӯ ҳам, эй паёмрасони саодатам.

Не, не, на модари се нафар, модари башар,

Хонам туро фариштаи фаррухрисолатам.

Ҳам ховарифарангиӣ, ҳам тоҷики асил,

Хуршедмазҳаби ману дарётариқатам [56, 10].

Ибораи шоиронаи «паёмрасони саодат» ҳамон «ҳотиф»-у «Суруши олами ғайб»-и Хоҷа Ҳофизро ба хотир меоварад, ки шоир дар айни таъсирпазирӣ таркибу ибороти тозаву нодир офаридааст. Аз ин дидгоҳ модар барои шоир дар баробари он ки ӯро ба дунё овардаву бузург кардааст, пиру раҳнамои ӯ дар ҷодаи зиндагиву тариқати пешгирифтааш аст:

Фариштагавҳарам бар ман дуо деҳ,
Дуо деҳ, модарам, бар ман дуо деҳ.
Ту рафтиву равоқи ҳафт гунбад
Фаромад бар сарам, бар ман дуо деҳ [56, 87].

Мафҳумҳои «ҳузур»-у «ғоиб» (ғайбат) аз истилоҳоти аслии ирфонанд, ки маънии ҷомеи ирфониро ифода мекунанд, чунончӣ, дар ин байти Ҳофиз:

Ҳузуре гар ҳамехоҳӣ, аз ӯ ғоиб машав, Ҳофиз,
Мато мо талқа ман таҳвӣ даъиддунё ва аҳмилҳо [84, 41].

Фарзона  ин ду истилоҳи асили ирфониро дар тамҷиди модари реҳлаткардаи худ чунон ҳунармандона ба кор мебарад, ки дар шеър ҳам маънии луғавии ин калимот ва ҳам маънии ирфонии онҳо дар зеҳни хонанда пайдо мешавад:

Наӣ ғоиб, ки ғайбат ҳам ҳузур аст,
Муборакмаҳзарам бар ман дуо деҳ.

Дар  байтҳои дигари шеъри мавриди назар низ ҳамин хусусият, яъне думаъноии калимот, дар мафҳумҳои «муҳаббатпарвар», «ҳамэъҷози Худоӣ», «ҷонофарин» ба назар мерасад:

Ба инсонҳо муҳаббат ҳадя додӣ,
Муҳаббатпарварам, бар ман дуо деҳ.
Ҳамэъҷози Худоӣ, ҳамду алҳамд,
Ало, ҷонофарам, бар ман дуо деҳ.
Ҳарири нур пӯшидӣ чу хуршед,
Дабири Ховарам, бар ман дуо деҳ.
Вуҷудат-озмоишгоҳи сад дард,

Ба ғам тобоваррам, бар ман дуо деҳ.

Ту мебинӣ маро аз осмон ҳам,

Ало бинишварам, бар ман дуо деҳ.

Саломомӯзи бепадруди ман бош,

Бимон сардафтарам, бар ман дуо деҳ.

Дуои ту, дуои туст, модар,

Рафиқу ёварам, бар ман дуо деҳ [56, 87].

Вусъати дидгоҳи шоиронаю орифонаи Фарзона ва муҳаббати ӯ ба модар то ба ҳаддест, ки маънии модару Худоро танҳо ишқ медонад:

Худ ту ишқӣ, бале, фақат ишқ аст

Маънии модару  Худо, модар.

Байти боло аз ғазалест, ки дар зоҳир маъмулӣ, иҷтимоӣ метобад ва мазмунан гуфтугӯи духтар бо модараш аст, ки худро назди ӯ қарздор меҳисобад, аммо ботинан фалсафаву ҳикмати амиқе дорад, ки аз суннати ниёгон сарчашма мегирад:

Омадам хона дар кушо, модар,

Ассало модар, ассалло, модар.

Аз куҷоям ман, аз куҷоям ман,

Аз куҷоӣ ту , аз куҷо модар.

Меҳрҳои туянд бепардохт

Дил ба дил, ҷон ба ҷони мо, модар.

Қарзи ман аз ду олам афзун аст,

Бо чӣ раҳ мекунам адо, модар.

Ту ба сад ҷон зи ман ризоӣ, лек

Манам аз хеш норизо модар.

Хидмататро накардаам, маъзур,

Сахт шармандаам, аё модар.

Ҷои хидмат муҳаббат овардам,

Ҳақ намудам ва ё хато, модар.

Худ ту ишқӣ, бале, фақат ишқ аст

Маънии модару Худо, модар.

Офтобона дар ҳаёти ман

Ҷовидон кун даро-баро, модар [56, 84].

Вожаи модар, ки дар охири ҳар як байт ба такрор омадааст, на танҳо вазифаи радиф иҷро карда, балки бори маънӣ ба душ дорад ва таъкиди шоир ба бузургию олиҳимматии модар аст.

Дар суннати миллии мардуми тоҷик ҳунари рӯзгордориро модар ба духтар меомӯзаду ӯро барои зиндагии оиладорӣ омода месозад. Мавридҳо ҳастанд, ки духтар мушкилот ва ё розашро танҳо ба модар гуфта метавонаду бас ва дар ин мавридҳои хос ҳато падар маҳрами ин роз буда наметавонад. Ҳамин хусусиятҳо ҳастанд, ки пайванди модару духтарро боз ҳам қаринтар мегардонад. Дар шеъри Фарзона ин суннати миллӣ ва ин пайвандии модару духтар дар ҳадди аҳсан аст, ки танҳо мафҳуми ишқ метавонад ин қаринию наздикии модару духтарро ифода кунад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки ашъори  ба модар бахшидаи Фарзона  бештар дар қолаби ғазал суруда шудаанд ва ғазал бештар ба мавзуи ишқӣ ихтисос дорад. Ғазал дар шеъри замони Истиқлол боз ҳам таҳаввул ёфт ва мазмунҳои иҷтимоӣ бештар гардиданд, аммо ҳамон хамирмояи аслии ғазал, ки ишқ аст, дар ғазалҳои  дар мавзуи иҷтимоӣ сурудашуда низ мушоҳида мешавад. Ғазали зери шоир, ки ба модар ихтисос дорад, гуфтан метавон комилан иҷтимоист: Духтар аз беморӣи модар нигарон асту илтиҷо дорад, ки модар бемор нашаваду ӯро танҳо нагузорад. Ҳолу ҳавои Мавлавиёна, яъне шуру  шавқ ва ҷозибаи ишқе, ки дар ғазалиёти Шамс аст, дар ин ғазали Фарзона мушоҳида мешавад. Шоир дар айни баёни дарди худ ва мушкилоти ҷомеа бо изҳори муҳаббате, ки ба модар дорад, чун Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ошиқона сухан мегӯяд:

Бемор нашав, модар, бемор нашав, модар,

Нагзор, маро нагзар, бемор нашав, модар.

Бардор сар аз болин, аз қулла шуъо барчин,

Хуршеди фурӯзонфар, бемор нашав, модар.

Бар шодии қоқуҳо, бар ҳурмати ҳулбӯҳо,

Бар хотири нилуфар, бемор нашав, модар.
Аз синаи чоки ман бемор шавӣ, афтад
Ёқут ба хокистар, бемор нашав, модар.
Бо қавм кунам пархош, бо хеш кунам пайкор,
Мебош маро довар, бемор нашав, модар.
Эй субҳи тулуи дил дар зулмати обу гил,
Бахшо ба ҷаҳон ҷавҳар, бемор нашав, модар.
Эй нусрати раббонӣ, эй қуллаи инсонӣ,
В-эй аз ҳама болотар, бемор нашав, модар.
Эй Марями беисӣ, моем ҳама осӣ,
Поло ҳамаро аз сар, бемор нашав, модар.
Бар ҷомеаи бемор, бар миллати бетӯмор
Фатвои наҷот овар, бемор нашав, модар [62, 214].

Зебоии ғазали боло танҳо дар мазмуну муҳтавои он нест, балки дар тарзи баёну гулчин шудани калимот ва дар балоғату фасоҳати сухан аст. Гулчини калимот, ки боиси оҳанги мусиқӣ дар ғазал шудаанд, дар ҳар мисраъ ба назар мерасад, ҳатто мисраъҳое, ки бояд аз қофия озод бошанд, қофия дарунӣ доранд: болин-барчин; қокуҳо- ҳулбӯҳо; дил-гил; раббонӣ-инсонӣ; беисӣ-осӣ; бемор-тӯмор. Паси ҳам омадани калимаҳое, ки ҳарфҳои ҳамҷинс доранд, монанди нагзор-нагзар, пархош-пайкор, дил-гил, исӣ-осӣ, бемор-тӯмор ин оҳанги мусиқоиро тақвият додаанд. Ин ҳама хусусият ва ҳамчунин радифи «бемор нашав, модар», ки мукаррар дар охири байтҳо омадааст, ғазалиёти Мавлоно Ҷалолуддини Румиро ба хотир меоварад.

Ин ғазали Фарзона на танҳо аз лиҳози шакл, балки аз ҷиҳати корбурди таркибот, ки хосси шеъри шоирони ориф чун Мавлоност, қобили таваҷҷуҳ аст. Шоир дар тавсифи модар таркибу ибороте монанди «хуршеди фурӯзонфар», «нусрати раббонӣ», «қуллаи инсонӣ», «Марями беисӣ» ба кор бурда, ки дар шеъри шоирони ориф фаровон ба кор рафтаанд ва ҳар як маъниеро ифода мекунанд. Ҳамчунин ибораи «субҳи тулуи дил», ки киноя аз модар асту

таркиби «зулмати обу гил» истиора аз тани хокист, наздик ба таъбиротест, ки шоирони ориф ба кор бурдаанд.

Дар баробари ин ҳама ғазали боло мазмуни қавии иҷтимоӣ дорад, ки шоир дар айни баёни дарди худ мушкилоти ҷомеаро матраҳ мекунад. Шеър дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ суруда шуда, ибораҳои «ҷомеаи бемор», «миллати бетумор» ишора ба ҳамон рӯзгор аст, ки шоир ҳамаро осӣ медонад ва хоҳони полуда шудани ҳама аз сару интизори фатвои наҷот аст.

Барраси се чилди девони Фарзона ва маҷмуаҳои дигари ӯ нишон доданд, ки анқариб чиҳил шеър ба тавсифу тамҷиди модар ихтисос доранд, баъзе аз ин шеърҳо саропо ба модар бахшида шудаанд ва дар қисмати дигар мурочиат ба модар аст. Гарчанде шоир ашъори дар васфи модар сурадаашро чудогона ба нашр нарасонида, аммо мураттибони маҷмуаи «Найшакар» як қисмати онро «Модарнома» унвон дода, сию се шеъри ба модар бахшидаи ӯро ҷой додаанд. Ҳамчунин дар ин маҷмуа зери унвони «Феҳрасти гулу ҳазор» чаҳордаҳ рубоии шоир омада, ки се рубоӣ ба модар ихтисос доранд. Унвони шеърҳои ба модар бахшидаи шоир низ қобили таваҷуҳ аст, монанди «Боз, бизӣ, боз», «Пушти анбуҳи сабз», «Мубашшири субҳ», «Садои сабзи имон», «Хотираҳои подарахтӣ», «Поянда» , «Ягона» ва ғайра.

Дар ҳар яке аз ин ашъор меҳру муҳаббат ва ниёзу ниёиши фарзанд ба модар бо тарзҳои мухталиф баён шуда, симои модар гоҳе аз як инсони муқарарӣ убур мекунаду сифати пири роҳнамову раҳкушо ва ояндабинро касб мекунад:

Ҳарими ҷон ба роҳат густарам, фармой модарҷон,
Бад-он ҳастии зебо ҳастиям орой модарҷон.
Нарав, сармат бимону офтобона бар рӯи мо
Дари фардову фардои дигар бикшой, модарҷон.
Кушоиш хостам дар ин гузаргоҳи гираҳбаста,
Дуо кун, эй накуфоли муборакрой, модарҷон.
Чу бахшидан сифоти нозанини туст аз оғоз,
Ҷаҳону бевафоии варо бахшой, модарҷон.

Ба субҳи офариниш борҳо рафтиву баргаштӣ,
Ту медонӣ, ба мо баргӯй сирри ной, модарҷон.
Мусалло бофтам аз тору пути ишқи беифшо,
Ҳидоятхоҳам, инак, қиблаам биномой, модарҷон [62, 355].

Аз даст додани модар ба ҳама гарон аст, алалхусус барои духтари шоир, ки ӯро мутакову пушту паноҳ ва муршиди раҳнамояш ҳам дар зиндагӣ ва ҳам дар кору эҷодаш буд. Фарзона чанд шеър ҳам дар қолаби ғазал ва ҳам дар қолаби шеъри нав дар марсия модараш навиштааст, ки хеле олӣ ва ҳунармандона аст. Ин марсияҳо дар айни ҷонсӯзу муассир буданашон мақоми модарро дар зиндагии духтари шоир нишон медиҳанд, ки ӯ чӣ ганҷеро аз даст додааст:

Накӯтимсоли ман, падруд, модар,
Муборакфоли ман, падруд, модар.
Ту рафтиву касе ҳам то қиёмат
Напурсад ҳоли ман, падруд, модар.
Ту будиву чӣ рифъатманд будам,
Фурӯ шуд боли ман, падруд, модар.
Ба рӯҳи ман, ба рӯҳи субҳхоҳам
Шафақирсоли ман, падруд, модар [56, 55].

Гарчанде калимоте мураккабе монанди «накӯтимсол», «муборакфол» дар адабиёти тоҷик корбурди фаровон доранд, аммо ин сифатҳо ба модар маҳз тавассути Фарзона нисбат дода шудааст. Аммо таркиботу ибороте, монанди «руҳи субҳхоҳ», «шафақирсол», «савобомол» сохтаи худи шоир аст, ки хеле созгору мувофиқ афтодааст.

Дар байни модару духтар чунон қарине мавҷуд аст, ки дар байни дугонаҳои ҷонӣ дида мешавад. Шоир ҳамин қаринии дугонаосои байни худу модарашон ба тасвир кашида, модарро ба дил ҳамсоли худ медонад:

Ҷавонтар будӣ аз ман ё куҳантар,
Ба дил ҳамсоли ман, падруд, модар.
Гуноҳҳои маро ҷуброн ту кардӣ,
Савобомоли ман, падруд, модар [58, 255].

Дар ин шеър низ радифи «падруд, модар» дар баробари оҳангнокӣ бори маънӣ мекашад ва ҳиссиёти дардолуди шоирро ҳангоми видоъ ифода мекунад. Ҳамин эҳсоси муҳаббатона омехта бо дарду андуҳ ҳангоми видои модар дар марсияи дигар, ки бо радифи «алвидоъ» поён меёбад, мушоҳида мешавад:

Модар олампаноҳам, алвидоъ,
Беҳтар аз хуршеду моҳам, алвидоъ!
Дар ҳарими меҳри ту поянда буд
Зиндагии бофароҳам, алвидоъ!
Эй сафоомӯзи рӯҳам, хайрбод,
Эй шуъоафрӯзи роҳам, алвидоъ[58, 123]!

Модар дар тасвири шоир намоди накӯиву савоб ва марҳаматбахшу мағфиратхоҳи гуноҳҳои инсоният касб мекунад ва умумият пайдо карда, аз модари касе будан ба модари оммаи мардум табдил меёбад:

Марҳаматбахши накӯиву савоб,
Мағфиратхоҳи гуноҳам, алвидоъ!
Модари як ман наӣ, эй моми ом,
Эй муборакборгоҳам, алвидоъ[58, 213]!

Шоир, ки бар мавҷудияти ишқу муҳаббат дар ин дунё бовар дошт ва далелу гувоҳи боризаш модар буд, ки ба ҳама муҳаббат дошт. Бо рафтани модар гӯё ин далелу ин гувоҳро аз даст додааст:

Ман, ки мегуфтам: Муҳаббат ҳаст, ҳаст!
Бе ту, инак, бегувоҳам, алвидоъ [58, 213]!

Шоир марги ҷисмонии модарро қабул дорад, аммо ёди ӯ, панду андарзу машваратҳои ӯ бо духтараш аст. Аз ин рӯ, шоир намехоҳад модар танҳо дар зиндагии поринаи ӯ боқӣ монад, балки модар чун пиру муршиди раҳнамо ҳамеша бо ӯст. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки аксар суханварон ояндаро бо мафҳуми «фардо» ифода мекунанд, аммо Фарзона ҳамин маъниро бо мафҳуми «пагоҳ», ки дар шеваи гуфтугӯи тоҷикӣ хеле роиҷ аст, ба кор мегираду мегӯяд:

Дар парерам мондаӣ? На, ҳеч гоҳ,
Мебиёӣ аз пагоҳам, алвидоъ [58, 213]!

Дар байти боло вожаҳои пареру пагоҳ, ки танҳо дар гуфтугӯи шеваи тоҷикии форсӣ ба кор меравад, хеле зебо корбаст шуда, ҳукми қонунӣ пайдо карда, ки вориди забони адабӣ гардад.

Қаҳрамони лирикӣ дар айни видоъ кардан бо модар «алвидоъ» гуфтанро марҳабои ёди модар медонад ва аз он ҷо, ки субҳро бо салом додан бо модар оғоз мекард, ин амалро идома медиҳаду аз видоъ гуфтан даст мекашад. Яъне аз он ҷо, ки ёди модар ҳама умр бо ӯст, бо алвидои умркоҳ алвидоъ мегӯяд:

Алвидоям марҳабои ёди туст,
Алвидои умркоҳам, алвидоъ!
Ассаломи ман ту будӣ дар ҷаҳон,
Пас дигар гуфтан нахоҳам: Алвидоъ[58, 213].

Вуҷуди маънавию руҳии  модар ҳамеша бо духтари шоираш аст, ки роҳи ояндаи ӯро мунаввар мегардонад. Асрори зиндагии модари чун гавҳари дар ҳуққа ниҳон фурӯзандаи роҳи фарзанд аст ва аз ин рӯ, шоир «ба ҷон» ёди модар мекунад, ки наметавон онро бо ҳарф баён кард:

Модар, туро ҳамеша ба ҷон ёд мекунам,
Натвон ба ҳарф гуфт, чи сон ёд мекунам.
Асрори зиндагии фурӯзонфари туро,
Эй гавҳари  ба ҳуққа ниҳон, ёд мекунам [61, 431].

«Ба ҷон ёд кардан»-и Фарзона муродифи дигари «ба ҷон дӯст доштан» аст, ки Низомии Ганҷавӣ дар ишқи Фарҳод ба Ширин  муносиб дидааст. Чунончи, Хусрав аз Фарҳод мепурсад:

Бигуфт: Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?

Фарҳод дар ҷавоб мегӯяд:

Бигуфт: Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон [6, 216].

Қаҳрамони лирикӣ байни руҳи худи равони модар пайвандиеро барқарор карда, ки модарро ҳамеша дар канори худ мебинад ва бо ҳар тапиши дилаш ин ҳамдамию ҳамрозиро эҳсос мекунад:

Аслан нарафтаӣ ту, ки рафтиву омадӣ,
Аз рафтуои рӯҳи равон ёд мекунам.

Бигзашта ҳам туиву оянда ҳам туӣ,
Ояндаро аҷаб, ки чунон ёд мекунам.
Бо ҳар тапиш туро дили ман мекунад хитоб,
Бо зарбаҳои ҳар зарабон ёд мекунам.

Пайванди маънавии духтару модар боис гашта, ки руҳи модар қосиди муборакпай ва тарҷумони муждарасон байни ӯву Худо гардад. Фарзанди накӯтолеъ, ки аз модар дуо гирифта, кунун бар ҳаққи модар дуо мекунад ва ҳамеша ба ёди модарест, ки ҷони ҷону ҷони ҷаҳон аст:

Эй қосиди мубораки байни ману Худо,
З-он тарҷумони муждарасон туро ёд мекунам.
Аз ту дуо гирифтаму бар ту дуо кунам,
Бо зикр, зикри рӯзу шабон туро ёд мекунам.
Ҳар дам туро, ҳамеша туро, боз ҳам туро,
Эй ҷони ҷону ҷони ҷаҳон, туро ёд мекунам [61, 431].

Фарзона на танҳо дар жанрҳои суннатӣ монанди ғазалу рубоӣ, балки дар қолаби шеъри нав низ дар ҳаққи модар марсия сурудааст. Дар рубоии зер зикри ёди модар, ки дар сина доғи нарафтанист, ҳамзабон дуои хайре барои ӯст:

Модар гузашту кай равад аз сина доғи ӯ,
Поянда бод дар дили некон чароғи ӯ.
Бо рухсати ту омаду бо даъвати ту рафт,
Ё Раб, бубахш то қиёмат фроғи ӯ[56, 33].

Фарзона дар ғазале таъкид карда, ки аз дидгоҳи ӯ мафҳумҳои Ватану Модар пайванди ногусастанӣ дораду наметавонад якеро аввалу дигарро сонӣ номид:

Дар ман Ватану Модар пайванди мунаввар ёфт,
Яъне натавонам гуфт, ин аввалу он сонӣ [62, 512].

Мавзуи тасвири зан-модар дар шеъри Фарзона доманаи фарох дорад ва ҳар як шеъри дар ин мавзуъ сурудаи ӯ дорои мазмуни тозаву нав ва таркиботу ибороти шоиронанд, ки хосси худи ӯст. Ҳангоми тасвири мавзуи мазкур Фарзона суннатҳои адабиии шоирони пешинро собитқадамона идома дода,

онро ба авҷи камолоти худ расонидааст. Бешубҳа, Фарзона аз беҳтарин шоирони насли дувуми замони Истиқлол аст, ки дар ашъори ӯ мавзуи тасвири симои зан модар бо мазмуни тозаву ороиҳои нодири адабӣ зиннат ёфта, таҳаввули бештареро касб кард. Шеърҳои ба зан-модар бахшидаи Фарзона аз намунаҳои беҳтарин ашъори замони истиқлоланд ва баёнгари таҳаввули мавзуи мазкур дар адабиёти давраи мавриди назаранд.

## 2.4. Тасвири симои зан-модар дар шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Озар Салим)

Насли сеюми шоирон замони Истиқлол ҳамонҳое ҳастанд, ки дар замони Истиқлол чун шоир шинохта шуданд ва ашъорашон низ дар ин давра интишор шудааст. Қисмати бештари шоирони насли сеюм таҳсилкардаи мактабҳои замони Шуравиянд, аммо таҳсилашон дар мактабҳои олӣ ба даврони бозсозии гарбочиёвӣ рост омада, ки мусодиф ба даврони бедории миллӣ, ошкорбаёнӣ ва истиқлоталабии миллат аст. Гурӯҳи дигари ин насл маҳз дар даврони Истиқлоли миллӣ таҳсил намудаанд, ки тафаккуру ҷаҳонбинии нисбатан дигар доранд.

Дар шеъри замони Истиқлол, бинобар таъкиди профессор Абдунабӣ Сатторзода, «садои задани набзи замони ноором ва пурмаҷораву пуртаҳлука ба гӯш мерасад» [201, 2]. Мутолиаи шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол баръалло нишон медиҳад, ки ин насл бо азми қавӣ ва бо руҳияи ифтихори миллӣ вориди адабиёт шуд. Дар ашъории аввали ин насл, ки дар арафаи Истиқлоли миллӣ ва соли нахустини он суруда шудаанд, сухан аз худшиносӣ, ҳақталошӣ ва истиқлолталабӣ меравад. Аммо баъд аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ «ҳарфи дард» саропои шеъри онҳоро фаро гирифт. Баъзе аз ин шоирони ҷавон рӯ ба ҳиҷрат оварданд ва онҳое, ки дар Ватан монданд, шоҳиди фоҷеаҳои хунини ин ҷангӣ таҳмилии шаҳрвандӣ буданд. Ин ҳама ҳаводиси хунбор ба шеъри шоирони ин насл таъсири ҷиддӣ расонд ва новобаста аз ноқисию нуқсонҳо шеъри онҳо дар таҳаввули шеъри ин давра назаррас аст. Аммо аз сӯйи дигар, ба гуфтаи Худойназар Асозода, воқеаҳои солҳои навади асри гузашта сабаб шуд, ки «ҳар шахси босавод хост, ки шеъре офарад. Донишҷӯ ҳам шеър гуфт, корманди ҳифзи ҳуқуқ ҳам мисраъҳо бофт, муҷоҳиди силоҳбадаст ҳам шеър сароид ва оворai дарбадар ҳам шеъргӯиро як навъ дармони хеш қабул кард» [88, 613]. Ба таъкиди ин муҳаққиқ, « дар бист соли Истиқлол зери пардаи демократия ҳама, хоҳ ҷавон, ҳоҳ соҳибтаҷриба, ба маънии ғайриирфонии он – ба худ фурӯ рафт, ба сурудани ғазалу рубоию

дубайтӣ сар кард. Қофияҳо, радифҳо, ибораҳо, мафҳумҳо ва мазмунҳо гаштаю баргашта такрор мешаванд, шеърро заиф ва нофорам мекунанд. Мавзуи Ватан, Тоҷикистон ва маддоҳӣ эҷодиёти аксари шоирони ҷавони ин солҳоро фаро гирифт. Чунин шуд, ки ба ғайр аз Тоҷикистон дунёи дигаре дидан намехоҳанд. Умумигӯӣ ва суханбофӣ хеле ривоҷ гирифт. Мадҳу сано дар ягон марҳалаи адабиёти тоҷик ба ин дараҷа боло нарафта буд» [88, 620]. Воқеан, ҳақ бар ҷониби муҳаққиқ аст, баррасии шеъри шоирони насли сеюми Истиқлол нишон дод, ки дар маҷмуаи шеърии ҳама онҳо тавсифи зан-модар, алалхусус модар ба назар мерасад. Аммо аксари ин шеърҳо аз тавсифи умумӣ, калимоту таркиботи ҳазорон бор ба кор рафта моломаланд, ки ҳеч навоварӣ дар онҳо дида намешавад. Баъзе ин ин шеърҳои ба модар бахшида назми хушку ҳолиянду бас, ҳатто аз нигоҳи шеърият, вазну қофия низ нуқсу камбудӣ доранд.

Аз сӯйи дигар, дар байни суханварони насли сеюми замони Истиқлол шоироне ба камол расиданд, ки гарчанде ба ҳадди Муъмин Қаноату Лоиқ Шералӣ ва ё Бозор Собир нарасида бошанд ҳам, шеърашон на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар хориҷи кишвар низ шинохта шуд. Ин даста шоирон ҳам аз афкори назарии русу аврупо ва ҳам андешаҳои шеършиносии шарқ, хусусан адабиётишиносии Эрону Афғонистон баҳравар шуданд. Ин ҷо мо танҳо аз шеърҳое сухан мегӯем, ки дар тавсиф ва тасвири симои зан-модар суруда шуда, дар таҳаввули мавзуи мазкур нақши мондагор бозидаанд. Баррасии кулли ашъори шоирони ин насл, ки ба тасвир ва тавсифи зан-модар бахшидаанд, дар як рисола аз имкон берун аст. Аммо дар миёни ин насл шоироне ҳастанд, ки метавон бар нақди ашъори онҳо муҳимтарин раванди таҳаввули тасвири симои зан-модарро дар шеъри ин давра муайян кард. Яке аз ин шоирон Озар Салим мебошад, ки ҳарчанд таҳсилкардаи макотиби Шуравист, маҳз дар даврони Истиқлол ҳамчун шоир шинохта шуд ва ҳаводорони зиёде пайдо кард.

Нахустин чакидаҳои хомаи Озар Салим соли 1984 бо фотиҳаи Саидҷон Ҳакимзода соли 1984 дар матбуоти вилоятӣ ба нашр расидааст, аммо фаъолияти эҷодии ӯ асланаз ибтидои солҳои 90 асри гузашта шуруъ шудааст. То кунун аз ин шоири хушсалиқа маҷмуаҳои зер ба нашр расонидааст: «Намози

бедорӣ»(1997), « Як саҷда гул» (2002), «Сарви дуо» (2004), «Ирфони ҳино» (Душанбе: Эҷод, 2006), «Гуфтугӯи нахлу моҳ»(Душанбе: Истеъдод, 2010), «Хурмои эътиқод» (Душанбе: Адиб, 2014) ва «Шарқ нозуксуханист (Душанбе: Адиб, 2019). Донишмандону суханшиносоне монанди Муҳаммадалии Аҷамӣ, Камол Насрулло, Мубашшири Акбарзод ва унвонҷӯ Айниддин Собиров перомуни шеъри Озар изҳори андеша кардаанд.

Озар Салим аслан шоири суннатгарост, гарчанде дар шеъри нав низ сабқат намудааст. Дар ин масъала муаллифи пешгуфтори маҷмуаи «Хурмои эътиқод»-и Озар - Мубашшири Акбарзод менависад: «Дар лобалои ашъори ин суханвар ҳам анвои маъмулии шеъри қадими мо ва ҳам қолабҳои нав ба назар мерасанд, ки гӯянда ҳамаи онҳоро ба ваҷҳи аҳсан офаридааст. Аммо дар миёни ин ҳама анвои шеър Озар гароиши бештар ба ғазал дорад. Ғазалҳои ӯ дар вазну мавзуъҳои гуногун суруда шудаанд ва аксар ҳунармандонаанд. Ӯ дар офариниши ғазал чун дигар анвои шеър ба ҳунар такя мекунад ва мекӯшад, ки ҳамеша сухани наву шоирона бигӯяд» [39, 3]. Воқеан, дар қолаби жанрҳои суннатӣ ҷой додани мазмуну ҳодисаҳои замони муосир ва сухани тоза гуфтан аз шоир маҳорати баланд талаб мекунад. Озар Салим дар ин масъала аз шоирони муваффақ аст, ки тавониста дар қолаби анвои адабии суннатӣ сухани рӯзро баён кунад.

Тасвир ва тавсифи зан-модар дар ашъори Озари Салим мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Бояд зикр кард, ки маҳз шеъри ба модар бахшида Озар бо номи «Модар фаришта буд» шуҳрати ӯро дар байни ҳаводорони каломи бадеъ боло бурду теъдоди мухлисонашро афзуд. Дар як муддати кӯтоҳ ин шеър маҳбубияти хос пайдо кард, ки ровиёни зиёде онро қироат намуданду беш аз бист овозхон оҳанг бастанду суруданд. Ин шеър бо як ҳиссиёти баланд ва пурмуҳаббат суруда шуда, ки ҳарчанд тасвирҳои олии шоирона надорад, аммо бо равонии калом ва самимияти гуфтор сабки шеъри рӯдакивор саҳли мумтанеъро мемонад, ки зуд дар дилҳо менишинад:

Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,
Шояд ки дошт болу пар, аммо хабар надошт [36, 12].

Модаррро ба фаришта ташбеҳ додани сухани нав нест, шоирони зиёде пеш аз Озар ин корро кардаанд, чунонки дар шеъри Фарзона мушоҳида намудем, аммо тарзи баён ин ҷо дигар аст. Дар қисмати аввал сифати фариштасони модар баён мешавад, ки бояд болу пар дошта бошад. Шоир аз нигоҳи зоҳирии фаришта будани модар, ки бояд болу пар дошта бошад, гузар мекунад ва ботини фариштаосои модарро таъкид мекунад, ки «майли ҷудо шудан» аз писару падар надорад:

Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,
Шояд ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.
Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек
Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт [36, 12].

Дар ин шеър марде ба тасвир меояд, ки модарро аз даст додаву бо хотироти ӯ худро тасалло медиҳад. Шоир ба рӯзгори гузашта, даврони кӯдакияш менигарад, ки фариштаи ҳаёт, давлати сараш-модар дар канораш буду мехост ба ӯ ҳадяе барад, вале ин кӯдак пул надошт, то орзуяшро бароварда гардонад:

Дар кӯдакӣ ба модари худ хостам барам
Як ҳадя, лек ҷайби ман он лаҳза зар надошт.

Ҷавонию ҷунунии ишқи ёр орзуи ҳадя ба модарро аз хотири ӯ зудудааст:

Зар ёфтам ба гоҳи ҷавонию он замон
Ҷуз ишқи ёр сина ҳавои дигар надошт.

Вақте ҳадя мегираду ба дидани модар меравад, дигар модар ниёзе ба ҳадя надошт:

Вақте ба ёди ҳадя фитодам, ки модарам
Рӯйи лабаш ба ғайри»видоъ, эй писар» надошт…

Қисмати охир шеър аз реҳлати модар ва хислати фариштаосои ӯ сухан меравад, ки бидуни болу пар ҳам фаришта буд:

Модар фаришта буд, пари худ кушоду рафт,
Азбас илоҷ пеши қазову қадар надошт.
Модар фаришта буд, дақиқан, фаришта буд,

Ҳатто ба дӯш болу паре ҳам агар надошт [36, 12].

Фариштахислат будани модар ва аз қудумаш биҳиштро мунаввар кардан, ки талмеҳ аз ҳадиси набавист, дар шеъри «Модар» инъикос ёфтааст:

Фаришта будию рафтӣ ту, нозанин, модар,

Фариштаро набувад ҷой дар замин, модар [36, 67]!

Қаҳрамони лирикӣ дар байти боло такя бар боварҳои мардумӣ дорад, ки макони фариштаро дар осмон медонанд, на дар замин ва бо ҳамин аз рафтани модар худро тасаллӣ медиҳад.

Дар шеъри мавриди назар таносуби калимот дар ҳадди аълост. Чунончи, дар байти зер байни калимаҳои «талхком» ва «қанд» ин таносубу инсиҷоми калимот дар ҳадди аҳсан аст. Аз сӯи дигар, вожаи «қанд» бо «остин» таносуби маъноӣ дорад ва ишора ба одати модарон аст, ки ҳар гоҳ ба тӯй ва ё маъракаи хурсандие мерафтанд, барои бачагонаш дар остинашон қанд меоваранд:

Чи талхком шудам бе ту, гар ба хоб оӣ,

Биёр қанд бароям дар остин, модар.

Одати дигари модарони тоҷик дар байти зер ба тасвир омада, ки дар айёми тифлӣ гоҳи тавутозу бозӣ кардан бачагон ба замин меафтанд, модарон барои шерак кардани онҳо ҳангоми бархостан офарин мегӯянду таҳсин мекунанд. Ин нидои таҳсини модар ба тифл қувват мебахшад:

Чунон ки лаҳзаи тифлӣ фитода, бишнидам

Гаҳи баланд шудан аз ту»офарин», модар.

Қаҳрамони лирикӣ бо ёдварии айёми тифлӣ, ки модар болои сараш буд, дил хуш мекунад ва мехоҳад имрӯз ҳам модараш дар бараш бошаду муваффақиятҳои ӯро дар зиндагӣ бинаду хурсанд шаваду аҳсан хонад:

Ҳанӯз гар ба мақоме шавам баланд, туро

Садо кунам, ки «Куҷоӣ? Маро бибин, модар!»

Дар ду байти охир ишора ба ҳадиси машҳури набавӣ «Биҳишт зери қудуми модарон аст» аст, ки шоир онро мазмунан меорад ва тавзеҳ медиҳад:

Биҳишт зери қудумат ба ихтиёр омад,

Ки бар биҳишт хуш ояд дили ҳазин, модар.

Надида роҳати домони ту ба хеш, биҳишт

Зи эътироф ба поят ниҳад ҷабин, модар [36, 67].

Озар Салим на танҳо дар анвои шеъри суннатӣ, монанди ғазалу рубоӣ, балки дар шеъри нав низ симои модарро ба риштаи тасвир кашидааст, ки хеле ҷаззобу хонданист:

Модарам бо шири навдӯшидаи гов

Ранг мезад субҳро.

Баъди модар,

Субҳҳо дигар чи беранганд.

Дар шеъри боло, гарчи аз чаҳор мисраи кутоҳ иборат аст, аммо мазмуни фарохеро дар худ дорад, ки ҳам тавсифи модар асту ҳам амали субҳгоҳии ӯро фаро гирифтааст. Модар субҳи солеҳон, ҳангоми дамидани субҳи содиқ гов меҷӯшад. Гӯё шири ҷӯшидаи модар, ки бо дамидани субҳ ҳамранг аст, ба фурӯ рафтани торикию равшан шудани рӯз сабаб мешавад. Рӯз барои қаҳрамони лирикӣ бо ширдӯшиии модар оғоз мешавад ва гӯё таровати худро аз шири дӯшидаи модар мегирад. Баъд рафтани модар дар чашми шоир субҳ дигар он таровату зебоии худро аз даст додаст.

Дар тасвиру тасаввури Озар низ мафҳумҳои Модару Ватан бо ҳам муродифанд. Ин ду мафҳум аз ҳам ҷудонашавандаанд ва инсоне, ки модарро дӯст медорад, ҳатман ватанашро дӯст медорад:

Қасам ба шири модару бузургии Худо, Ватан

Ки дил зи ту чу бӯ зи гул намешавад ҷудо, Ватан…

Далел низ оварам, чу гуфтамат, ки модарӣ,

Ки бо далел мешавад дуруст ҳарфи мо, Ватан [36, 132].

Вожаи модар аз калимаҳои серистеъмол дар ашъори Озари Салим аст, шоир дар ҳар маврид ба модар муроҷиат мекунад ва андешаҳояшро бо ин мафҳум хулоса мекунад. Чунончи, дар шеъри зер, ки «Меҳан» унвон дорад, қаҳрамони лирикӣ аз ҳавои ватан бӯи модар мешамад:

Меҳано, ман мардуматро меҳрпарвар ёфтам,

Бар дари ҳар дил, ки рафтам, як бародар ёфтам.
Ончунон ки хона аз як себ хушбӯ мешавад,
Дар машомам аз ҳавоят бӯи модар ёфтам [36, 89].

Дар «ғазали дарахт» шоир салобати дарахтро бо ҳама шаҳомату шукуҳаш ба тасвир мекашад ва ӯро ба модар монанд мекунад, ки аз насими боди сабо суроғи сафаркардаҳояш (мурод баргҳои хазонгаштаву насимбурдашм, ки ба масобаи фарзанданд) мегирад:

Кунад суроғи сафаркардаҳои худ зи насим,
Дуруст, модари чашминтизорро монад [36, 52].

Дар шеъри «Деҳа» шоир зодгоҳашро ба тасвир мекашад ва ба ёди айёми тифлию ҷавонияш меафтад ва аз он даврон дарахте побарҷо монда, ки модари чашминтизори ӯро мемонад:

Дар он баландии зебо, ки як дарахти баланд
Шабеҳи модари танҳову роҳпои ман аст [36, 93].

Дар шеъри шоирони насли севуми замони Истиқлол мавзуи зан-модар ҷойгоҳи хос дорад. Ҳар мудаие, ки даъвои шоирӣ кардааст, хостааст меҳру муҳаббати худро ба модараш баён кунад. Шеърҳои зиёди ба модар бахшидаи ин насл дар даст ҳаст, ки бисёре аз онҳо сухани умумиянду бас, ки сазовори баррасӣ нестанд. Аммо шеъри асил дар ин мавзуъ дар эҷодиёти шоирони ин насл, монанди Равшани Ҳамроҳ, Беҳрӯзи Сабеҳуллоҳ, Абӯсаиди Воҳид, Исфандиёри Назар, Ҷаъфари Муҳаммадӣ, Давлати Раҳмониён, Рустами Хомарахш, Шоираи Раҳимҷон, Абдуҷаббори Суруш, Бобаки Суғдӣ, Нуралӣ Нурзод, Адибаи Хуҷандӣ, Фирдавси Хуҷаста ва дигарон дида мешавад, ки мо дар мисоли шеъри Озари Салим хулоса намудем.

Шоирони насли сеюми замони Истиқлол, ки қисмати бештарашон ҷавонанд, умед аст, ки дар оянда шеъри тоҷикиро ба қавле «ҳамболи шеъри шоирони ҳамзабон» мекунанд. Муқоисаи шеъри ин насл бо шеъри шоирони калонсол нишон медиҳад, ки онҳо баръакси бузургсолон дар ибтидои шоириашон ба чигунаигии шеъри асил огоҳанду саъй намудаанд шеъре гӯянд, ки аз лиҳози ҳунару санъат қавӣ бошад.

## БОБИ III

## ҶАНБАҲОИ ҲУНАРИИ ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ТАСВИРИ СИМОИ ЗАН-МОДАР

Тасвирҳои шоирона яке аз хусусиятҳои муҳими шеъри замони Истиқлол ба шумор меравад. Чи тавре ки дар ибтидо зикр намудем, шеършиносон тасвирро аз унсурҳои асосии шеър шуморидаанд, зеро «кашфи моҳияти асосии шеър - тасвири шоирона чун мифтоҳе хизмат хоҳад намуд, ки ба туфайли он дониш, маҳорат ва завқу салиқаи эстетикии суханвар муайян мегардад» [109, 9]. Бояд зикр кард, ки шоирони замони Истиқлол имкон пайдо карданд, ки бо адабиёти ҷаҳон, алалхусус бо адабиёти ҳамзамонони хориҷ бештар ошно шаванд. Ин ошноӣ ва баҳрабадорӣ аз шоирони бузурги адабиёти муосири форсӣ, монанди Нимо Юшиҷ, Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодурпур, Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Ҳушанг Ибтиҳоҷи Соя, Симини Беҳбаҳонӣ Маҳди Ахавони Солис (Умед), Аҳмади Шомлу, Халилулоҳ Халилӣ, Бориқ Шафеӣ, Сулаймон Лоиқ ва дигарон дар таҳаввули ҷанбаҳои ҳунарии ашъори онҳо, аз ҷумла дар тарзи тасвирҳои шоирона бетаъсир набудааст.

Дар байни шоирони насли аввали замони Истиқлол бештар аз ҳама Бозор Собир ба сифати шоири тасвиргар шинохта шудааст. Ҳамчунин шоироне монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ ва дигарон дар ашъорашон тасвирҳои шоиронаи зиёде, хусусан ҳангоми баёни мавзуи зан-модар доранд, ки муҳаққиқон ба онҳо ишора намудаанд. Масалан, шоир ва адабиётшиноси варзида Аскар Ҳаким дар китоби «Анвои шеъри ғиноӣ» [140] батафсил доир ба анвои тасвир дар шеъри муосири тоҷик бо овардани шоҳиди шеърӣ маълумот дода, ҷойгоҳи тасвирро дар шеъри муосири тоҷик (бештар ашъори даврони Шуравӣ) таъйин намудааст. Ҳамчунин унвонҷӯёне монанди Тайиба Бобоева дар рисолаи «Тасвир дар шеъри муосири тоҷик (дар мисоли ашъори Фарзона)» [160] ва Н.М. Ризобоева «Тасвирҳои породоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият) [169] дар ин масъала изҳори андеша

намудаанд. Аз шоирони даврони Истиқлол, ки мо дар кори худ ашъори онҳоро ба сифати сарчашмаи асосӣ интихоб кардаем, илова бар рисолаи зикршудаи Т. Бобоева дар бораи ашъори Фарзона, Ш.Р. Исрофилниё дар мақолаи «Устураи сарнавишт» перомуни нақши тасвир дар баъзе шеърҳои Раҳмат Назрӣ сухан кардааст [192]. Муҳаққиқони дигар низ ҳангоми баррасии ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар ишораҳое ба тарзи тасвир дар шеъри ин шоирон доранд. Аммо ин рисолаву мақолаҳои зикршуда, аслан сухан дар бораи нақши тасвир ва ҷанбаҳои ҳунарии шоирон меравад ва гоҳе дар перомуни тасвири симои зан, модар ишораҳо рафтаасту бас.

Дар шеъри Раҳмат Назрӣ тасвирҳои шоиронаи зиёде ҳангоми тасвир ва тавсифи симои зан-модар ба назар мерасанд, ки дар шеъри муосир назирашро кам меёбем. Ш.Р. Исрофилниё дар масъала менависад: «Аксари шеърҳои Раҳмат Назрӣ дорои тасвирҳои зебои шоирона ҳастанд, ки дарунмояи муҳкаме доранд» [192, 12]. Чунон ки дар боби дуюм мушоҳида намудем, Раҳмат Назрӣ дар тасвири симои зан-модар чирадаст асту зан ва модари тоҷикро ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин ба риштаи тасвир кашидааст. Тасвирҳои шоир дар ин мавзуъ на танҳо аз нигоҳи мазмун, балки аз диди ҳунар низ ҷолиби таваҷҷуҳанд. Дар мавриди модар шоирони зиёде шеър сурудаанду модарномаҳо офаридаанд. Раҳмат Назрӣ дар симои модар аз як сӯ, меҳру муҳаббат ва аз сӯи дигар, ғаму андуҳи ӯро дар фироқи фарзанд ҳунармандона ба тасвир меоварад. Чунончи, дар шеъри «Ҳадиси модар», ки соли 1993, дар соли шум барои миллати тоҷик, авҷи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, эҷод шудааст, ғаму андуҳи модар дар фироқи фарзанди гумшудааш чунон ба тасвир омада, ки хонанда он ҳама андуҳро дар вуҷуди худ эҳсос мекунад:

Сабза сабзидаву хуррам бӯё,
Аз таги по гули зардак рӯё.
Бо сарандози сияҳ пиразане
Раҳ ба раҳ пушта ба пушташ пӯё.
Аз ғами тиратарини дили ӯ
Нигаҳи хираи лолаш гӯё.

Ашки шӯридаи шӯраш нам-нам
Шӯраи гунаи ӯро шӯё.
Дам ба дам гиря гулӯяш гирад,
Дар ба дар мотами худро мӯё.
Бо асо модари пири тоҷик
Писари гумшудаашро ҷӯё…
Хун бигиряд дилам, ояндаи хеш
Карда гум модари меҳан гӯё [26, 18].

Адабиётшинос Ш.Р. Исрофилниё таъкид карда, ки «дар шеъри Раҳмат Назрӣ ҳар калима ҷойи худро дораду бори маънӣ мекашад ва ҳарфҳо оҳанги мусиқоӣ доранд» [192, 12]. Ин хусусиятҳоро дар шеъри боло кушоду равшан мушоҳида мекунем. Дар байти аввал тасвири замон аст, яъне баҳори соли 1993, ки бо вуҷуди «бӯёии сабзаи сабзида»-ву нармии «гули зардак» «зери по» оҳанги ҳузн ҳувайдост. Ибораи «сарандози сияҳ» дар байти дувум аз як сӯ, ишора ба суннати миллист, ки рӯзи азо сиёҳ мепӯшанд, аз сӯи дигар, таҷассумгари ғаму андуҳ аст. Калимаи «сияҳ» ифодагари мусибати сахт аст, ҳатто наметавон шакли дигари он «сиёҳ»-ро дар ин мисраъ ба кор бурд, зеро ин вусъати маъноиро надорад. Шоир дониста ва огоҳона вожаи «сияҳ»-ро ба кор бурдааст, то хонанда ин мусибатро дар вуҷудаш эҳсос кунад. Ҳарфҳое низ дар ҳар байт вуҷуд доранд, ки лаҳни мусиқоиеро эҷод мекунанд ва бори маънӣ мекашанд. Масалан, ҳарфи «се» дар мисраъҳои аввали байти якуму дувум (дар калимаҳои «сабза», «сабзида», «сарандоз, «сияҳ»), ҳарфи «пе» дар мисраи дувуми байти дувум (дар калимаҳои «пушта», «пушташ» ва «пӯё»), ҳарфи «ш» дар байти чаҳорум (дар калимаҳои «ашк», «шӯрида», «шӯраш», «шӯра» ва «шӯё») ва ғайра.

Бояд зикр кард, ки образи «пирзан», ки дар забони гуфтугӯии мо ба шакли «пиразан» ба кор меравад ва бо ҳамин шакл дар забони адабии муосири тоҷик ворид шудааст, дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ таърихи куҳан дорад. Дар байтҳои бозмонда аз маснавиҳои устод Рӯдакӣ бо ин образи бадеӣ вохӯрдан мумкин аст. Шоирони бузурге монанди ҳаким Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ,

Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигар суханварон ба такрор ин образро ба кор бурдаанд. Масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ дар маснавии «Силсилат-уз-заҳаб» зимни «Ҳикояти пирзоле, ки роҳ бар Санҷар гирифта ва аз бероҳии як-ду золим додхоҳӣ кард ва зулми эшонро аз роҳ бардошт» ин образро намоди ё худ рамзи эътироз алайҳи зулму ситам қарор додааст [79, 116]. Ҳамин гуна рамзи эътирозу исён дар муқобили зулми золимон қарор гирифтани образи зан-модарро дар «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ низ мушоҳида мекунем. Чунончи, дар равзаи сеюм ҳикояте меоварад, ки *«Занеро аз ҷамоате, ки бар Ҳаҷҷоҷ хурӯҷ карда буданд, пеши вай овärданд...»*. Дар ин ҳикоят зан-модаре дар муқобили золимтарини золимон дар таърихи хилофат- Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф қарор медиҳад ва ин зан сухане мегӯяд, ки таъсираш ба золим беш аз ҳазор шамшери ҷанговарон аст: *«Ман аз Худои таоло шарм медорам, ба марде назар кунам, ки Худои таоло ба вай назар намекунад*!» [78, 71]. Ҳамин суннати адабии адабиёти классикӣ дар шеъри Раҳмат Назрӣ идома ёфтааст. Дар шеъри дар боло зикршуда Ватан-Тоҷикистон дар симои пиразани сияҳпӯше ба тасвир омадааст, ки фарзандашро куштаанд. Хонанда аз мутолиаи ин шеър мусибати ҷанги шаҳрвандиро, ки Ватан дар гирдоби бало буд, дар вуҷуди худ эҳсос мекунад. Мусибати ҷанг, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама, бар сари занону модарон аст ва аз ҳамин сабаб ин образ ҳангоми тасвири воқеаҳои ҷанг дар маркази диққати суханварон қарор мегирад.

Дар шеъри Раҳмат Назрӣ, бино ба гуфтаи ноқидони ашъораш, «вазифаи радиф ва калимоти қофия танҳо ба ҳамоҳангу мавзун кардани мисраю байтҳо маҳдуд намегардад, балки бори маънӣ ба душ доранду мақсади шоирро пурраву комилтар мегардонанд» [192, 12]. Ҳамин хусусиятро дар шеъри «Ҳадиси модар» мушоҳида мекунем: Калимаҳои қофия «бӯё», «рӯё», «пӯё», «гӯё, «шӯё», «мӯё», «ҷӯё» ва «гӯё» ҳар як маъние илқо мекунанд, ки ба мазмуни матни шеър алоқаманд аст. Шоир барои ифода намудани мусибати бузург муассиртарин калимаҳоро ба кор мегирад, монанди «мӯё» ба маънии мӯйидан, гиряву навҳа, нолаи ҳазин кардан аст. Шоир фоҷиаи бузурге, ки соли 1993 ба сар Ватан-Тоҷикистон омада буд, дар симои модари пири тоҷик ба тасвир меоварад, ки бо

«сарандози сияҳ»-у асо дар даст писари гумшудаашро меҷӯяд. Ин «модари пири асобадасти тоҷик» «модари меҳан»- Тоҷикистон аст, ки гӯё ояндаи хешро гум кардааст.

Дар боробари калимаҳои модар, зан, пиразан вожаи хоҳар низ ба шеъри Раҳмат Назрӣ корбурди фаровон дорад ва аз калимоти калидӣ дар шеъри вай ба шумор меравад.Чуночи, дар шеъри «Оинаи шикаста»:

Эй хоҳари ғариби ман, эй меҳрубони дур,
Аз офтоб сӯзи дили худ нуҳуфтаӣ.
Дар пушти хокпуштаи хокистарии Рашт,
Эй хок бар сарам, ки таги хок хуфтаӣ [27, 80].

Муҳаққиқони шеъри Раҳмат Назрӣ тасвироти маросим ва суннатҳои мардумиро як ҷузъи муқаввии шеъри ӯ донистаанд, ки «печидаву пӯшида дар либоси ҳунару санъати тоза» [26, 148] баён ёфтааст. Дар ҳақиқат дар шеъри боло, ки марсияест ба ёди хоҳари ҷавонмаргаш, шоир калимоту таркиботе ба кор бурда, ки хеле муассиранду таносуби қавӣ байни худ доранд, монанди «хоҳари ғариб» ва «меҳрубони дур». Ҳатто дар байни калимаҳои ин ду ибора таносуб побарҷост: Хаҳар- меҳрубон, ғариб-дур. Мисраи дувум дар баробари маънии фарохе доштан таносуби маъноӣ байни калимоти он мавҷуд аст: офтоб ва сӯзи дил. Дар байти дувум чида шуда омадани калимаҳои ҳамоҳанг, монанди «пушт» ва «хокпушта» ва ба такрор омадани вожаи «хок» дар калимаҳои «хокпушта», «хокистарӣ» ва ду бор ба маънии гуногун омадани худи вожаи «хок» лаҳни муассире ба шеър бахшидааст. Таъбири «хок бар сар кардан» ишора ба расмест, ки дар маросими мотам баъзе аз одамон, хусусан модарон аз шиддати ғаму андуҳи аз даст додани азизашон бо панҷаҳояшон хокро аз замин мекананду са сарашон мерезанд. «Таги хок хуфтан» ишора ба мурдаест, ки дафн шудааст.

Ташбеҳи «барги сабз» ба «чеҳраи сабзинаи ҳоҳар», шикастани оина дар сари санги мазор, ки яке аз русуми миллист ва ташбеҳи он ба дили шикастаи хоҳар хеле муассир ва табиӣ баромадааст:

Дунё намедиҳад дигар аз дур ҳам нишон,

Як барги сабзи чеҳраи сабзинаи туро.

Бишкастаанд бар сари санги мазори ту

Ҳамчун дили шикастаат оинаи туро [27, 80].

Ҳамин гуна гулчин намудани калимот ва корбурди таркиботи табиию муассир, ки ба қалби хонанда таъсир мерасонад дар мисраъҳои дигари ин шеър низ ба назар мерасанд.

Раҳмат Назрӣ гоҳе бо як калима матлаберо баён мекунад. Чунончи, дар пораи шеърии зер калимаҳои «шир» ва «сапеда», ки ҳар ду бо ҳам таносуби маъноӣ доранду аз нигоҳи зоҳирӣ низ бо ҳам наздиканд, вождаи калидиянд ва калимаи «пиразан» воситаи баёни маънӣ шудааст:

Бомдодоне, ки мерезад сапеда,

Гесувони пиразан безад сапеда.

Гӯиё шираш ба ҷони ӯ бурида,

Бар сараш чун мӯи испедаш дамида…[27, 56]

Дар ҳар мисраи ин пораи шеърии боло, ки дар шакли маснавӣ суруда шудааст, сапедию нур пеши чашми хонанда метаровад: бомдод, сапеда, гесувони пиразан, шир, мӯйи испед ва ҳато «бурида»-ву «дамида», ки буридану дамидани шир дар назар аст. «Буридани шир» ба маънии вайрон шудани он аст. Дар забони гуфтугӯи тоҷик «шир буридааст» мегӯянд, яъне вайрон шуда ва қобили хӯрдан нест. «Дамидани шир» ҳангоми пухтани шир сурат мегирад, ки ҳангоми аз меъёр зиёд дар оташ ҷӯшондан, аз лаби зарф дамида мерезад. Ҳамин гуна тасвирҳои олӣ ва ҳунармандона ҳангоми тасвиру тавсифи занмодар дар шеърҳои дигар шоир ба назар мерасанд, ки дар боби дувум ба онҳо ишора кардаем.

Хулоса, тасвирҳои шоирона дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол, ки аксар дар ҷодаи шеъру шоирӣ таҷрибаи калон доранд, хеле зиёд ва ҳунармандона аст, ки намунаи онро дар шеъри Раҳмат Назрӣ мушоҳида намудем.

Тасвир дар шеъри шоирони насли дувуми даврони Истиқлол, аз ҷумла Фарзонаи Хуҷандӣ мақоми хос дорад, ки муҳаққиқоне монади Аскар Ҳаким,

М.Н. Ризобоева ва Тайби Бобоева дар китобу рисолаҳои худ дар ин масъала сухан кардаанд. Хусусан рисолаи Т. Бобоева бевосита ба нақши тасвир дар шеъри Фарзона ихтисос дорад. Аммо ин ҷо мо танҳо тасвирҳои шоиронаеро баррасӣ мекунем, ки шоирони насли дувум ҳангоми тасвири зан-модар офаридаанд. Шеъри Фарзона дар ин мавзуъ метавонад намунаи боризи он тасвирҳое бошад, ки шоирони насли дувум ба зан-модар ихтисос додаанд.

Чунонки дар боби дувум мушоҳида намудем, Фарзона шеърҳои зиёде дар васфи модар сурудааст ва дар ин шеърҳо байтҳое ҳастанд, ки тасвирҳои олии шоирона дорад. Масалан:

Уксигенам бахшию заҳрам ҷабӣ,
Эй дарахти сабзи полояндаам.

Дар тасвири шоир модар дарахти сабзеро мемонад, ки заҳрро меҷабад ва оксиген медиҳад. Дарахти сабз карбонро меҷабаду оксиген хориҷ мекунад ва он оксиген ҳавоест, ки мо- инсонҳо нафас мекашем. Заҳр дар нигоҳи аввал ҳамон карбон аст, ки дарахт меҷабад, аммо мақсади шоир аз заҳр дарду ранҷ ва мушкилотест, ки ҳар як инсон дар зиндагӣ рӯ ба рӯ мешавад ва танҳо модар аст, ки ин дарду ранҷи фарзандро дармон мебахшаду мушкилоташро ҳал менамояд. Ташбеҳи модар ба дарахти сабз аз ҳамин дидгоҳ аст. Яъне агар дарахт танҳо карбонро ба худ гираду оксиген хориҷ кунад, модар на танҳо дарду ранҷи фарзандро ба худ мегираду даво мебахшад, балки вуҷуди ӯро чун дарахти полоянда аз гуноҳу андешаи бад покизаву беолоиш мекунад ва фарзандро ба роҳи рост ҳидоят мекунад.

Байти дигар низ аз шеъри зикршуда тасвири қобили таваҷҷуҳе дорад:

Сахт ноҳамвор мондам, гарчи вақт
Метарошад рӯзи шаб бо рандам.

Дар кураи хаёли шоир инсон ба масобаи ҷӯбест ва вақт, гузашти шабу рӯз рандаеро мемонад, ки ин «ҷӯб»-ро метарошад, то ҳамвору суфта гардад. Муроди шоир аз «тарошидани вақт шабу рӯз бо ранда» - таҷрибаҳоест, ки инсон аз зиндагӣ меомӯзад. Яъне ҳаводису воқеаҳое, ки инсонро дар зиндагӣ пеш меояд, ӯро аз озмоиш мегузаронад ва ба ин васила, ба қавли шоир,

«ҳамвор» месозад, яъне роҳи муросову мудороро меомӯзонад. Инсон гоҳо маҷбур мешавад, ки ба равиши замона қадам занаду ба бадию бадтолон муросо кунад, то зиндагии осоишта дошта бошад. Аммо қаҳрамони лирикӣ ин ҷо руҳи инсёнкорона дорад ва бо бадию бадтолон ҳеч сари муросою мудоро надорад, аз ин рӯ, нотарошидаву «сахт ноҳамвор» мондааст.

Дар шеърҳои ба модар бахшидаи шоир тасвир дар ҳадди эъҷоз аст. Ҳама муҳити зисти духтар, аз замин то осмон бастагии ба ҳастии модар дорад. Тасвири мавсими баҳорӣ, ки ҳаво гирифтаву нам-нам борон меборад, инсонеро мемонад, ки бо аз даст додани модар туршрую бастадимоғ асту дар дил як олам гиряҳои беовоз дорад, хеле табиӣ ва олӣ баромадааст:

Осмон туршруху бастадимоғ
Пур-пур аз гиряи беовоз аст.

Ва ё байти дигар:

Шамъи сурхе, ки зи меҳроби кабуд,
Чаппа шуд, як дили хокандоз аст.

Ин ҳама барои касе, ки аҳли фаҳм аст, «нуктаи дархури аҳли рӯз аст» ва барои касоне чун худи шоир «нуктаи дархури аҳли роз» аст. Рафтани модар барои мо- инсонҳо мавсими хатми зиндагии босаодат, аммо барои худи модар зиндаги нав оғоз мешавад:

Нуктае дар хури аҳли рӯз аст,
Нуктае дархури аҳли роз аст:
Баҳри мо рафтани ӯ мавсими хатм,
Баҳри ӯ фасли нави оғоз аст [56, 118].

Дар тасвири Фарзона модар «фарруху фарзонаву фархунда», «дарахти сабзи полоянда», «асосгузори муҳаббат», «офтоби лутф», «дарёи раҳмат», «гавҳари дар ҳуққа ниҳон», «қосиди мубораки байни духтару Худо», «шуъоафрӯзи роҳ», «ҷони ҷону ҷони ҷаҳон», «сафоомӯзи рӯҳ», «хуҷастанафири бароат», «мағфиратхоҳи гунoҳ», «муборакборгоҳ», «фариштагавҳар», «муборакмаҳзар», «муҳаббатпарвар», «оинаи Худойнамо», «ҳамэъҷози Худо», «дабири Ховар» ва чандин авсофи неку зебост, ки дар шеъри ӯ ҳама бамавриду

зебо ба кор рафтаанд. Гуфтан метавон ин ҳама авсофи зебову дархури модар таркиби ибороти тозаест, ки бори нахуст бо воистаи шеъри Фарзона вориди шеъри муосири тоҷик гаштаанд.

Образи зан, алалхусус зани тоҷик бо ҳамон бузургию шаҳомату матонаташ ва аз сӯйи дигар, бо ҳақирию забунияш, ки дар тӯли таърихи дароз ҷомеаи мардсолорӣ ба ӯ менигаристанд, дар ашъори Фарзона ба тасвир омадааст. Дар абёти зер, гуфтан метавон, шоир тавонистааст симои умумиятдодашудаи занро ба таври ихчаму муъҷаз ба тасвир оварад:

Зан будани маро ба таҳи шубҳа мениҳад
Нодилбарию садагию бефусуниям.
Як пайкари ҳақираму як ҷавҳари мунир,
Ниме бузургиям ману ниме забуниям…
Ман ҷамъи ман баробари икс аст дар ҳисоб,
Сад файласуф хира шуд аз «зуфунуниям» [62, 278].

Тасвирҳои олиии шоирона на танҳо дар ғазал, балки дар шеърҳои дар қолаби арузи озод ё худ шеъри нав навиштаи Фарзона низ мушоҳида мешавад. Бояд гуфт, ки шоир дар шеъри нав ё худ арузи озод имкони васеътаре дорад, метавонад мисраъро дароз кӯтоҳ кунад, аммо ба таъкиди муҳаққиқон, дар ин гуна шеърҳо ҳунар бояд мақоми аввалро дошта бошад. Ҳамин гуна ҳунари шоириро мо дар шеърҳои дар қолаби шеъри нав сурудаи Фарзона мушоҳида мекунем. Масалан, дар шеъри «Поянда»:

Дар абри тираи чашмони ту оҳанги борон аст,
Марез ашке,
ки ҳатто дар фалак хуршед гирён аст.
Чаро маҳзунӣ,
эй модар,
Чаро зангулаҳои хандаҳоят занг барбаста,
Чаро мавҷи садоҳои ту бишкаста?... [56, 47].

Дар тасвирҳои шоирона, пеш аз ҳама, ибораву таркибҳо ва калимаҳо бояд зебову шоирона бошанд: Дар шеъри боло таркибу ибораҳои «абри тираи

чашмон», «оҳанги борон», «занг бастани зангулаҳои садо», «шикастани мавҷи садо» шоиронаву ҳунармандонаанд, ки ҳар як маъниеро ифода мекунанд. Таносуб байни калимаҳои ин ибоаву таркибҳо хеле қавист. Масалан, ташбеҳи абри тира ба чашм ва ё таносуби «оҳанги борон» бо «абри тираи чашмон» хеле муносибу олӣ буда, инсиҷоми калимот побарҷост. Ҳамчунин дар байни «зангулаи садо»-ю «ханда»-и модар ва ё дар байни калимаи «зангула» ва «занг», чи аз назари шакл ва чи аз ҷиҳати маънӣ, таносуби маъноӣ барқарор аст.

Чунин тасвирҳои шоирона ҳангоми тасвири симои зан-модар дар чандин шеърҳои Фарзона мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла дар шеъри «Пушти анбӯҳи сабз»:

Модарам аз сандуқ
ҷомаҳои фарбеҳи зимистониро
берун кашиду густурд дар раҳи офтоб.
Ман низ диламро
аз сандуқи сина баровардам.
Ман низ диламро, ки
бӯи андӯҳи зимистон мекард, офтоб додам.
Баъд аз ин, эй мардум,
Дили ман дар никоҳи хуршед аст… [56, 52].

Тасвири яке аз расму одати мардумӣ, ки бо рафтани зимистону омадани баҳор либосҳои зимистонӣ ва курпаву палосро офтоб медиҳанд, бо амали воқеии модар ва рафтори маънавии духтар хеле оливу шоирона ба қалам омадааст. Модар ҷомаҳои фарбеҳи зимистониро офтоб медиҳад, то наму рутубате, ки аз сардиҳои зимистон дар онҳост, бо нури офтоб хушк шаванд. Қаҳрамони лирикӣ бо тақлид аз амали модар мехоҳад дили худро, ки «бӯи андӯҳи зимистон мекунад», офтоб диҳад. Ибораи «офтоб додан» чанд маъно дорад. Аввалан, ишора ба амали модар, ки ҷомаҳоро офтоб додааст. Сониян, ибораи офтоб додан бештар ба маънои маҷозӣ ба кор меравад ва мақсади шоир аз он умедвор будан ба рӯзи шодиву хурсандист. Воқеан, фасли зисимтон дар

адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, алалхусус дар шеър намоди сардӣ, бадӣ ва ғаму ангдӯҳ аст. Ҳеҷ як шоири гузаштаи мо барфро ситоиш накардааст ва дар адабиёти бостон, тибқи эътиқоду боварҳои мардумӣ зимистону сардӣ аз ҷумлаи қувваҳои аҳреманист.

Шеъри зер, ки пас аз зиёрати марқади модар иншо шудааст, тасвири олие дорад: Рӯи гӯри модари шоир санги мармар нест, аммо осмон худро ба рӯйи хокҷои модар лавҳи мармар кардаву бо хатҳои зарнигори офтобӣ катиба навиштааст. Шоир таммоно дорад, ки модар дар ҳарими осмону абру борон, сабзаҳои қадрасу гулҳои мастур чун арусони баҳорон ва дар ҳарими ёди бемарги дӯсторон осуда бихобад:

Рӯи гӯри модари ман
Санги мармар нест.
На, на, балки ҳаст.
Осмон худро ба рӯи хокҷояш
лавҳи мармар кардааст
бо хутути зарнигори офтобӣ.
Дар ҳарими осмону офтобу абру борон,
Дар ҳарими сабзаҳои қадрасу
Гулҳои мастури баҳорон,
Дар ҳарими ёди бе марги тамоми дӯстдорон
Модари ҷон, то абад осуда хобӣ [56, 216]..

Ҳамин гуна тасвирҳои олии шоирона ҳангоми тавсифу тасвири симои зан-модар дар ашъори шоирони насли дуюми замони Истиқлол мушоҳида мешаванд, ки намунаи боризи онро дар ашъори Фарзона мушоҳида намудем.

Ҷанбаҳои ҳунарӣ дар шеъри ба зан-модар бахшидаи шоирони насли сеюми замони Истиқлол низ қобили таваҷҷуҳ аст. Хусусан дар шеъри нимоии шоирони ин насл навъҳои тозаи тасвир ба мушоҳида мерасад. Масалан, дар шеъри «Модарам борон аст»-и Озари Салим:

Модарам борон аст,
Ҳарфҳояш чӣ қадар мавзунанд,

Ва чӣ мусиқии зебост қадамҳояшро!
Ҳолиё, ин дили ман
Ҳаст як ҷангали хушк,
Лек имрӯз чу модар зи дарам боз ояд,
Дили ман сабзтарин бешаи дунё гардад.
Ҳамчу дарҳои муосир, ки шиносанд садо,
Дари асрори шукуфтан
Ба садои қадамаш во гардад.
Модарам борон аст,
Ҳама андӯҳи дилам мешӯяд!

Чунин тарзи тасвирро дар адабиётшиносии муосир ҳисомезӣ гуфтаанд. Бино ба гуфтаи шеършиносон, «дар ин гуна тасвир садо ранг дорад ё ранг дорои таъм аст». Ташбеҳи модар ба борон, гарчанде аз назари шакл ҳеҷ монандие надоранд, аммо аз нигоҳи маънӣ аз ҷанд ҷиҳат қобили қабул аст:

1) Борону модар сабаби сарсабзию хуррамии табиату инсон аст. Ҳамон қадар, ки борон ба табиат ҷон ато мекунаду сабаби сабзию шукуфоӣ мегардад, омадани модар низ ба хонаи фарзанд сабаби фараҳу шодӣ ва сарсабзии ӯ мегардад;

2) Боридани борони найсон, ки мураттабу бонизон аст, аз диди зебошиносии шоир мисраъҳои мавзунро мемонад, монанди ҳарфҳои ширину меҳрубононаи модар.

3) Қадаммонии оҳиставу пиронаи модар аз диди зебоишиносии шоир, ки дар айни замон фарзанд аст, оҳанги мусиқие дорад, монанди резиши борони найсон.

4) Борон чиркину ифлосиро мешӯяд, ба ҳамин монанд модар ғаму андӯҳро аз дили фарзанд монанди борон мешӯяду ба шодӣ мубаддал месозад.

Дар абёти дигари шеъри боло шоир дили худро ба ҷангали хушке ташбеҳ карда, ки бо қудуми модар ба бешаи сарзабз мубаддал мегардад. Таркиби «дари асрори шукуфтан» дар мисраи баъдӣ таъбири зебову нави шоирона аст, ки бо

қудуми модар ба фарзанди эҳдо шудааст. Дар байти охир шоир бори дигар таъкид ба «борон будани модар» мекунад, ки «ҳама андӯҳи дили ӯро мешӯяд».

Озар байни дарахт ва модар аз ҷиҳати маъно монандие дарёфта, ки гоҳе модарро ба дарахт ташбеҳ мекунад ва гоҳе баръакс, дарахтро ба модар ташбеҳ додааст. Масалан, дар шеъри «Деҳа» дарахт ба модар ташбеҳ шудааст:

Дар он баландии зебо, ки як дарахти баланд
Шабеҳи модари танҳову роҳпои ман аст.

Интизории модарон дар сари роҳи деҳа аз ҷумлаи тасвиротест, ки ҳам дар осори насрӣ ва ҳам дар манзумаву ашъори ғиноии суханварон ва ҳатто дар мусавварaҳои рассомон ба чашм мехурад. Хусусан осоре, ки ба мавзуи ҷанг ихтисос доранд, чунин тасвирҳои муассирро мушоҳида кардан мумкин аст. Модар ягона фарзандашро ба ҷанг гуселонидааст ва ҳар рӯз дар сари роҳи деҳа соатҳо менишинад, то фарзандаш сиҳату саломат аз ҷанг баргардад. Аз сӯйи дигар, дар рӯзгори мо фарзандон аз деҳа ба шаҳр меоянду муқимӣ мешаванд ва модарони онҳо дар интизори фарзанд ба сари роҳ мебароянд, ки шояд фарзанди сафаркардаашон ба дидани онҳо меояд. Дар сари роҳи деҳа, ки онро ба ҷаҳони беруна мепайвандад, инсоне некманзаре дарахти чаноре шинондааст, то роҳгузарон зери сояи он кӯфти роҳро бароваранд. Аз диди зебошиносии шоир ин дарахти зебои баланди чанор, ки дар сари роҳи деҳа истодааст, монанди модари танҳои ӯст, ки чашм ба роҳи фарзандаш аст.

Ҳамин гуна ташбеҳи зебоии дарахтро ба модар дар «Ғазали дарахт» мушоҳида мекунем:

Кунад суроғи сафаркардаҳои худ зи насим,
Дуруст, модари чашминтизорро монад.

Шоир бо вожаи дарахт ва модар изҳори андеша мекунад ва ҳатто унвони баъзе шеърҳои Озари Салим, ки ба модар бахшида шудаанд, нишоне аз пайванди модар ва табиат, аз ҷумла дарахт ба назар мерасад. Чуноничи, шеъри зер «Сарви дуо» унвон дорад, ки шоир ҳангоми ба сафар баромаданд дуои модарро мегирад. Дар адабиёти гузашта мо аслан қомати баланду мавзуни маҳбубаро ба сарв ташбеҳ ва ё истиора кардаанд.Байни дарахт сарв ва дуои

модар чӣ таносубе буда метавонад, ки шоир шоир аз ин ду калима ибораи шоирона «сарви дуо»-ро сохтааст. Ба пиндори мо, дар ин ибора муроди шоир баландии сарв аст, ки мустаҷобкунандаи дуо низ, дар тасаввуроти бандагони Худо, дар осмонҳои баланд қарор дорад.

Субҳ шуд, модар!
Субҳ шуд, яъне, сар омад интизорӣ.
Ман мисоли чашмаҳо, ин суфиёни содаи кӯҳ
Мешавам бо ёди ирфони сафар ҷорӣ.
Меравам, модар!
Меравам в-ин ҷурм, ҷурми чашмасорон аст,
Чашмаҳо устоди ман буданд
Чашмаҳо гуфтанд:
Ирфони сафар аз хона берун аст,
Маърифат ҳамроҳи Маҷнун аст.
Чашмаҳо, ин суфиёни сода мегуфтанд:
Бояд гашт ҷорӣ..
Меравам, модар,
Аз бароям ҳадя кун як шоха аз сарви дуоят,
То бирӯяд дар замини дафтари ман.

Ҳамин гуна тасвири олии шоирона ва таносуби калимот байни модар, хуршед, субҳ, нон, танур дар шеъри «Хуршедҳои модар» мавҷуд аст:

Ҳар субҳ модарам
Аз маҳбаси танӯр
Хуршедро бо муъҷиза меоварад бурун.
Хуршедҳои модарам
Доранд таъми хӯшаи гандум.
Хуршеди субҳро
К-он ҳам шабеҳи нон аст
Шояд, ки модарам
Баҳри Масеҳи зинда мефиристад [38, 50].

Дар катибаи зер, ки «Дар лаби чашма» унвон дорад, тасвири олие мавҷуд аст:

Ҳаст аз мавҷ табассум дар лабони чашма,
Об ҳам дар бағали модари худ механдад [38, 96].

Аз қаҳри замин ҷӯш зада боромани об дар чашма ва пасту баланд шудани он ва овози маҳин баровардан аз назари зебописандии шоир як табассуми табиатро мемонад. Дар ин катиба, ки унвон дораду аз як байт иборат аст, дар баробари тасвири олӣ маънии амиқе ҳам дорад. Яъне, ҳама махлуқ, хоҳ инсон, хоҳ ҳайвон ва хоҳ ҷамод дар бағали модари худ хурсанду шод ва хушбахт аст. Чунин тасвирҳои шоиронаро метавон дар ашъори се насли шоирони замони Истиқлол мушоҳида кард. Бояд зикр кард, ки тасвири симои модар дар шеъри шоирони насли сеюми Истиқлол хеле таҳаввул ёфт. Ҳатто дар шеъри ҷавононе, ки тоза ба адабиёт ворид шудаанд, шеъри олиро дар ин мавзуъ вохурдан мумкин аст. Ин гуна шеърҳои нағз аз ояндаи дурахшони шеъри тоҷик дарак медиҳад. Монанди шеъри «Модарам меояд»-и Толиби Луқмон, ки дар рӯзномаи «Ҷумҳурият»(20-январи 2023) тоза ба нашр расидааст:

Шаҳр имрӯз дигаргуна фазое дорад,
Кӯча аз бӯи хуши пайраҳоҳои намхӯрда
Рӯҳбахшой ҳавое дорад.
Осмон низ хабар ёфта аз омаданаш,
Шустушӯ дода хиёбонҳоро,
То чу ояд зи раҳи дур, даме хӯрда ҳаво,
Нафасаш рост кунад.
Баргҳо низ чу ман аз ҳаяҷон ларзонанд
Дар сари шохи чанор.
Гӯӣ, огоҳ шудаанд:
Пуштибони дилу имдодгарам меояд,
Модарам меояд.

Тасвири роҳи воқеӣ аз хонаи падарӣ то хонаи писар, ки дар пойтахт аст, монанди ағбаву тармааш, нақби торик хеле табиӣ ва боварбахш ба тасвир омадааст:

Баски ӯ дар сафари хеш ба сӯи иқбол
Пушти сар карда басо ағбаи сарсониро,
Нақби торики ғами ғаму ҳасрати тулониро,
Ағбаву тармааш аз роҳ намедоранд ҳеч.
Баста дар бухчаи худ мағзу мавиз,
Балки дар бухчаи худ ҳамраҳи савғотии беш
Таҳ ба таҳ баста ҳама хотираҳои тифлӣ,
Баҳри дидори ман он шедфарам меояд,
Модарам меояд…

Ин шеъри шоири ҷавон аз ҳафт банд иборат аст ва ҳар банди он дорои тасвирҳои олии шоирона аст, ки меҳру муҳаббати фарзандро ба модар бозгӯ мекунад. Қудуми модар ба хонаи фарзанди дурафтода ва шодию ҳаяҷони фарзанд аз омадани модар хеле олӣ ба тасвир омадааст:

То бубинад, ки дар ин иқлими хунуксари фироқ
Дур аз лонаи гарми падарӣ бачаи ӯ –
Мурғаки кӯчии раҳдур чӣ ҳоле дорад,
То бидонад, ки дар ин даври пур аз озу ниёз
Нозпарвардаи вай дар сари хеш
Чӣ гумонҳову чӣ савдову хаёле дорад,
Хотирошуфта ба даргоҳу дарам меояд,
Модарам меояд…

Чунин  шеърҳои хубу хонданиро дар васфи модар дар ашъори шоирони ҷавоне монанди Бузургмеҳри Баҳодур, Фирдавси Аъзам, Бобаки Суғдӣ, Бузургмеҳри Ҳаким, Бузургмеҳри Тоҷиддин ва дигарон дидан мумкин аст. Ин худ гувоҳи он аст, ки тасвири  симои зан-модар дар шеъри шоирони замони Истиқлол таҳаввули ҷиддие касб карда ва ояндаи неки шеъри тоҷик гувоҳи медиҳад.

# ХУЛОСА

Таҳқиқ ва баррасии мавзуи «Тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол» моро ба чунин хулоса овард:

1. Дар ҷаҳони муосир масъалаи зан-модар аз масоили муҳими ҷомеаи башарӣ буда, таърихи башарият собит карда, ки саодату хушбахтии инсоният ба мақоми баланд доштани зан-модар дар ҷомеа ва арҷ гузоштан ба ӯ вобаста аст [1-М].

2. Сарчашмаҳои таърихию динӣ, устураҳо ва осори бозмонда аз адабиёти аҳди бостон гувоҳи онанд, ки зан-модар дар ҷомеа ақвоми ориёӣ мақоми махсус дошта, на танҳо дар корҳои ҷамъиятӣ, балки дар умури динию мазҳабӣ низ иштироки фаъол доштаанд [8-М].

3. Баррасии андешаҳои донишмандон ва таҳқиқи осори назмию насрии асриҳо X-X1X  нишон медиҳад, ки бовуҷуди дар адабиёти ин давра зан  ба ҳайси сарчашмаи ишқу зебоӣ ва модар ба сифати отифаи меҳру  муҳаббат қарор гирифтан, андешаҳои пасту заиф ва ноқисулақл донистани зан ба назар мерасад, ки бархоста аз ҷомеаи мардсолории он ва бардошти нодуруст аз Қуръону ҳадисҳои набавист [9-М].

4. Вобаста ба талаботи идеологияи ҳизби ҳукмрон тавсиф ва тарғиби симои зани озод дар адабиёти тоҷики замони Шуравӣ ба таври густарда ба мушоҳида мерасад ва маҳз дар ҳамин давра шеъру достонҳо дар васфи зани озод ва «Модарнома»-ҳо ба вуҷуд омаданд [2-М].

5. Мавзуи озодии занон аз мавзуъҳои асосии адабиёти тоҷик дар замони Шуравӣ буда, шоироне монанди А. Лоҳутӣ ва П. Сулаймонӣ ибтикороти тозае ҳам дар сохтор ва ҳам дар муҳтаво ворид намуданд, ки шоирони насли комсамол онро идома доданд [7-М].

6. Бо истиқбол аз ибтикори П. Сулаймонӣ бо такя  ба сунатҳои адабии гузашта ва иҷрои талаботи замони нав ашъори зиёде дар тарғиби озодии зан васфу ситоиши зани  озод аз тарафи шоирони ҷавон суруда шуд, ки ашъори М. Турсунзода  намунаи боризи ин гуфтаҳост [1-М].

7. Шогирдони «мактаби Айниву Турсунзода» чун Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва дигарон суннатҳои адабии ин мактабро дар тасвиру тавсифи зан-модар, алалхусус дар «модарнома»-нависӣ собитқадамона идома дода, ба камол расонданд [2-М].

8. Дар таҳқиқи мавзуи образи зан-модар дар адабиёти муосири тоҷик (адабиёти даврони Шуравӣ) муҳаққиқон бештар ба муҳтавои ашъори шоирон таваҷҷуҳ кардаанд, таҳқиқи ин мавзуъ аз лиҳози ҳунар аз назари муҳаққиқон то андозае дур мондааст [1-М].

9. Дар ашъори солҳои 80-90 асри ХХ-и адабиёти тоҷик шеърҳое ба майдон омаданд, ки озодии зани тоҷик зери шубҳо қарор дорад ва онро метавон таҳаввули андеша дар тасвири симои зан-модар дар адабиёти муосир тоҷик номид [2-М].

10. Шароити мусоиди замони Истиқлол имкон дод, ки таҳаввули назаррасе ҳангоми тасвир ва тавсифи симои зан-модар дар адабиёти тоҷик ба вуҷуд ояд [3-М].

11. Симои зан-модари тоҷик дар шеъри замони Истиқлол бо такя ба суннатҳои миллӣ, бо дарду ранҷ ва нишоту шодмонияш ба риштаи тасвири бадеӣ кашида шуда, ки ҳуввияти миллии тоҷиконаи ӯ ҳувайдост [4-М].

12. Ошноии шоирони замони Истиқлол аз адабиёти ҷаҳон ва алалхусус аз адабиёти ҳамзабонони хориҷӣ, таъсири назаррасе ҳам дар тарзи тасвир ва ҳам дар шаклҳои шеърии ашъори шоирони тоҷик ҳангоми тасвири симои зан-модар гузоштааст [5-М].

13. Ашъори ба зан-модар бахшидаи Раҳмат Назрӣ, ки такя ба суннат ва оинҳои миллӣ дорад, аз лиҳози ҳунари шоирӣ хеле қавию муҳкам буда, гувоҳи таҳаввулу такомули мавзуи мазкур дар шеъри шоирони насли аввали замони Истиқлол аст [6-М].

14. Ашъори ба зан-модар бахшидаи Фарзона шеъри эҳсосу андеша, эътиқод ва суннату боварҳои инсонист, ки доманаи фарох дошта, хеле зебо ва пероста бо ҳунаранд [4-М]; [12-М].

15. Фарзона симои зан-модарро аз диди тоза ба тасвир кашида, ки метавонад адабиёти тоҷикро дар сатҳи олӣ ба оламиён муаррифӣ намояд [3-М; 11-М].

16. Ашъори Озар Салим гувоҳи он аст, ки насли севуми шоирони замони Истиқлол суннатҳои адабиёти миллатро собитқадамона идома медиҳанд ва метавонанд таҳаввули чашмрасе дар раванди адабиёт ворид созанд [10-М].

17. Ороёҳо адабӣ дар тасвирҳои шоирона ҳангоми тасвири симои зан-модар аз муҳимтарин дастовардҳои шеъри замони Истиқлол буда, аз завқу салиқаи баланди суханварӣ, ҳунари шоирӣ ва диди зебоишинохтии шоирон гувоҳӣ медиҳад [6-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Диссертатсия ба донишҷӯён, магистрон, докторантон, унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ ва муҳаққиқон дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, алалхсус адабиёти замони Истиқлол мусоидат карда метавонад.

2. Дар омӯзиш ва таҳқиқи образҳои шеърӣ(дар мисоли симои зан-модар) дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, аз ҷумла адабиёти муосири тоҷик диссертатсия барои пажӯҳишгарон маводи фаровон дода метавонад.

3. Натоиҷи ба даст омада аз таҳқиқи мавзуъ дар шинохти хусусиятҳои асосии шеъри замони Истиқлол ва таъини таҳаввули мавзуъҳои ҷудогана, алалхусус тасвири образҳои шеърӣ барои муҳаққиқон ба сифати дастур хидмат карда метавонад.

4. Таҳқиқи таҳаввули тасвири симои зан модар дар шеъри замони Истиқлол, аз ҷумла дар ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзона ва Озар Салим, ки дар диссертатсия ҳамаҷониба таҳқиқ шудааст, ҳангоми таҳқиқи ашъори ин шоирон ва таъини нақши онҳо дар таҳаввули адабиёти замони Истиқлол метавонад мусоидат кунад.

5. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада ҳангоми навиштани таърихи адабиёти тоҷик, хусусан адабиёти замони Истиқлол муфид буда метавонад.

6. Ҳангоми тартиб додани барнома, силабусҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ доир ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла адабиёти замони Истиқлол дар факултетҳои суханшиносии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мавод ва натиҷаҳои илмии диссертатсия истифода бурдан мумкин аст.

7. Ҳангоми тартиб додани барнома ва навиштани китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мавод ва натиҷаҳои илмии диссертасия метавон истифода бурд.

8. Таҳқиқи густардаи образҳои шеърӣ, аз ҷумла тасвири симои зан-модар дар адабиёти тоҷик аз масъалаҳои муҳими илми адабиётшиносӣ буда, дурнамои мавзуи таҳқиқи диссертатсияро нишон медиҳад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо:


1. Айнӣ, С. Куллиёт, ҷилди 2 [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 657с.
2. Атоӣ, З. Ситораи муштарӣ [Матн] / З. Атоӣ. – Душанбе: Адиб, 1998. – 125 с.
3. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ [Матн] / Таҳияи матн ва луғату тавзеҳот аз Х. Шарифов ва А. Абдусатторов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
4. Аҷамӣ, М. Атри шабҳои Хуросон [Матн] / М. Аҷамӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1387. – 153 с.
5. Аъзам Ф. Абрҳои обӣ [Матн] /Фирдавси Аъзам. – Хуҷанд: Ношир, 2011. – 80 с.
6. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Ҷилди якум [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, Ирфон, 1983. – 464 с.
7. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт.Ҷилди дувум [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, Ирфон, 1982. – 368 с.
8. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Ҷилди савум [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, Ирфон,1983. – 416 с.
9. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, Ирфон, 1984. – 496 с.
10. Ганҷавӣ, Низомӣ. Куллиёт.Ҷилди панҷум [Матн] / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе, Ирфон, 1984. – 398 с.
11. Гулрухсор. Дар паноҳи сояи худ (китоби шеър) [Матн] / Гулрухсор. – М.: Академия, 1998. – 256 с.
12. Гулноз.Шаб дар паси ман буд [Матн] / Гулноз. – Душанбе: Адиб, 2011. – 134 с.
13. Ғазнавӣ, Саноӣ. Девон. Ба саъйи Мударриси Разавӣ [Матн] / Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуддин ибни Одам Саноии Ғазнавӣ.– Теҳрон, 1325. – 1227 с.
14. Ғазолӣ, Абуҳомид Муҳаммад. Кимиёи саодат. Таҳияи Б. Алавӣ [Матн] / Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ. – Теҳрон: Суруш, 1999. – 830 с.

15. Дониш, Аҳмад. Новодир-ул-вақоеъ (мунтахаб). Таҳия, тавзеҳот ва луғатномаи И. Мирзоев ва Б. Мирзоев [Матн] / Аҳмади Дониш. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
16. Зоконӣ, Убайд. Мунтахаби осор [Матн] / Таҳия ва тадвини матн аз М. Холов. – Душанбе: Адиб, 2016. – 242 с.
17. Кайковус, Унсуралмаолӣ. Қобуснома. Бо эҳтимом ва тасҳеҳӣ Ғ. Юсуфӣ [Матн] / Унсуралмаолии Кайковус. – Теҳрон: Амири кабир, 1378. – 609 с.
18. Кайковус, Унсуралмаолӣ. Қобуснома. Ба чоп тайёркунанда: М. Муллоаҳмадов [Матн] / Унсуралмаолии Кайковус. – Душанбе: Сунатуллоҳ. – 190 с.
19. Қаноат, М. Оинаи беғубори ман [Матн] / Муъмин Қаноат. – Душанбе: Хазинаи адабиёти ҶТ, 2002. – 247 с.
20. Қаноат, Муъмин. Аз Бесутун то кунун [Матн] / Муъмин Қаноат. – Душанбе: Адиб, 1993. – 176 с.
21. Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров [Матн] / Қуръони карим. –Душанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.
22. Лоҳутӣ, А. Ашъори мунтахаб [Матн] /Абулқосим Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2020. – 480 с.
23. Лоҳутӣ А. Куллиёт (иборат аз ҳафт ҷилд), ҷилди 2 [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб. – 352 с.
24. Мароғаӣ, Авҳадӣ. Девон. ҶомиҶам [Матн] / Авҳадии Мароғаӣ. – Теҳрон, 1304. – 386 с.
25. Муншӣ, Абулмаолӣ Насруллоҳ. Калила ва Димна [Матн]. Ба эҳтимоми М. Равшан/ Абулмаоли Насруллоҳи Муншӣ. – Теҳрон: Гулшан, 1374. – 540 с.
26. Назрӣ, Р. Андеша дар андеша [Матн] /Р. Назрӣ. – Хуҷанд:Меъроҷ, 2017. – 340 с.
27. Назрӣ, Р. Гулбонг [Матн] / Р. Назрӣ. – Душанбе: Донишварон, 2018. – 320 с.
28. Назрӣ, Р. Лангар [Матн] / Р. Назрӣ. – Душанбе, 2021. – 352 с.

29. Назрӣ, Р. Ситораи раҳнамо [Матн] / Р. Назрӣ. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с
30. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар.Таърихи Бухоро [Матн] / Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. – Душнабе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2012. – 736 с.
31. Наҷот, Д. Меоям аз шигифт [Матн] / Доро Наҷот. – Душанбе: Адиб, 2012. – 380 с.
32. Наҷот, Д. Рӯиш аз сукут (Гулчини ашъор) [Матн] / Д. Наҷот. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 152 с.
33. Нурзод, Н. Меҳроби шукуфаҳо [Матн] / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.
34. Нурзод, Н. Азони танҳоӣ [Матн] / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 120 с.
35. Нурзод, Н. Такрори таронаи борон [Матн] / Н. Нурзод. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 212 с.
36. Озар. Шарқ нозуксуханист [Матн] / Озар. – Душанбе: Адиб, 2019. – 240 с.
37. Озар. Ирфони ҳино [Матн] / Озар. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 112 с.
38. Озар. Гуфтугӯи нахлу моҳ [Матн] / Озар. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 100 с.
39. Озар. Хурмои эътиқод [Матн] / Озар. – Душанбе: Адиб, 2014. – 176 с.
40. Озарахш. Ҷӯйбори сари хирман [Матн] /Озарахш. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Р. Ҷалил, 2011. – 494 с.
41. Озарахш. Девони ишқ [Матн] / Озарахш. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 519 с.
42. Раҷабӣ. Э. Як чеҳра табассум [Матн] / Э. Раҷабӣ. – Хуҷанд: 2016. – 160 с.
43. Раҳматзод, А. Номаи сарво [Матн] / А. Раҳматзод. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 313с.
44. Раҳматзод, А. Номаи муҳрбанд [Матн] / А.Раҳматзод. – Хуҷанд: Андеша, 2010. – 315 с.
45. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон [Матн]: таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Олмотӣ, 2007. – 254 с.

46. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Ашъор [Матн]: таҳияву татвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Р. Ҳодизода ва А.М. Хуросонӣ / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
47. Собир, Б. Замини модарӣ [Матн] / Бозор Собир. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 243.
48. Собир, Б. Шоиру шеъре агар ҳаст (Шеър ва мақолаҳо) [Матн] / Бозор Собир. – Душанбе: Адиб, 2006. – 328 с.
49. Собир, Б. Баргузидаи ашъори устод Бозор Собир [Матн] / Б. Собир. – Теҳрон: Интишороти Алҳудо, 1373. – 404 с.
50. Собир, Б. Симхор [Матн] / Бозор Собир. – М., 1999. – 80 с.
51. Собир, Б. Аз гули хор то симхор. Гулчини шеърҳо [Матн] / Бозор Собир. – Душанбе, 2003. – 52 с.
52. Сулаймонӣ, П. Куллиёт / Пайрав Сулаймонӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 276 с.
53. Турсунзода, М. Шеър ва достонҳо [Матн] / Мирзо Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 1991. – 234 с.
54. Тӯсӣ, Хоҷа Насируддин. Ахлоқи Носирӣ [Матн]: тасҳеҳи Муҷтабо Менуӣ / Хоҷа Насируддини Тӯсӣ. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1369. – 476 с.
55. Тӯсӣ, Хоҷа Низомулмулк. Сиёсатнома [Матн]. Бо эҳтимоми А. Оштиёнӣ / Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ. – Теҳрон: Асотир, 1369. – 382 с.
56. Фарзона. Найшакар [Матн] / Фарзона. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.
57. Фарзона. Ояти ишқ [Матн] / Фарзона-Душанбе: Адиб,1994. – 17 с.
58. Фарзона. Мухри гули мино [Матн] /Фарзона-Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.
59. Фарзона. Паёми ниёгон. Гузидаи ашъори Фарзонаи Хуҷандӣ [Матн] /Фарзона. – Теҳрон: Суруш,1375. – 129 с.
60. Фарзона. Себарга [Матн] / Фарзона. – Хуҷанд: Ношир,2011. – 488 с.
61. Фарзона. Ҳама гул ҳама тарона. Ҷилди аввал [Матн] / Фарзона. – Хуҷанд,2014. – 504 с.
62. Фарзона. Девон. Панҷсад ғазали дилангез [Матн] / Фарзона. – Хуҷанд: Хуросон,2014- 528 с.

63. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди якум [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
64. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди дувум [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе, Адиб, 1987. – 320 с.
65. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 3 [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 528 с.
66. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди чаҳорум [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1988. – 408 с.
67. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди панҷум [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 496 с.
68. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома.Ҷилди шашум [Матн] /Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 552 с.
69. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди ҳафтум [Матн] / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб,1989. – 656 с.
70. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 8[Матн] /Аблуқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 616 с.
71. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома.Ҷилди 1Х [Матн] /Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 654 с.
72. Хатлонӣ, С. Сапедсолори булӯр [Матн] /С. Хатлонӣ. – Душанбе: Ориёно,1991. – 96 с.
73. Хуҷандӣ, А. Накҳати гулҳои гумшуда [Матн] /Адибаи Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 200 с.
74. Ҳилолӣ, Бадриддин. Мунтахаби ашъор [Матн] /Бадриддин Ҳилолӣ. – Душанбе: Адиб, 1985. – 284 с.
75. Ҳазору як ҳадис. Бо саъй ва эҳтимоми Ш. Девонаев [Матн] /Ҳазору як ҳадис. – Душанбе, 2002. – 348 с.
76. Ҳасансултон, С. Даст ба дасти орзу [Матн] / Сурайё Ҳасансултон. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 172 с.
77. Ҷомӣ, Абдураҳмон. Баҳористон [Матн]: муаллифи пешгуфтор ва таҳияи матн аз А. Афсаҳзод / Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 2002. – 238 с.

78. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Осор. Силсилат-уз-заҳаб, саломон ва Абсол, Туҳфат-ул-Аҳрор, ҷилди сеюм [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 1986.
79. Ҳаким, А. Санги ман-алмос [Матн] / Аскар Ҳаким. – Душанбе: Адиб, 2006. – 332 с.
80. Шарвонӣ, Хоқонӣ. Девон [Матн]: ба эҳтимоми Зиёуддини Саҷҷодӣ / Хоқонии Шарвонӣ. – Теҳрон, 1373. – 679 с.
81. Шаҳрия. Шамими нур [Матн] / Шаҳрия. – Душанбе: Адиб, 1992. – 144 с.
82. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди 1. Ашъор [Матн] /Лоиқ Шералӣ. – Душанбе, Адиб, 2008. – 560 с.
83. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт (иборат аз ду ҷилд). Ҷилди якум (китоби дуюм) [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2001. – 712 с.
84. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон [Матн]: таҳияи Ш.Р. Исрофилниё / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ:**

85. Абдусатторов, А. Мақоми зан дар ислом [Матн] / А. Абдусатторов // Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: ДСРТ, 2000. – С.73-76.
86. Акбарзода, Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Адиб, 2004. – 198 с.
87. Ансорӣ, Қ. Мабонии ирфон ва тасаввуф [Матн] / Қ. Ансорӣ. – Теҳрон: Амири кабир, 1386. – 198 с.
88. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.
89. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.
90. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе, Адиб, 2008. – 150 с.

91. Баёнӣ, Ш. Зан дар Эрони асри муғул [Матн] / Ш. Баёнӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон,1352. – 274 с.
92. Бароҳанӣ, Р. Тилло дар мис (дар шеъру шоирӣ) [Матн] / Р. Бароҳанӣ- Теҳрон: Фирдавсӣ, 1371. – 2015 с.
93. Барталоме; Крестенсен, А. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. Тарҷумаи Н. Соҳибзамонӣ [Матн] / Барталоме, А. Кристенсен. – Теҳрон: Бунгоҳи муатбуоти Атоӣ, 1337. – 472 с.
94. Бечка, И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон [Матн] / И Бечка. – Теҳрон: Маркази мутолиот ва таҳқиқоти фарҳанги байналмилал, 1372. – 360 с.
95. Бостонӣ, М. Кӯчаи ҳафтпеч [Матн] / Муҳаммадиброҳим Бостонӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1363. – 567 с.
96. Бобокалонова, Ҷ. Нақши зан дар номаи шоҳон [Матн] / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1998. – 180 с.
97. Бобокалонова, Ҷ. Образи занони советӣ дар адабиёти тоҷик (бо ёрии лекторон) [Матн] / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1978. – 19 с.
98. Бобокалонова, Ҷ. Ҷанбаҳои асотирии баъзе образҳои занони «Шоҳнома» [Матн] // Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо) / Ҷ. Бобокалонова. – Душанбе: ДСРТ, 2000. – С.13-23.
99. Гармсорӣ, А. Нақши иҷтимоӣ ва ҳуқуқии зан аз дидгоҳи дуктур Биҳиштӣ [Матн] / А. Гармсорӣ. – Қум: Интишороти Қудс, 1357. – 284 с.
100. Ваҳҳоб, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритми назми муосири тоҷик (Дар мусоли ашъори Муъмин Қаноат) [Матн] / Р. Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 200 с.
101. Давронов, А. Ҷомеа ва муаммои мавқеи зан [Матн] // Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо) / А. Давронов. – Душанбе: ДСРТ, 2000. – С. 3-4.
102. Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо) [Матн]: муҳаррир, мураттиб ва муаллифи сарсухан А. Давронов // Зан, адабиёт ва ҷомеа. – Душанбе, 2000. – 108 с.

103. Заршинос, З. Зан ва вожа. Гуфторҳои дар бораи занон ва забони суғдӣ [Матн] / З. Заршинос. – Теҳрон, 1385. – 232 с.
104. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Туракул Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
105. Искандарова, Ф. Аҳмади Дониш ва муаммои тасвири зан [Матн] //Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо) / Ф. Искандарова. – Душанбе: ДСРТ, 2000. – С. 66-72.
106. Исрофилниё, Ш.Р. Шарҳи «Дебоча»-и «Шоҳнома» ва Достони «Рустаму Сӯҳроб» [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Пайванд, 2017. – 322 с.
107. Исрофилниё, Ш.Р. Адабиёти бостон [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Эр-Граф, 2019. – 353 с.
108. Исрофилниё, Ш.Р. Адабиёти суғдӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Дониш, 2021. – 147 с.
109. Исрофилниё, Ш.Р. Хамриёти Ҳофиз [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2010. – 248 с.
110. Кадканӣ, М. Ш. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил) [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 248 с.
111. Қазва, А. Хуршедҳои гумшуда [Матн] / А. Қазва. – Теҳрон,1376. – 376 с.
112. Қазва, А. Фарзонае аз Хуҷанд [Матн] / А. Қазва // Фарзона. Сад барги ғазал. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – С. 3-5.
113. Қоиммақомӣ, Фарҳат. Озодӣ ё асорати зан [Матн] / Фарҳат, Қоиммақомӣ. – Теҳрон: Интишороти Ҷовидон,1356. – 457 с.
114. Қуббонӣ, Н. Шеър, зан ва инқилоб. Тарҷумаи А. Фарзод [Матн] / Н. Қуббонӣ. – Теҳрон: Амири кабир,1364. – 532 с.
115. Қулизода, Х. Фарҳанги асотири эронӣ [Матн] / Х. Қулизода. – Теҳрон: Асотир, 1378. – 657 с.
116. Қурбонов, М.А. Консепсияи бадеии образи модар дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / М.А. Қурбонов. – Душанбе: Сомон-граф, 2020. – 152 с.

117. Меҳрангезкор, Ш.Л. Шинохти ҳувияти зани эронӣ дар устураи пеши таърих [Матн] / Шаҳло Лоҳинҷии Меҳрангезкор. – Теҳрон: Интишороии Рӯшангарон, 1371. – 363 с.
118. Мирзоюнус, М. Адабиёти миллӣ ва муколамаи фарҳангҳо [Матн] /М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 516 с.
119. Мирзоёнус, М. Шарҳи шаст шеъри Фарзона [Матн] / М. Мирзоюнус. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 242 с.
120. Муваҳҳид, З. Шеър ва шинохт [Матн] / З. Муваҳҳид. – Теҳрон: Марворид, 1377. – 293 с.
121. Нарзиқул, М. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе, 2022. – 406 с.
122. Нирнурӣ, А. Саҳми арзишманди Эрон дар фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Абудулҳамиди Нирнурӣ. – Теҳрон, 1377. – 643 с.
123. Насриддин, А. Фарҳанги мушкилоти адабиёт [Матн] / А. Насриддин. – Душанбе,1992. – 116 с.
124. Сабурӣ, М. Шеър дар мизони ҳунар (Маҷмуи мақолаҳо) [Матн] /М. Сабурӣ. – Душанбе: Балоғат, 2020. – 160 с.
125. Сақафӣ, З. Таҷаллии зан дар осори Мавлоно [Матн] / З. Сақафӣ. – Теҳрон:Интишороти Турфанд, 1385. – 264 с.
126. Сатторӣ, Ҷ. Симои зан дар фарҳанги Эрон [Матн] / Ҷалол Сатторӣ. – Теҳрон: Нашри марказ, 1373. – 763 с.
127. Сатторзода, А. Кӯҳна ва нав (Дар шеър, нақд ва забон) [Матн] /А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 254 с.
128. Сатторзода, А. Баргузидани навиштаҳо. Бахши I [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Дониш, 2021. – 593 с.
129. Сатторзода, А. Баргузидани навиштаҳо. Бахши III [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Дониш, 2021. – 620 с.
130. Сатторов, А. Аз Рӯдакӣ то Лоиқ [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Адиб, 2013. – 176 с.

131. Сафаров, У. Мусофири ҷодаи Хуршед [Матн] / У. Сафаров. – Душанбе, 2005. – 152 с.
132. Солеҳов, Ш. Баъзе масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик [Матн] / Ш.Солеҳов. – Душанбе, 2021. – 267 с.
133. Тафаззулӣ, А. Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом [Матн] / А.Тафаззулӣ. – Теҳрон, 1376. – 468 с.
134. Тайло, М.А. Зан дар оинаи таърих [Матн] / М.А. Тайло. – Теҳрон: Интишороти Санавбар, 1371. – 679 с.
135. Уолт, У. Женшина в мифах и легендах [Матн] / Уитмен Уолт-Ташкент, 1992. – 121с.
136. Фарзона. Ашки сӯзон [Матн] / Фарзона. – Душанбе: Адиб, 2014. – 240 с.
137. Футуҳӣ, М. Балоғати тасвир [Матн] / Маҳмуди Футуҳӣ. – Теҳрон: Сухан, 1375.
138. Худойдодов, А. Рисолати зан дар оила [Матн] // Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо) / А. Худойдодов. – Душанбе, 2000. – С. 85-94.
139. Ҳаким, А. Сухан аз шеъру адаб [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе, 2017. – 358 с.
140. Ҳаким, А. Анвои шеъри ғиноӣ [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Дониш, 2020. – 546 с.
141. Ҳакимов, А. Шеър ва замон (Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик) [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 252 с.
142. Ҳакимова, С. Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ [Матн] / С. Ҳакимова. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – 336 с.
143. Ҳакимова, С. Баҳсе дар чигунагии шеъри иҷтимоӣ: Ҷилваҳои ҳунарӣ ва мазомини иҷтимоии шеъри Фарзона [Матн] / С. Ҳакимова // Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 106-112.
144. Ҳакимова, С. Биё, эй шеър, эй овози фардо [Матн] / С. Ҳакимова // Шеър, ҳунарва иҷтимоъ. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 113-119.
145. Ҳакимова, С. Шоири шӯрида бо тӯфону исёни шеър [Матн] / С. Ҳакимова // Шеър, ҳунар ва иҷтимоъ. – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 187-196.

146. Ҳарирӣ, Н. Фирдавсӣ, зан ва трождӣ [Матн] / Н. Ҳарирӣ. – Теҳрон: Китобсарои Бобил, 1365. – 482 с.
147. Ҳасанова, С. Робитаҳои фарҳангии умумибашарии Ғарбу Шарқ роҷеъ ба масоили гендер [Матн] / С. Ҳасанова // Зан, адабиёт ва ҷомеа (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе: ДСРТ, 2000. – С. 24-34.
148. Ҳиҷозӣ, Б. Зан ба танзи таърих [Матн] / Б. Ҳиҷозӣ. – Теҳрон: Шаҳрошӯб, 1370. – 396 с.
149. Ҳолат, А. Зандорӣ ва гирифторӣ [Матн] / А. Ҳолат. – Теҳрон: Дурсо, 1372. – 286.
150. Ҳуқуқӣ, М. Шеъри нав (аз оғоз то имрӯз) [Матн] /М. Ҳуқуқӣ. – Теҳрон,1377. – 1184 с.
151. Ҳумоӣ, Ҷ. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Ҷалолуддини Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1378. – 387 с.
152. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи XX [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
153. Шарифов Х. Шоир ва шеър [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.
154. Шарифзода Х. Сездаҳ мақола [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2013. – 272 с.
155. Шариатӣ, А. Исломшиносӣ [Матн] / А. Шариатӣ. – Теҳрон: Интишороти Чопахш, 1371. – 793 с.
156. Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / А. Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.
157. Ҷамолзода, С. Тасвири зан дар фарҳанги эронӣ [Матн] / С. Ҷамолзода. – Теҳрон: Амири кабир, 1349. – 587 с.

## III. Диссертатсия ва автрефератҳо:

158. Аминова, С. Женские образы в творчестве С. Айни [Текст] / С. Аминова. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – М., 1957. – 15 с.

159. Амриддин, Х. Тематические и жанровые особенности таджикской поэзии в период независимости Таджикистана [Текст] / Х. Амриддин // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2022. – 22 с.
160. Ашурова, Н.Д. Эволюция художественного вдения образа женщин в персдско-таджикской классической литературе (на примере творчества Фирдоуси и Низами). Автореф. док.фил.наук [Текст] / Н.Д. Ашурова. – Душанбе, 2021. – 48 с.
161. Бобоева, Т.Р. Система образов в современной таджикской поэзии (на примере творчества Фарзоны) [Текст] / Т.Р. Бобоева // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Худжанд, 2002. – 23 с.
162. Гончикова, Н.Д. Образ женщины в культуре бурят [Текст] / Н.Д. Гончикова // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – М., 1987. – 22 с.
163. Каримифар, Г. Любовная тематика в современной поэзии Ирана и Таджикистана (сопоставительный анализ) [Текст] / Г. Каримифар // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2016. – 22с.
164. Исмаилова, Ф.Е. Типология женских образов в казахской прозе 20х-30х годов [Текст] / Ф.Е. Исмаилова // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Алма-Ата, 1989. – 22 с.
165. Каргинова, С. Н. Эволюция образа женщины-горянки в осетинской литературе [Текст] / Диссертация кандидата филологических наук : 10.01.02./ С.Н. Каргинова- Владикавказ, 2006. – 169 с.
166. Косимов, С.С. Жизн и творчество Салими Хатлони (Проблемы поэзии в период независимости Республики Таджикистан) / С.С. Косимов // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе, 2013. – 26 с.

167. Курбонов, М.А. Художественная концепция образа матери в современной таджикской поэзии(цикл «Модарнома») / М.А. Курбонов // Автореферат диссертации кандидата филолог. наук. – Душанбе, 2000. – 19 с.
168. Манкиева, Э.Х. Образы женщин Северного Кавказа в русской поэзии 1820-1830-х годов [Текст]: диссертация кандидата филолог. наук/Э.Х. Манкиева - Москва, 2011. – 163 с.
169. Мелексетян, М. В. Образ матери в русской поэзии XX века: А. Блок, А. Ахматова, А. Твардовский [Текст]: диссертация кандидата филолог. наук /М.В.Мелексетян. – Москва, 2009. – 161 с.
170. Ризобоева, Н.М. Тасвирҳои породоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият) /Н.М. Ризобоева // Автореферати дисссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология / Н.М. Ризобоева. – Хуҷанд, 2022. – 25с.
171. Скиба, И.В. Парадигмы образа женщины в «элегиях» и «песнях и сонетах» Джона Донна. [Текст]: диссертация кандидата филолог. наук: 10.01.03 / И.В. Скиба. – Смоленск, 2010. – 219 с.
172. Хайруллина, Д.М. Образ женщины в русской и татарской литературе 1890-1917 годов (На примере творчества Г. Исхаки и М. Горького) [Текст]: диссертация кандидата фил. наук / Д.М. Хайрулина. – Уфа, 2005. – 222 с.
173. Худжова, М.У. Образы женщин в «Илохинаме» и «Хусравнаме» Фаридуддина Аттара [Текст] // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата фил. наук / М.У. Худжова. – Душанбе, 2006. – 22 с.
174. Шамсов, Н.С. Хабибулло Файзулло и его место в поэзии 60-70-х годов дватцатого века[Текст] // Автореф. дис. на соискание ученой степени канд. фил. наук / Н.С. Шамсов. – Душанбе, 2015. – 25 с.
175. Шарофзода, Г. Эволюция образа женщины в прозаических произведениях и народных романах персидско-таджикской литературы Х1-ХУ11вв. [Текст]: диссертация доктора филолог. наук / Г.Шарофзода. – Душанбе, 2012. – 333 с.

176. Шарофова Г. Женские образы в персидско-таджикской народных дастанах [Текст] // Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филолог. наук / Г. Шарофова. – Душанбе, 2006. – 24 с.
177. Шоева, Н.А. Ҷойгоҳи зан дар қиссаҳои нависандагони муосири тоҷик(проблема эмансипатсия) [Текст]// Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филолог. наук/Н.А. Шоев. – Душанбе, 2020. – 25 с.
178. Шофакирова, Р.М. Образ женщины-матери в «Шахнаме» Фирдоуси [Текст]: диссертация кандидата филолог. наук / Р. Шофакирова. – Душанбе, 2004. – 160 с.
179. Яукачева М. Тема освобождения женщины в современной персидской художественной прозы(1920-1950) [Текст] // Автореферат диссертации, представленной на соискание ученой степени кандидата филолог. наук/М. Яукачева. – Ташкент, 1960. – 17 с.

## IV. Мақолаҳо ва маърузаҳо:

180. Абдуманнон, А. Пасту баланди шеъри сол [Матн] / А. Абдуманнон // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 8 феврал. – С. 6-7.
181. Абдуманнон, А. Шеър ҷаҳони шоир аст [Матн] / А. Абдуманнон // Адабиёт ва санъат. – 2002. – 10 май. – С. 6-7.
182. Азизова, А. Симои зан дар эҷодиёти Бозор Собир [Матн] Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе: Сино, 2012. – №4. – С. 301-307.
183. Акбарзода, Ю. Давраи тозаи инкишофи шеъри тоҷик [Матн] / Ю. Акбарзод // Садои Шарқ. – 2012. – №12. – С. 110-129.
184. Амриддин, Ҳ. Образи зан-модар дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ҳ. Амриддин // Паёми ДМТ. – 2021. – №3. – С. 178-183.
185. Бобокалонова, Ҷ. Васфи зани озод [Матн] / Ҷ. Бобоклонова // Занони Тоҷикистон. – 1987. – №12. – С. 10.

186. Бобокалонова, Ҷ. Ду симои ҷовид [Матн] / Ҷ. Бобоклонова // Занони Тоҷикистон. – 1979. – №7. – С. 17.

187. Бобокалонова, Ҷ. Мақоми зан дар ислом ва Қуръон [Матн] / Ҷ. Бобоклонов а// Гули мурод. – 1999. – №1/6. – С. 37-42.

188. Брагинский, И.С. Вассофи зани мубориз [Матн] / И.С. Барагинский // Садои Шарқ. – 1969. – №12. – С. 125-128.

189. Гинуавашвили, А.С. Заметки о женских образах ва «Шахномаме» [Текст] / А.С. Гинуавашввили // Тбил. унвер-т. – 1965. – Т. 116. Серия востоковедение, вып. 5. – С. 181-197.

190. Давлатов, М. Ишқ ва оила дар ғазалиёти Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов // Маориф ва маданият. – 1963. – 15 август. – С. 4.

191. Имомов, М. Назаре ба марҳилабандии адабиёти навини тоҷик [Матн] / М. Имомов // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. – Душанбе, 1999. – С. 35-39.

192. Исрофилниё, Ш.Р. Устураи сарнавишт [Матн] /Ш.Р. Исрофилниё//Адабиёт ва санъат. – 2021. – 30 сентябр. – №40 (2115). – С. 12-13.

193. Қаноат, М. Вожаҳои сарнавишт [Матн] / М. Қаноат // Адабиёт ва санъат. – 2002. – 2 октябр. – С. 8.

194. Келдӣ, Г. Равандҳои тоза дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Г. Келдӣ // Адабиёт ва санъат. – 2002. – 20 декабр. – №51. – С. 6.

195. Келдӣ, Г. Ватан, эй қаламрави ман [Матн] / Г. Келдӣ // Адабиёт ва санъат. – 1988. – 20 октябр. – С.  12.

196. Келдиёров, Т. Раванди шеъри муосир [Матн] / Т. Келдиёров // Паёми Суғд. – 2003. – №2. – С.  40-45.

197. Қосим, Н. Панҷ соли адабиёти тоҷик [Матн] / Н. Қосим // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 1 январ. – С.  3.

198. Мирзоюнус, М. Бе ту хокам, бо ту афлок Тоҷикистон [Матн] / М. Мирзоюнус // Хуҷанд. – 2005. – №12. – С. 93-98.

199. Нарзиқул, М. Оинаи нақди адабии муосир [Матн] /  М. Нарзиқул // Адабиёт ва санъат, 2017. – 30-март. – С. 10.

200. Сайфуллоев, А. Зани озоди Шарқ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода [Матн] / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. – 1981. – №9. – С. 52-66.
201. Сатторзода, А. Бозтоби замони Истиқлол дар адабиёт: Бурду бохт [Матн] / А. Сатторзода // Адабиёт ва санъат. – № 26 (2101). – 24 июни 2021. – С. 1-2.
202. Собиров, А.Б. Назаре ба мухтасоти шаклии ғазалиёти Озар [Матн] / А.Б. Собиров // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – №4. – С. 123-127.
203. Собиров, А.Б. Бозтоби мавзуи ишқ дар шеъри Озар [Матн] / А.Б. Собиров // Номаи Донишгоҳ (ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров). – Хуҷанд, 2021. – №2 (67). – С. 92-96.
204. Шарифов, Х. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзи тоҷик [Матн] / Х. Шарифов // Садои Шарқ. – 1983. – №3. – С. 107-113.
205. Шакурӣ, М. Шеъри тоҷик ба кадом сӯ меравад? [Матн] / М. Шакурӣ // Рӯдакӣ. – 2004. – №5. – С. 105-119.
206. Ҳодизода, Р. Сабзаҳои умед [Матн] / Р. Ҳодизода // Садои Шарқ. – 1979. – №5. – С. 136.
207. Яукачева, М. Проблема освобождения иранской женщины в сoременной персидской прозы [Текст] / М. Яукачева // Краткое сообщения Института востоковедение, ХХУ11. Издательство восточной литературы. – М., 1958. – С. 42-49.
208. Яукачева, М. Образы женщин в произведениях Бозорга Аляви [Текст] / М. Яукачева // Сборник работ аспирантов. Отделение общественных наук, вып.2. Издательство Академии наук Узбекской ССр. – Ташкент, 1958. – С. 67-83.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои зан-модар дар ашъори Муъмин Қаноат [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №6-1 (101). – С. 267-273.

[2-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири зан-модар дар шеъри Раҳмат Назрӣ [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – №2 (46). – С.123-129.

[3-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои зан дар ашъори Фарзона [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №1 (49). – С. 171-179.

[4-М]. Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2023. – №2 (103). – С. 122-131.

[5-М]. Раҳимӣ, М.Р. Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар (дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ) [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №3 (104). – С. 145-150.

### II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[6-М]. Каримова, М. (Раҳимӣ, М.Р.) Истифодаи ороялҳои адабӣ дар ашъори ба васфи зан-модар бахшидаи адибони муосири тоҷик [Матн] / М. Каримова (М.Р. Раҳимӣ) // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафӣ. – Душанбе, 2017. – №2-3 (26-27). – С.68-75.

[7-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасври зан-модар дар шеъри Муъмин Қаноат [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Анвори дониш (Маводи конференсияи апрелии устодони кафедраи забони тоҷикӣ бахшида ба «Рӯзи дониш»). – Душанбе, 2021. – С. 74-82.

[8-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири образи модар дар шеъри шоирони муосири тоҷик [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Лоиқ Шералӣ ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик» бахшида ба 80-солагии Лоиқ Шералӣ. – Душанбе, 2021. – С. 225-231.

[9-М]. Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. С. Айнӣ ва суннати адабии тавсифи зан дар адабиёти муосири тоҷик [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд (Маводи конференсияи апрелии устодони кафедраи назарияи ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ). – Душанбе, 2022. – С. 134-138.

[10-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол(дар заминаи ашъори Озар Салим) [Матн] / М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистирантон ва донишҷӯёни ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Нақши фанҳои гуманитарӣ ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди босуботи ҷомеа». – Душанбе, 2023. – С. 194-200.

[11-М].Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Образи модар дар ашъори Фарзона [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Мероси Шарқ. – Душанбе, 2023. – №3 (5). – С. 115-127.

[12-М].Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри Фарзона [Матн] / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи байналмилаллии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюли рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 580-592.